**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

**ВБД: 930 (575.3) (076)** *Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ДАВЛАТШОЕВ РАҲМАТШО ҲИММАТШОЕВИЧ**

# НАҚШИ АКАДЕМИК МУЛЛО ЭРКАЕВ ДАР ИНКИШОФИ ИЛМ ВА МАЪЛУМОТИ ОЛИИ КАСБИИ ТОҶИКИСТОН (СОЛҲОИ 40 – УМ – НИМАИ АВВАЛИ СОЛҲОИ 90 – УМИ АСРИ XX)

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD),**
**доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ**
**(таърихи халқи тоҷик)**

**Роҳбари илмӣ:**
**номзади илмҳои таърих,**
**дотсент Мунавваров М.**

**Душанбе – 2024**

# МУНДАРИҶА

**ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРҲО ........................................................................ 3**

**МУҚАДДИМА ........................................................................................ 4**

**БОБИ I. ҲАЁТ ВА ФАЪОЛИЯТИ ИЛМИВУ ПЕДАГОГӢ ВА ТАШКИЛОТЧИГИИ МУЛЛО ЭРКАЕВ ................................................ 22**

I.1. Давраи кӯдакӣ, наврасӣ, ҷавонӣ ва оғози фаъолияти омӯзгорӣ ...... 22

I.2. Камолоти илмиву педагогии Мулло Эркаев .................................... 43

I.3. Масъалаҳои таърихи халқи тоҷик дар осори илмии Мулло Эркаев 67

I.4. Саҳми Мулло Эркаев дар корҳои ташкилию ҷамъиятӣ .................... 99

**БОБИ II. МАКТАБИ ИЛМИВУ ПЕДАГОГИИ АКАДЕМИК МУЛЛО ЭРКАЕВ .................................................................................................. 110**

II.1. Нақши М. Эркаев дар инкишофи таърих, назария ва амалияи касби омӯзгорӣ ................................................................................................ 110

II.2. Саҳми академик Мулло Эркаев дар тайёр намудани кадрҳои илмиву педагогӣ ................................................................................................ 124

**ХУЛОСА ............................................................................................... 145**

**НОМГӮЙИ АДАБИЁТ ........................................................................... 156**

## ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРҲО

АМИТ – Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

АИП – Академияи илмҳои педагогӣ

БМДҶТ – Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ДМТ – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

ДДОТ – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон

КОА – Комиссияи олии аттестатсионӣ

ИДМ – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

ИҶШС – Иттиҳоди Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистӣ

ҲКИШ – Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шуравӣ

КИМ – Кумитаи Иҷроияи Марказӣ

ҲКУ (б) – Ҳизби Коммунистии умумииттифоқӣ (болшевикон)

ҲКР – Ҳизби Коммунистии Русия

ҲК – Ҳизби Коммунистӣ

ҶМШС – Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистӣ

ҶШС – Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистӣ

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.** Дар охири асри XX Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақил эътироф шуда, дар соҳаи маорифи он марҳилаи рушди дигаргуниҳои амиқи сифатӣ оғоз гардид.

Чуноне ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд: «Ҳукумат рушди соҳаи маорифро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат мешуморад ва барои таълиму тарбияи насли бомаърифату соҳибҳунар ва ворисони сазовори халқу давлат пайваста кӯшишу талош дорад»[1].

Ҳукумат дар марҳилаи ҳозираи пешрафти ҷомеа барои беҳтар ба роҳ мондани низоми кории муассисаҳо, хусусан, таҳсилоти олии касбӣ, амалӣ намудани ислоҳоти маориф бо назардошти бозори меҳнати дохилӣ ва хориҷӣ, эҳтиёҷот ба кадрҳои баландихтисос дар кишвар чораҳои зиёдеро пеша намуда, дар заминаи анъанаҳои гузаштаи халқи тоҷик олимону зиёиёнро ба ин кори муҳим сафарбар намудааст.

Ҳеҷ як халқу кишваре бе омӯзгор, бе сухану суханвараш қобили шиносоӣ нест. Халқи тоҷик аз даврони қадим бо олимону устодони оламшумули хеш миёни ҷомеаи инсонӣ мақоми хоса касб намудааст. Аммо, ин раванд дар марҳилаи ташаккулёбии Тоҷикистон боз аз нав эҳё гардид. Соҳаи маълумоти касбии олӣ низ бо намояндагони маъруфи худ ном баровардa, халқу давлат бо бисёре аз онҳо ифтихор дорад, ёди онҳоро пос медорад. Аммо, имрӯз на ҳамаи онҳоро, бахусус, ҷавонон медонанду мешиносанд.

Хизматҳои мондагори фарзандони миллати тоҷик Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Баҳодур Искандаров, Аҳрор Мухторов, Зариф Раҷабов, Мулло Эркаев, Одил Маҷлисов, Нуъмон Неъматов, Моёншо Назаршоев, Низом Нурҷонов, Олуболу Боқиев, Раҳим Масов ва дигарон дар авроқи

[1] Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, – 25. 04. 2018.

заррини таърихи кишвар бо дастовардҳои илмию мадании худ сабт гардидаанд.

Мулло Эркаев аз зумраи онҳоест, ки фаъолияти сиёсӣ, омӯзгорӣ, ба камол расонидани даҳҳо ҳазор нафар шогирдон ва дар баробари ин, бо дастовардҳои илмию таҳқиқотии ибратомӯз номи худро дар таърихи халқи тоҷик абадӣ сабт намудааст. Рисолаи мазкур ба таҳлилу баррасии нақши густурда дар роҳи инкишофи маълумоти олии касбии кишвар, таҳқиқотҳои фарохи илмӣ, омоданамоии мутахассисони касбӣ, фаъолияти таълимию тарбиявӣ ва ҷамъиятии омӯзгори нотакрор, муаллифи китобу мақолаҳо дар соҳаи илмҳои педагогӣ, ҳамзамон, доктори илми таърих, профессор, аввалин академик АИП ИҶШС Мулло Эркаев бахшида шудааст. Мулло Эркаев аз симоҳои барҷастаи ҷамъиятиву сиёсӣ, илмиву педагогии солҳои 40–ум – нимаи аввали солҳои 90–уми асри XX–и Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти илмиву омӯзгории ин олими забардаст дар таърихнигории халқи тоҷик саҳифаҳои нав кушода оиди таърихи эҳёи давлатдории шуравии тоҷикон, рушду равнақи иқтисодиву илмӣ ва фарҳангии Тоҷикистон шинос менамояд. Ҳамин тариқ, академик Мулло Эркаев яке аз фаъолтарин созандагони ҷомеаи сотсиалистӣ ва яке аз поягузорони мактаби олию илми таърихшиносии тоҷик буда, дар рушди илм, маориф ва мактаб, таъриху фарҳанги халқи тоҷик саҳми арзанда гузоштааст.

Дар солҳои охир доир ба таърихи илму маориф ва дастовардҳои замони Иттиҳоди Шуравӣ чандин пажӯҳиш сурат гирифта истодааст. Дар Тоҷикистон ин масъала бештар дар матбуоти даврӣ ва маводи конференсияҳои илмие, ки ба солгарди намояндагони бузурги илму маориф бахшида шудаанд ва ҳамзамон, дар як қатор рисолаҳои илмӣ диққат дода шудааст.

Мубрам будани мавзӯи таҳқиқотро ба чанд далел метавон асоснок кард:

– **якум,** дар ҳама давру замон аз ҷиҳати сиёсӣ ва иҷтимоӣ ҳаёти мардуму ҷомеа ниёзманди аҳли илму маориф буд, ҳаст ва боқӣ хоҳад монд. Раванди имрӯзаи ҳаёт рӯз ба рӯз нишон медиҳад, ки мақом ва мартабаи ин табақа аз ҳолати инқирозии охири асри XX ва аввали асри XXI баромада боз мавқеъ ва мартабаи худро дар ҷомеа мустаҳкам намуда истодааст;

– **дувум,** заифшавии ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсии мардуми Тоҷикистон ба пошхӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ вобаста буда, ҷанги шаҳрвандӣ, камбудиҳои соҳаи илму маорифи ҷумҳурӣ самараи ин омилҳо ба шумор меравананд;

– **сеюм,** имрӯз бо итминони комил метавон гуфт, ки яке аз сабабҳои дилсардшавии қисми зиёди омӯзгорон аз пешаи боифтихору пуршарафи хеш – ин дур будани онҳо аз таърихи маорифи миллӣ, тасаввуроти кам доштани онҳо аз ҳаёт ва фаъолияти ибратбахши намояндагони барҷастаи илму маорифи ватанӣ мебошад;

– **чорум,** қайд бояд намуд, ки барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ ва омӯзишгоҳҳои омӯзгории Тоҷикистон бо сабаби барзиёдии маводи таълимӣ ва маҳдуд будани соатҳои дарсӣ, мавзуҳои фарогири таърихи илму маориф дар барномаҳои таълимӣ қариб мавҷуд нест, то омӯзгорони ояндаро ба таърихи маорифи тоҷик (махсусан, давраи шуравӣ) ошно созем. Зеро ин ба тайёрии касбии онҳо кумак расонда, аз неъматҳои маънавӣ баҳравар мешаванду дар кори ҳаррӯзаи худ истифода менамоянд;

– **панҷум,** ҳадафи муҳимми таҳқиқоти мо, муқоисаи дирӯзу имрӯзи рӯзгори яке аз маорифчиёни намоёни ватанӣ – Мулло Эркаев буда, кӯшиш намудем, то тавонем умдатарин ҷузъиёти таҷрибаи илмиву педагогии ӯро мавриди таҳқиқу арзёбӣ қарор диҳем ва камбудиву иллатҳои муҳимтарини зоҳиран назарногири ҳаётро ошкор созем;

– **шашум,** омӯзиши зиндагиномаи ин намояндаи барҷастаи илму маорифи тоҷик ба ҷавонони имкон медиҳад, ки анъанаҳои бузург, аз қабили дилбохтагӣ ба касби интихобкарда, ҳалолкорӣ, сабру таҳаммул,

иродаи қавӣ, меҳнатдӯстӣ ва ғайраҳоро омӯхта, сармашқи кору зиндагии худ қарор диҳанд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ.** Мавзӯи интихобшуда ба саҳми академик Мулло Эркаев дар инкишофи маълумоти олӣ ва илми таърихи халқи тоҷик, тайёр кардани кадрҳои илмиву омӯзгорӣ бахшида шудааст.

Маълумоте, ки доир ба фаъолияту эҷодиёти академик Мулло Эркаев вуҷуд доранд, аксаран хусусияти ҷашнӣ дошта, ҳаёту фаъолияти олимро ҳаматарафа дар бар намегиранд. Маҳз ҳамин ҳолат аст, ки мо адабиёти ба мавзӯи таҳқиқотӣ дахл доштаро ба чанд гурӯҳ ҷудо намудем.

**Ба гурӯҳи якум** таҳқиқотҳоеро ворид намудем, ки ба шарҳи ҳолу фаъолияти илмию ҷамъиятии муаррихони шинохта, аз ҷумла: В.В. Бартолд[1], А.А. Семёнов[2], Б.Ғ. Ғафуров[3], З.Ш. Раҷабов[4], С.А. Раҷабов[5], Б.И. Искандаров[6], Б.А. Литвинский[7], А. Мухторов[8], Р. Набиева[9], Р. Масов[10] ва дигарон бахшида шудаанд.

Зеро дар онҳо ҳаёту фаъолияти ин олимону муҳаққиқон таҳқиқ гардидаанд. Мо аз ин асарҳо масъалаҳои вобаста ба рӯзгору осори М.

---

[1] Шарофуддинов, С.С. Вклад академика В.В. Бартольд в изучение истории и культуры таджикского народа IX– XV вв.: дисс… канд. ист. наук / С.С. Шарофуддинов. – Душанбе, 2014. – 161 с.

[2] Джобиров, Р.Ф. Академик А.А. Семёнов – исследователь истории и культуры таджикского народа: дисс… канд. ист. наук / Р.Ф. Джобиров. – Душанбе, 2016. – 171 с.

[3] Каримов, О.К. Вклад академика Б.Г. Гафурова в создание истории таджикского народа: дисс… канд. ист. наук / О.К. Каримов. – Душанбе, 1999. – 184 с.

[4] Хамидов, Н. История становления и развития исторической науки в 30– 80 гг. XX века в Таджикистане (на примере научного наследия академика З.Ш. Раджабова): дисс… канд. ист. наук / Н.А. Хамидов. – Душанбе, 2009. – 186 с.

[5] Джаборов, И.Р. Вклад академика С.А. Раджабов в развитие высшего образования и науки Таджикистана: дисс… канд. ист. наук / И.Р. Джаборов. – Душанбе, 2014. – 182 с.

[6] Карамалишоев, К.Н. Вклад академика Б.И. Искандарова в изучении социально– экономической и общественно– политической жизни таджикского народа в XIX и начале XX в- В.: дисс… канд. ист. наук / К.Н. Карамалишоев. – Душанбе, 2019. – 184 с.

[7] Тожиев, Э. Вклад академика Б.А. Литвинского в изучение истории культуры Северного Таджикистана: дисс… канд. ист. наук / Э. Тожиев. – Душанбе, 2009. – 178 с.

[8] Насриддинов, Х. Вклад академика А.М. Мухторова в изучение истории таджикского народа: дисс… канд. ист. наук / Х. Насриддинов. – Душанбе, 2011. – 180 с.

[9] Бодурбекова, А.Н. Освещение истории женшин Таджикистана в трудах профессора Р. А. Набиевой: дисс… канд. ист. наук / А.Н. Бодурбекова. – Душанбе, 2019. – 186 с.

[10] Нурова, Х.С. Вклад академика Р.М. Масова в изучении истории и историографии таджикского народа: дисс… канд. ист. наук / Х.С. Нурова. – Душанбе, 2019. – 183 с.

Эркаев алоқамандро аҳаммият дода, дар таҳқиқоти худ аз роҳу усули муқоисавӣ бо онҳо истифода кардаем.

**Ба гурӯҳи дуюм** адабиётеро ҷой додем, ки ба ҳаёту фаъолияти М. Эркаев бахшида шудаанд ва хусусияти илмиву таҳқиқотӣ доранд. Ба ин гурӯҳ асарҳои профессор Р. Абулҳаев[1], монографияи профессор Ҳ. Пирумшоев[2], брошураи А. Фузайлов ва Д. Кабутов[3] ва китоби дастаҷамъонае бо номи «Ахтарони илми таърих»[4] дохил мешаванд.

Дар китоби профессор Р. Абулҳаев «Аз гузашти рӯзгор (Ёддоштҳо)», ки бевосита олим ба ҳаёту фаъолияти худ бахшидааст, қисман аз мактаби илмиву омӯзгории М. Эркаев ёдоварӣ намудаанд. Гарчанде ки маълумотҳо фишурда бошанд ҳам, дорои хусусияти воқеӣ мебошанд ва мо дар раванди таҳқиқоти худ аз маводҳои он истифода намудаем.

Китоби дигари профессор Р. Абулҳаев «Аз таърихи барпо ва мустаҳкам шудани Ҳокимияти Шуравӣ дар Тоҷикистони Шимолӣ ва Помир (солҳои 1917-1924)»[5] мебошад, ки муаррих таҳқиқоти худро дар асоси сарчашмаҳову адабиёт ва маводи лозима илман асоснок ва ҷамъбаст намудаанд. Доир ба ин воқеаи таърихӣ дар давраи шуравӣ низ олимони зиёд, махсусан, М. Эркаев таҳқиқоти илмӣ ба анҷом расонидааст, ки дар асари Р. Абулҳаев назари хосаи олим нисбат ба таҳқиқоти анҷомдодаи академик М. Эркаев, ҳамчун муҳаққиқи барҷастаи «Таърихи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон» ба мушоҳида мерасад. Аз ин лиҳоз, мо дар таҳқиқоти худ аз маводҳои он истифода намудаем.

---

[1] Абулҳаев, Р. Аз гузашти рӯзгор (Ёддоштҳо) / Р. Абулҳаев. – Душанбе: Эр-граф, 2020. – С. 352; Абулҳаев, Р. Аз таърихи барпо ва мустаҳкам шудани Ҳокимияти Шуравӣ дар Тоҷикистони Шимолӣ ва Помир (солҳои 1917-1924) / Р. Абулҳаев. – Душанбе, 2022. – 352 с.

[2] Пирумшоев, Ҳ. Ҷовидон дар ёдҳо / Ҳ. Пирумшоев. – Душанбе, 2000. – 183 с.

[3] Фузайлов, А. Мулло Иркаев (описание жизнедеятельности и библиография трудов ученого) / А. Фузайлов, Д. Кабутов. – Душанбе: Ирфон, 1990. – 38 с.

[4] Ахтарони илми таърих (Маводи конференсияи илмӣ – назариявӣ дар мавзӯи «Саҳми академик Мулло Эркаев ва профессор Одил Маҷлисов дар рушди илми таърихи ватанӣ»). – Душанбе, 2021. – 160 с.

[5] Абулҳаев, Р. Аз таърихи барпо ва мустаҳкам шудани Ҳокимияти Шуравӣ дар Тоҷикистони Шимолӣ ва Помир (солҳои 1917-1924) / Р. Абулҳаев. – Душанбе, 2022. – 352 с.

Оид ба ҳаёти академик Мулло Эркаев профессор Ҳ. Пирумшоев маълумоти васеъ додааст, ки аз нуқтаи назари мо, беҳтарин осори тарҷумаиҳолии М. Эркаев ба ҳисоб меравад. Агарчи қисмати тахаюлотию бадеии матни ин китоб хело зиёд аст, вале ба ҳаёти возеҳии М. Эркаев хеле наздик ва шабеҳ мебошанд. Мо дар таҳқиқоти худ аз маводҳои он фаровон истифода кардаем.

Дар брошураи А. Фузайлов ва Д. Кабутов ба тарзи фишурда ҳаёту фаъолият ва қисман рӯйхати китобу монография ва мақолаҳои таълифнамудаи М. Эркаев дарҷ гардидаанд, ки мо дар раванди таҳқиқоти худ аз мавод ва адабиёти дар он ифодагардида, истифода намудаем.

Дар китоби «Ахтарони илми таърих», ки қисми асосияш ба ҳаёту фаъолияти М. Эркаев бахшида шудааст, ин матн ҳам ба қалами Ҳ. Пирумшоев дахл дошта, як намунаи дигари баёни рӯзгори М. Эркаев аксаран конспекти дигари китоби «Ҷовидон дар ёдҳо» мебошад. Характери ҷашнӣ доштани китоби «Ахтарони илми таърих»–ро ба инобат гирифта, аз шарҳи пурраи он худдорӣ намудем.

Бо вуҷуди он, ки ин ду асар характери таҳқиқотӣ доранд, вале на ҳама давра ва паҳлуҳои ҳаёту фаъолияти академик Мулло Эркаев дар бар гирифта шудааст.

**Ба гурӯҳи сеюм** маводҳоеро дохил кардем, ки оид ба паҳлуҳои ҳаёт ва фаъолияти М. Эркаев маълумот додаанд. Ин, пеш аз ҳама, тақризҳо ба асарҳои нашрнамудаи Мулло Эркаев[1], мақолаҳои ба ҷашнвораҳои М.

---

[1] Шарипов, Я. Асари пурқимат оид ба таърихи ҷанги гражданӣ дар Тоҷикистон / Я. Шарипов ва Ш. Солмонов // Тоҷикистони Советӣ. – Душанбе, 1963. – 24 сентябр; Абулҳаев, Р. Ёди муборизон / Р. Абулҳаев // Маориф ва маданият. – Душанбе, 1966. – 9 июн; Искандаров, Б. Большая заслуга ученого / Б. Искандаров, К. Мавлянов, С. Ташхуджаев // Коммунист Таджикистана. – Душанбе, 1970. – №59. – 12 март; Муродалиев, Ғ. Муҳаққиқ (Дар бораи прфессор Мулло Эркаев) / Ғ. Муродалиев // Маориф ва маданият. – Душанбе, 1966. – 1 октябр; Мирбобоев, С. Таҳқиқоти муҳим / С. Мирбобоев // Тоҷикистони Советӣ. – Душанбе, 1966. – 30 июл; Ойматов, Х. Таҳқиқоти барҷаста (Муҳокимаи асарҳои ба мукофот пешниҳодшуда) / Х. Ойматов, Ю. Раҳимов // Тоҷикистони Советӣ. – Душанбе, 1967. – 15 октябр; Собиров, Б. Ҳимояи унвони докторӣ / Б. Собиров // Маориф ва маданият. – Душанбе, 1964, – 15 феврал; Защита

Эркаев бахшидаи муаллифони гуногун ба ҳисоб меравандҳ[1]. Бисёре аз онҳо хусусияти илмиву оммавӣ дошта, оид ба фаъолияти илмӣ, педагогии Мулло Эркаев маълумот медиҳанд ва барои инъикоси шахсияти ӯ кумак мерасонанд.

**Ба гурӯҳи чорум** осори муҳаққиқони тоҷик, ки ба масъалаҳои таърихи мактаби олӣ бахшида шудаанд, дохил мешаванд. Аз ҷумла, осорҳои А. Шарипов[2], З.Ш. Раҷабов[3], Э. Ямоқов[4], М. Бобохонов[5], М.С. Имомзода[6], Ҳ. Пирумшоев[7] ва дигарон аз зумраи онҳо мебошанд.

Олимони зикршуда дар осори худ вазъи илму маорифро мавриди таҳқиқ қарор дода, оид ба баъзе аз осор ва хизматҳои Мулло Эркаев маълумот додаанд.

Муаллиф Абдуфаттоҳ Шарипов дар асари худ «Таърихи мактабҳои олии Тоҷикистон» масъалаҳои кушодашавии мактабҳои олӣ – таълимии ҷумҳурӣ, раванди таълиму тарбия, омоданамоии мутахассисони соҳибкасб

---

докторской диссертации // Коммунист Таджикистан. – Душанбе, 1964. – 19 февраль. – С. 3.

[1] Ҷашни олимон // Ба қуллаҳои дониш. – Душанбе, 1960. – 24 сентябр; Холджураев, Х. Подарок к юбилею / Х. Холджураев // К вершинам знаний. – Душанбе, 1969. – 27 январ; Обидов, И.О. Омӯзгор муҳаққиқ ва ходими ҷамъиятӣ / И.О. Обидов // Мактаби Советӣ. – Душанбе, 1990. – №7,8,9. – С.57; Кабутов, Д. Сабақи устод / Д. Кабутов, Ҳ. Пирумшоев, М. Шерғозиев // Нидои ранҷбар. – Душанбе, 1996. – 26 сентябр; Маҳмудов, Д. Вуҷуди марди доно мисли зарри тилло / Д. Маҳмудов // Фараж. – 2010, – №27. – 7 июл; Мунавварова, Т.З. Труженик просвещения и науки / Т.З. Мунавварова // Народная газета. – Душанбе, 2020. – 20 мая. – №21. – С. 7; Давлатшоев, Р. Рӯзгоре барои ибрат / Р. Давлатшоев // Ҷумҳурият. – Душанбе, 2020. – №142. – 30 июл.

[2] Шарипов, А.А. Таърихи мактаби олии Тоҷикистон / А.А. Шарипов. – Хуҷанд: Хуросон, 2002. – 235 с.

[3] Раджабов, З. Таджикский государственный университет им. В.И. Ленина – Детище Великого Октября / З. Раджабов. – Душанбе: Дониш, 1967. – 160 с.; Раджабов, З. Наука Советского Таджикистана / З. Раджабов. – Душанбе: Дониш, 1968; Раджабов, З. Развитие науки в Таджикской ССР / З. Раджабов. – М: Наука, 1964. – 67 с.

[4] Ямоқов, Э. Нахустмактаби олии Тоҷикистон / Э. Ямойов, Б. Мирзоев. – Душанбе: Маориф, 1991. – 272 с.

[5] Бобохонов, М. Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон (марҳилаҳои асосии таърихӣ: 1948 – 2008) / М. Бобохонов, Р. Комилов, З. Акрамов. – Душанбе: Эр– граф, 2008. – 352 с.

[6] Имомзода, М. Аз остон то камолот / М. Имомзода, С. Сафармамадов, Қ. Расулиён. – Душанбе: ЭР– граф, 2018. – 692 с.

[7] Пирумшоев, Ҳ. Донишгоҳи омӯзгорӣ дар масири таърихи миллат / Ҳ. Пирумшоев, Н. Убайдуллоев, А. Худойдодов, М. Маликов. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 488 с.

дар мактабҳои олии кишварро мавриди омӯзиш қарор додааст ва баъзе аз паҳлуҳои мавзӯи таҳқиқоти мавриди назарро дар асар инъикос намудааст.

**Ба гурӯҳи панҷум** маводи матбуоти давриро, ки ба масъалаҳои гуногуни ҳаёту фаъолияти Мулло Эркаев бахшида шудаанд, дохил намудаем[1]. Маводи аз матбуоти даврӣ дастрасшуда, фикру андешаҳои мухталифи олимон буда, дар он андешаҳои доир ба вазъи илму маориф ва олимону омӯзгорони мактаби олӣ баён ёфтааст.

Ҳамин тавр, олимони ватанӣ ба шарофати таҳқиқоти хеш масоили баҳсталаби интихобкардаи моро то як дараҷа мушаххас карда тавонистаанд. Аммо, саҳми академик Мулло Эркаевро дар инкилофи илм ва мактаби олии Тоҷикистон бевосита мавриди таҳқиқот қарор надодаанд. Аз ин рӯ, зарурати анҷом додани таҳлили масоили мазкур фаро расидааст ва мо ба иҷрои он иқдом намудаем.

**Робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ мутобиқи нақшаи дурнамои кори илмӣ – таҳқиқотии кафедраи таърихи нав ва навини кишварҳои хориҷии факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳти унвони «Нақши академик Мулло Эркаев дар инкишофи илм ва маълумоти олии касбии Тоҷикистон (дар солҳои 40–ум – нимаи аввали солҳои 90–уми асри XX)» иҷро шудааст.

---

[1] Абулҳаев, Р. Ёди мубориზон / Р. Абулҳаев // Маориф ва маданият. – Душанбе. 1966. – 9 июн; Валиқулов, Ю. Таърихшиноси нахустини воҳа / Ю. Валиқулов Садои сухан. – Душанбе, 2000, – №1. – 15 май. – С.4; Защита докторской диссертации // Коммунист Таджикистана. – Душанбе, 1964, – 19 феврал; Искандаров, Б. Большая заслуга ученого / Б. Искандаров, К. Мавлянов, С. Ташхуджаев // Коммунист Таджикистана. – Душанбе, 1970. – №59. – 12 март; Кабутов, Д. Сабақи устод / Д. Кабутов, Ҳ. Пирумшоев, М. Шерғозиев // Нидои ранҷбар. – Душанбе, 1996. – 26 сентябр; Муродалиев Ғ. Муҳаққиқ (Дар бораи профессор Мулло Эркаев) / Ғ. Муродалиев // Маориф ва маданият. – Душанбе, 1966. – 1 октябр.; Мирбобоев, С. Таҳқиқоти муҳим / С. Мирбобоев // Тоҷикистони Советӣ. – Душанбе, 1966. – 30 июл.; Собиров, Б. Ҳимояи унвони докторӣ / Б. Собиров // Маориф ва маданият. – Душанбе, 1964. – 15 феврал; Маҳмудов, Д. Вуҷуди марди доно мисли зарри тилло / Д. Маҳмудов // Фараж. – Душанбе, 2010. – №27. – 7 июл; Муҳокимаи асарҳои ба мукофот пешниҳодшуда // Тоҷикистони Советӣ. – Душанбе, 1967. – 15 октябр.; Мунавварова, Т.З. Труженик просвещения и науки / Т.З. Мунавварова // Народная газета. – Душанбе, 2020. – 20 мая. – №21. – С. 7.; Давлатшоев, Р. Рӯзгоре барои ибрат / Р. Давлатшоев // Ҷумҳурият. – Душанбе, 2020. – 30 июл. – №142.

# ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар диссертатсия нахустин маротиба дар асоси сарчашмаҳо ва адабиёти илмӣ оид ба фаъолияти илмию ҷамъиятии академик Мулло Эркаев дар инкишофи илм ва маълумоти олии касбии Тоҷикистон ба таври пурра таҳқиқот сурат гирифтааст. Бо ин мақсад дар навиштани диссертатсия **вазифаҳои** зерин гузошта шудааст:

– нишон додани ҳаёти наврасӣ ва ҷавонии Мулло Эркаев;

– муайян намудани раванди таҳсил, донишандӯзӣ, оғози фаъолияти омӯзгорӣ ва камолоти илмиву педагогии академик Мулло Эркаев;

– инъикоси воқеаҳои таърихӣ аз назари муҳаққиқ ва муайян намудани мақоми академик Мулло Эркаев ҳамчун муҳаққиқи ҷанги шаҳрвандии солҳои 20–уми асри XX дар Тоҷикистон;

– омӯзиши фаъолияти сиёсӣ, ташкилӣ ва ҷамъиятии академик Мулло Эркаев дар кори равшаннамоии мактаби олӣ;

– инъикоси нақши академик М. Эркаев дар назария ва амалияи касби омӯзгорӣ;

– нишон додани саҳми академик М. Эркаев дар тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси илмии соҳаи таърих.

**Объекти таҳқиқоти диссертатсиониро** таҳлили масъалаҳои мубрами таърихи мактабҳои олии Тоҷикистон дар давраи шуравӣ ташкил медиҳад.

**Мавзӯи (предмети) таҳқиқоти диссертатсионӣ** – омӯзиши ҳаёт, фаъолияти илмиву педагогӣ ва саҳми яке аз намояндагони намоёни соҳаи маорифи ватанӣ академик Мулло Эркаев дар инкишофи мактаби олӣ мебошад.

**Чаҳорчӯбаи хронологии таҳқиқоти** рисолаи илмӣ солҳои 40–ум то нимаи аввали солҳои 90–уми асри XX, махсусан, ташкил шудани мактабҳои олии ҷумҳурӣ ва ҳаёту фаъолияти илмиву педагогии академик М. Эркаевро дар бар мегиранд, ки онро ба ду марҳила тақсим намудем:

– марҳилаи якум аз солҳои 40–ум то нимаи аввали солҳои 70–уми асри XX;

– марҳилаи дуюм аз нимаи дуюми солҳои 70–ум то нимаи аввали солҳои 90–уми асри XX.

**Асосҳои методологии диссертатсия.** Ин принсипи таърихият ва методологияи таърихӣ мебошад, ки имконият медиҳад, далелҳо ва воқеаҳоро дар вазъияти мушаххаси таърихӣ баррасӣ намуда, алоқамандии онҳоро вобаста ба шароит муайян намоем. Дар рафти таҳқиқот аз усули таърихӣ васеъ истифода шудааст. Ин усул дорои се хусусият: хислатӣ, танқидӣ ва муқоисавӣ мебошанд. Ин усулҳоро истифода бурда, ҳар муҳаққиқи таърих воқеаҳои гузаштаро омӯхта, онҳоро байни ҳамдигар муқоиса менамояд. Шабеҳияти онҳоро муқоиса намуда, сабаби зуҳури онҳоро шарҳ додан ба муҳаққиқ имконият медиҳад, ки дақиқан як қатор воқеаҳои таърихиро инъикос намояд.

Ҳамчунин мо дар диссертатсия, усули идроки илмиро ҳамчун таҷзия ва синтез, хулосабарорӣ, тасвири синхронӣ ва ғайра истифода намудаем.

**Пойгоҳи сарчашмашиносии таҳқиқоти** диссертатсиониро аз рӯйи моҳият, мазмун ва мундариҷаашон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудаем:

1) Маводҳои бойгонӣ;

Б) Ҳуҷҷатҳои расмии давлатӣ, ки ба соҳаи маориф ва маълумоти олӣ дахл доранд;

В) Асарҳои академик Мулло Эркаев;

Г) Маълумоти оморӣ;

Д) Хотираҳои хешу табор, ҳамкорон ва шогирдони академик Мулло Эркаев.

**А)** Дар диссертатсия маводи бойгонӣ, аз ҷумла, Бойгонии маркази давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон[1], Бойгонии Донишгоҳи миллии

---

[1] Бойгонии маркази давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Фонди 1915. Номгӯйи 1. Бастаи 340, 341, 342, 343; Бастаи 917; Фонди 1461. Номгӯйи 5. Бастаи 189, 281, 29. В. 76; Фонди 360. Номгӯйи 1. Бастаи 739. Варақи 121– 123.

Тоҷикистон[1], Бойгонии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ[2] истифода шудаанд. Аз бойгониҳои мазкур сарчашмаҳои бевосита ба академик М. Эркаев марбут (фонди махсуси профессор М. Эркаев), ки дар онҳо варақаи шахсӣ, тарҷумаи ҳол, дипломҳо, рӯйхати таълифоти нашрнамуда, ҳуҷҷатҳо аз раванди дифои рисолаҳои номзадӣ, докторӣ, маводи махсуси мусоҳиба бо М. Эркаев, ҳисобот ва ғайра маҳфуз буданд, ба даст овардаем. Маълумоти аз бойгониҳои дастрасгардида, муҳимтарин маводи аз ҷиҳати воқеият муътамад ба ҳисоб рафта, дар навиштани диссертатсия арзишманд мебошанд.

Махсусан, маводҳои аз бойгониҳои зикргардида имкон дод, ки маълумоту далелҳои зарурӣ оид ба мавзӯи таҳқиқотиро дастрас намоем.

**Б)** Дар навиштани диссертатсия аз ҳуҷҷатҳои расмии давлатӣ, ки ба соҳаи маориф ва маълумоти олӣ дахл доранд, аз ҷумла: «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи маориф»[3], «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои олии таълимӣ»[4], «Консепсияи маълумоти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон»[5], «Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»[6], «Стандарти давлатии таълими маълумоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон»[7] истифода намудаем. Дар асоси омӯзиши ҳуҷҷатҳои расмиву давлатӣ сиёсати давлатӣ дар соҳаи илму маориф, мавқеи он дар давраҳои

---

[1] Бойгонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Фармонҳо ва ҳисоботҳои солона. Фармони №4. – 1950. Фонди 1. Номгӯйи 2. Бастаи 10. В. 180.; Фармони №128. Фонди 1. Номгӯйи 2. Бастаи 10. В. 278.

[2] Бойгонии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. Фармони №21. – 1982. – С.74.; Фармони №99. – 1985. – С.2; – Фармони №128, ҲК.– 1996. – С.2; Фармони №119, ҲК. – 1996. – С.21.

[3] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи маориф. – Душанбе, 1993. – 92 с.

[4] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои олии таълимӣ. – Душанбе, 2003. – 96 с.

[5] Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2009. – С. 92-121.

[6] Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2006. – 176 с.

[7] Стандарти давлатии таълими маълумоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2007. – 162 с.

гуногуни таърихи ватанӣ, масъалаҳои таълиму тарбия, низоми асосии таҳсил муайян гардида, дар заминаи он назарияҳои худро дар диссертатсия баён намудаем.

Инчунин, асару мақолаҳо ва баромадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон[1], ки ба масъалаҳои илму маориф ва маълумоти олӣ бахшида шудаанд, дар инъикоси паҳлуҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот истифода шуданд.

Илова бар ин, маҷмуаи мақолаҳою суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон[2], ки зимни мулоқот бо ҷавонон, зиёиён, аҳли илму маориф дар давраи истиқлолият инъикос гардидааст, ҳамчун манбаи комили таҳлилӣ истифода бурда шудаанд.

**В)** Асарҳои академик Мулло Эркаев, аз ҷумла: «Торумор намудани гумоштаи империализми англо–амрикоӣ Иброҳимбеки моҷароҷӯ»[3], «Деҳқонони колхозӣ – бинокорони фаъоли сотсиализм»[4], «Ба Россия ҳамроҳ гардидани Осиёи Миёна ва аҳаммияти таърихии он барои халқи тоҷик»[5], «Очерки таърихии Тоҷикистони советӣ»[6], «Дар саргаҳи маориф» ва ғайраҳо мавриди мутолиа ва таҳқиқ қарор гирифтаанд. Дар натиҷаи таҳлили ин асарҳо, махсусан, калонтарин асарҳои таълифнамудаи

---

[1] Раҳмонов Э. Тоҷикистон: чор соли истиқлолият ва худшиносӣ. – Душанбе, 1996. – 208 с.; Раҳмонов, Э. Дирӯз ва имрӯзи Тоҷикистон / Э. Раҳмонов. – Душанбе, 1997. – 27 с.; Раҳмонов, Э. Ваҳдати миллӣ – мароми мост / Э. Раҳмонов. – Душанбе, 1997. – 72 с.; Раҳмонов, Э. Таджикистан на пороге XXI веках / Э. Раҳмонов. – Душанбе, 2001. – 63 с.

[2] Эмомалӣ Раҳмон. Ҷавонон – созандагони фардои ҷомеа / Э. Раҳмон. – Душанбе, 2008. – 222 с.; Эмомалӣ Раҳмон. Рушди маориф – асоси таҳкими аркони давлат / Э. Раҳмон. – Душанбе, 2009. – 334 с.; Эмомалӣ Раҳмон: соли Рӯдакӣ / Э. Раҳмон. – Душанбе, 2009. – 414 с.; Эмомалӣ Раҳмон: год образования и технической культуры / Э. Раҳмон. – Душанбе, 2011. – 381 с.

[3] Иркаев, М. Разгром последней басмаческой авантюры в Таджикистане: автореф. дисс... канд. пед. наук / М. Иркаев. – Сталинабад, 1953. – 38с.

[4] Эркаев, М. Деҳқонони колхозӣ – бинокорони фаъоли сотсиализм / М. Эркаев. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 192 с.

[5] Эркаев, М. Ба Руссия ҳамроҳ гардидани Осиёи Миёна ва аҳаммияти таърихии он барои халқи тоҷик / М. Эркаев. – Сталинобод, 1959. – 20 с.

[6] Эркаев, М. Очерки таърихии Тоҷикистони советӣ / М. Эркаев, Ю. Николаев ва Я. Шарипов. – Сталинобод, 1960.

академик Мулло Эркаев «Таърихи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон»[1] ва «Барқарор ва мустаҳкам намудани Ҳокимияти Шуравӣ дар Тоҷикистон»[2] саҳми олимро дар рушди илми таърихи ватанӣ муайян намудаем.

**Г)** Маълумоти оморие[3], ки дар асоси он нишондодҳои рақамӣ дар бораи ҳолати маълумоти олӣ, илму маориф дар чаҳорчӯбаи замони таҳқиқот истифода шудаанд, ташкил медиҳанд.

Баъзе маводи матбуоти даврӣ, аз қабили «Ҷумҳурият», «Садои мардум», «Народная газета», «Тоҷикистон», «Азия плюс» ва ғайра зимни таҳқиқ мавриди истифода қарор дода шудаанд.

**Д)** Хотираҳои хешу табор, ҳамкорон ва шогирдони академик Мулло Эркаев дохил мешаванд, аз ҷумла, хотираҳои Р. Абулҳаев[4], Ҳ. Пирумшоев[5], Ф. Зикрёев[6], Т.З. Мунавварова[7], Н. Ҳакимов[8], М.Ҳ. Маликов[9], Ҳ. Камол[10], Д. Зикриёев[11], М. Хоҷаева[12] ва дигарон. Аз мусоҳиба бо назикону пайвандон, ҳамкасбон ва дӯстону шогирдони академик Мулло Эркаев маълумоти хеле муҳимму заруриро доир ба ҳаёту фаъолият, муносибат бо ҳамкорону ҳамкасбон, ғамхорӣ нисбат ба шогирдон, роҳу усулҳои гуногуни дарсӣ ва ғайраҳоро ба даст оварда, дар диссертатсия истифода намудаем.

---

[1] Иркаев, М. История гражданской войны в Таджикистане / М. Иркаев. – Душанбе: Ирфон, 1963. – 760 с.

[2] Эркаев, М. Барқарор ва мустаҳкам намудани Ҳокимияти Шуравӣ дар Тоҷикистон / М. Эркаев. – Сталинобод, 1966. – 472 с.

[3] Народное хозяйство СССР в 1984 году. – М., 1985; Народное хозяйство СССР за 70 лет. – М., 1987; Хоҷагии халқи Тоҷикистони Шуравӣ дар соли 1988. – Душанбе, 1990; Маорифи халқӣ ва фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 1991; Маориф ва фарҳанг дар Тоҷикистон дар соли 1992. – Душанбе, 1993.

[4] Мусоҳибаи Р. Давлатшоев бо профессор Р. Абулҳаев. – Душанбе, 2023. – 14 феврал.

[5] Мусоҳибаи Р. Давлатшоев бо профессор Ҳ. Пирумшоев. – Душанбе, 2018. – 28 декабр.

[6] Мусоҳибаи Р. Давлатшоев бо профессор Ф. Зикрёев. – Душанбе, 2019. – 5 октябр.

[7] Мусоҳибаи Р. Давлатшоев бо дотсент Т.З. Мунавварова. – Душанбе, 2018. – 15 декабр.

[8] Мусоҳибаи Р. Давлатшоев бо дотсент Н. Ҳакимов. – Душанбе, 2019. – 10 декабр.

[9] Мусоҳибаи Р. Давлатшоев бо профессор М.Ҳ. Маликов. – Душанбе, 2020. – 28 ноябр.

[10] Мусоҳибаи Р. Давлатшоев бо профессор Ҳ. Камол. – Душанбе, 2023. – 20 сентябр.

[11] Мусоҳибаи Р. Давлатшоев бо набераи М. Эркаев, Д. Зикриёев. – Душанбе, 2021. – 20 декабр.

[12] Мусоҳибаи Р. Давлатшоев бо набераи М. Эркаев, М. Хоҷаева. – Душанбе, 2022. – 16 январ.

Ҳамин тавр, истифодаи сарчашмаҳо дар навиштани рисола мавқеи хосеро доро буда, маълумоти нисбатан муҳимму дақиқро роҷеъ ба ҳаёту фаъолияти илмиву педагогии Мулло Эркаев нигоҳ медоранд ва дар вақти навиштани рисола, бешубҳа, мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст ба доираи илмӣ таҳқиқоти диссертатсионие пешниҳод мегардад, ки он таҳлилу омӯзиши нақши академик Мулло Эркаевро дар инкишофи илм ва маълумоти олии касбии Тоҷикистон дар солҳои 40-ум – нимаи аввали солҳои 90-уми асри ХХ бо истифода аз адабиёту сарчашмаҳои муътамад, хотираҳои дӯстон, ҳамкасбон ва шогирдон мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Масъалаҳои зерин ба сифати навгониҳои илмӣ дар диссертатсия муайян шудаанд:

– ҳаёти наврасӣ ва ҷавонии академик Мулло Эркаев;

– раванди таҳсил, донишандӯзӣ, оғози фаъолияти омӯзгорӣ ва марҳилаи асосии камолоти илмиву педагогии академик Мулло Эркаев муайян ва таҳлилу баррасӣ гардидааст;

– воқеаҳои таърихии инъикосгардидаи академик Мулло Эркаев, махсусан, таърихи ҷанги шаҳрвандии солҳои 20–уми асри ХХ дар Тоҷикистон бо дарназардошти омӯзишу таҳқиқот ва андешаҳои мухталифи муҳаққиқони имрӯза мавриди таҳлили илмӣ-интиқодӣ ва баррасӣ қарор гирифтаанд;

– фаъолияти сиёсӣ ва ташкилӣ – ҷамъиятии академик Мулло Эркаев дар кори равшаннамоии мактаби олӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст;

– нақши академик М. Эркаев дар назария ва амалияи касби омӯзгорӣ муайян гардонида шудааст;

– саҳми академик М. Эркаев дар роҳи тайёр намудани мутахассисони илмӣ – педагогии соҳаи таърих мушаххас гардидааст.

**Ба ҳимоя нуктаҳои зерин пешниҳод мешаванд:**

1. Фаъолияти пайвастаи илмиву омӯзгорӣ, махсусан, анҷом додани таҳқиқотҳои зиёди илмии академик М. Эркаев дар рафти фаъолияти кориаш дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (солҳои 1950-1975), марҳилаи асосии камолоти ҳаёти касбии олимро ташкил медиҳанд, зеро маҳз дар ҳамин давра мактаби бузурги илмиву педагогии академик М. Эркаев ба вуҷуд омадааст.

2. М. Эркаев дар асарҳояш роҳҳои дар зеҳни донишҷӯён тақвият бахшидани муҳаббат ба касб ва ташаккули малакаҳои меҳнатиро дар зиёд намудани рақобатҳои зеҳнӣ аз рӯйи ихтисос, олимпиадаҳо ва дигар шаклҳои корҳои тарбиявӣ баён намудааст.

3. Нақши академик Мулло Эркаев дар инкшофи илми таърих, махсусан, таърихи ватанӣ (давраи шуравӣ) ниҳоят бузург аст. М. Эркаев таълифоти зиёдеро рӯйи чоп овардааст, ки муҳимтарини онҳо, асари «Таърихи ҷанги шаҳрвандии солҳои 20–уми асри XX дар Тоҷикистон» ба ҳисоб меравад. Зеро ӯ нахустин шуда дар асоси сарчашмаҳо, адабиёт ва муҳимтар аз ҳама хотироти иштирокчиёни бевоситаи ин ҷанг даврабандии ин ҷанг (аз соли 1921 то соли 1924)-ро муайян намудаанд.

4. Академик М. Эркаев дар асари худ ақидаҳои иртиҷоии олимони буржуазӣ, ки таърихи ҷанги шаҳрвандии Осиёи Миёна, аз ҷумла, Тоҷикистонро бардурӯғ нишон дода, босмачигариро ҳамчун «муборизони озодии миллӣ», «ҷанги миллии халқҳои Туркистон ба муқобили Ҳокимияти Шуравӣ» гӯён маънидод карда буданд, комилан фош ва дар асоси далелҳои исботшаванда рад намуда, чеҳраҳо ва ҳадафҳои асосии босмачиёнро, ки баҳри хоҷагони хориҷии худ ва дар зери идеологияи туркгароӣ баҳри ташкили империяи «Туркияи бузурги султонӣ» (на барои озодии миллати тоҷик ва на ташкили давлати тоҷикон) мубориза мебурданд, комилан ошкор сохтааст. Таърихшиносони бузургу шинохтаи Тоҷикистон, ки ба таҳқиқи воқеияти илмӣ сару кор доранд, асари

«Таърихи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон» -и академик М. Эркаевро ягона сарчашмаи муътамади ҳаракати босмачигарӣ дар таърихи халқи тоҷик барои имрӯзу фардо унвон намудаанд.

5. Аз мактаби илмии академик М. Эркаев зиёда аз 60 нафар номзаду докторҳои илми таърих, аз ҷумла, Х. Бобоева, Н. Ғафурова, В.М. Ионова, А. Ҳайитов, М.Ҳ. Маликов, Т.З. Мунавварова ва дигарон гузаштаанду садҳо олимону муаррихони дигар сабақ гирифта, ба пояҳои баланди илмӣ расидаанд, ки дар таълифоти худ алоқамандӣ ва қонуниятҳои тараққиёти таърихӣ, махсусан, таърихи халқи тоҷикро нишон додаанд.

6. Роҳу усулҳои таълимию тарбиявӣ, андешаҳову назари академик Мулло Эркаев доир ба омилҳои асосии ташаккули шахсияти донишҷӯён, мактаби бузурги педагогиеро ба худ касб мекунад. Аз мактаби илмии чунин олимони соҳибмактаб ва бонуфузи ҷомеа сабақ гирифтану амал намудан барои ҳар як омӯзгори ҷавон зарур хоҳад буд. Зеро мактаби чунин устодони арзандаи халқамон дар тарбияи худшиносиву худогоҳӣ, ифтихори миллию ватандӯстӣ ва арҷ гузоштан ба муқаддасоти миллӣ, муҳаббат ба касб, садоқатмандиро дар тафаккур ва ташаккули зеҳнияти ҳар як ҷавон бедор намуда, нақши арзандае хоҳад гузошт.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз он иборат мебошад, ки натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаҳои он метавонанд аз тарафи созмону идораҳои дахлдори давлатӣ дар омода сохтани нақшаи дурнамои тараққиёти соҳаи маорифи кишвар, бахусус, мактабҳои олӣ истифода шаванд.

Мавод, мазмуни асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар раванди офаридани асарҳои ҷамъбастӣ оид ба таърихи навини ватанӣ ва таърихи маорифи кишвар истифода шуданашон мумкин аст.

Аз маълумотҳои рисолаи мазкур, далелу воқеаҳое, ки дар он тасвир шудаанд, дар таҳияи лексияҳои курсҳои махсус, дастурҳои илмию методӣ, оид ба таърихи ватанӣ дар мактабҳои олӣ, дар корҳои илмиву таълимӣ,

маърифатӣ ва амалӣ – тарбиявии ҷавонон, ки касби омӯзгориро пеша намудаанд, низ баҳраманд метавон шуд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро** дақиқияти маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқот, коркарди натиҷаҳои таҳқиқотӣ ва ҳаҷми интишорот ба таҳқиқи диссертатсионии мазкур асос ёфтааст. Инчунин, хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлилҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-интиқодӣ бо натиҷагириҳои таҳқиқот манзур карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти илмӣ, навгонӣ ва натиҷаҳои он ба бандҳои шиносномаи ихтисосҳои КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих, аз ҷумла ба ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мутобиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар он аст, ки натиҷаҳои илмии таҳлилу таҳқиқотии муаллиф, махсусан, навгонии диссертатсионӣ, муайян намудани мақсад ва вазифаҳо, хулосаҳои назариявӣ, нукоти ба ҳимоя пешниҳодшаванда бевосита аз ҷониби муаллиф мустақилона таҳия, баррасӣ ва исбот шудаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои байналхалқӣ ва ҷумҳуриявии илмӣ – назариявӣ ва амалӣ: конференсияи илмию назариявӣ, «Саҳми академик Мулло Эркаев ва профессор Одил Маҷлисов дар рушди илми таърихи ватанӣ», конференсияҳои ҳарсолаи апрелии факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва дигар ҷамъомадҳои илмию оммавӣ шунида шудаанд.

Диссертатсия дар ҷаласаи васеи муштараки кафедраи таърихи нав ва навини кишварҳои хориҷӣ ва кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (суратҷаласаи №5, аз 12 декабри соли 2023) ва ҷаласаи шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ

(суратҷаласаи №2, аз 26 декабри соли 2023) муҳокима ва баррасӣ гардида, барои ҳимоя пешниҳод карда шуд.

**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия.** Муқаррароти умумӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 8 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия дар ҳаҷми 170 саҳифаи матни компютерӣ таълиф гардида, аз муқаддима ду боб, шаш фасл, баррасии натиҷаҳо, хулоса, рӯйхати сарчашма ва адабиёти истифодашуда (бо 176 номгӯй) иборат мебошад.

# БОБИ I. ҲАЁТ ВА ФАЪОЛИЯТИ ИЛМИВУ ПЕДАГОГӢ ВА ТАШКИЛОТЧИГИИ МУЛЛО ЭРКАЕВ

## I.1. Давраи кӯдакӣ, наврасӣ, ҷавонӣ ва оғози фаъолияти омӯзгорӣ

Ташаккули худшиносии миллӣ, ифшои ғояи он, ифтихори милливу ватандӯстӣ, рушду такомули минбаъдаи Тоҷикистони соҳибистиқлол бидуни омӯхтани амиқи таҷрибаи таърихии халқи тоҷик, мероси бебаҳои арбобони илму фарҳанги ватанӣ басо мушкил аст. Дастовардҳои илмии муҳаққиқони асри XX–и тоҷик дар ташаккули илми таърихшиносии халқи тоҷик ва дигар халқҳои собиқ иттифоқӣ ҷойгоҳи бузургеро соҳиб гардидаанд. Таърихшиносони қарни гузаштаи тоҷик бинои таърихнигории миллатамонро аслан дар макони холӣ бунёд намудаанд, ки имрӯз заҳмату талош ва таҷрибаи ҳаётӣ, илмиву педагогии онҳо мояи ифтихору ибрат ба ҳисоб рафта, дар рушди худшиносиву худогоҳии миллӣ таъсиргузор мебошанд.

Дар миёни муҳаққиқони давраи шуравии Тоҷикистон аълочии маорифи ИҶШС, омӯзгори хизматнишондодаи ҶШС Тоҷикистон, Ходими хизматнишондодаи илми ҶШС Тоҷикистон (Арбоби шоистаи илму техника), доктори илмҳои таърих, профессор, академики Академияи илмҳои педагогии ИҶШС Эркаев Мулло Эркаевич мавқеи муайянеро соҳиб мебошанд[1].

Эркаев Мулло Эркаевич 9 майи соли 1910 дар деҳаи Сайроби бекигарии Бойсуни Аморати Бухоро дар хонадони кишоварзи тоҷик чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Падараш Худойқул (вафоташ соли 1935) – ба чорводорӣ ва кишоварзӣ машғул буд. Модараш Шодиқиз (вафоташ соли 1916) хонанишин ва дар корҳои хоҷагидориву пешбурди оила низ ба шавҳараш кумак мерасониданд. Шароити сахти деҳот, маҷбуриятҳои барзиёди намояндагони ҳукумати амирӣ бар дӯши оммаи мардум рӯзҳои сахту сангинеро ба миён оварда буд. Ба дунё омадани писари сеюм дар

[1] Фузайлов, А. Мулло Иркаев (описание жизнедеятельности и библиография трудов ученого) / А. Фузайлов, Д. Кабутов. – Душанбе: Ирфон, 1990. – С. 36– 37.

оилаи Худойқул ва Шодиқиз гӯё тамоми мушкилоти рӯзгордориро аз байн бурда буд, зеро шодии падару модарро ҳадду канор набуд. Падару модар ба хотири ҳаёти хушбахтона, хирадманду хушахлоқ ва соҳиби иззату эҳтиром гардидани фарзанди навзоди худ, бо муҳаббат ба ӯ номи Муллоро гузоштанд. Зеро дар он давра руҳонӣ бо истилоҳи маҳаллӣ «мулло» ёд мегардид ва ягона шахси соҳиби илму дониш ва соҳибэҳтиром дар ҷомеа ба ҳисоб мерафт[1].

То барпошавии Ҳокимияти Шуравӣ дар Осиёи Марказӣ таълиму тарбия бо усулҳои динӣ дар мадрасаҳо ва дар хонаи руҳониён гузаронида мешуд. Руҳониён аз ҳама дида дар ҷомеа одамони саводнок ва донишманд ба ҳисоб мерафтанд. Дар зери тадриси худ бошад, кӯдакони оилаҳои нисбатан дороро ба таълим фаро гирифта, барои заҳмати худ аз оилаҳои онҳо музди меҳнат ба даст меоварданд. Фозилон бошанд, ба фарзандонашон худашон хатту савод меомӯзониданд. Аз ин лиҳоз, на ҳамаи оилаҳо имкони ба таълиму тарбия супоридани кӯдакон ва ё таълим додани онҳоро доштанд. Падару модари Мулло, ки бо сабабҳои шароити вазнини рӯзгор фарзандони калонашонро аз таълим дур намуда буданд, тамоми имконияти худро ба хотири ҳадди ақал як фарзандашон соҳиби хатту савод гардидан, сарф менамуданд, то ки фарзандашон соҳибилм шаваду дар оянда дастёри падару модар ва бародаронаш гардад. Бо ҳамин мақсадҳои нек Муллоро ба назди муллои деҳаи худ бурданд ва чанд муддат дар зери таълиму тарбияи он қарор гирифт ва каме ҳам бошад аз хатту илм бохабар гардид.

Вале, овони наврасии Мулло ба давраe рост омад, ки вазъи сиёсии ҷаҳон дар ҳолати нисбатан пуршиддат, зиддиятҳои кишварҳои абарқудрат, оғози ҳаракатҳои коргарону деҳқонон ва билохира оғози Ҷанги якуми ҷаҳонӣ, инқилоби буржуазии февралӣ ва Инқилоби Сотсиалистӣ (октябри

---

[1] Автобиография. Ксерокопия. Личный листок по учету кадров за 1975 г. // Бойгонии маркази давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Фонди 1915. Номгӯйи 1. Бастаи 340. Вараќи 1. (минбаъд БМДҶТ. Ф.1915. Н. 1. Б. 340. В. 1.)

1917) дар сарзамини Россия қарор дошт. Бухрони шадиди хоҷагии халқро фарогир, на фақат барои Генерал–губернатории Туркистон, ки як ҷузъи маъмурии Россия ҳисоб меёфт, инчунин, барои Аморати Бухоро, хонигарии Хева, ки дар тобеияти мустамликавии он империяи абарқудрат қарор доштанд, бетаъсир буда наметавонист[1].

Дар натиҷаи вазъияти баамаломада шумораи зиёди мактабу мадрасаҳои усули динидошта, аз фаъолият бозмонданд, руҳониён барои наҷоти ҷони худ аз таълими кӯдакон дар хонаҳояшон даст мекашиданд. Бо ҳамин раванди дарс азхудкунии Муллои наврас дар назди муллои деҳа ба охир расид ва падараш Худойқул бошад, танҳо дар фикри пайдо намудани қути лоямут, сиҳату саломат мондани худу фарзандонаш андеша менамуд, то дучори шиканҷа ва маҷбуран ҷалб гардидан ба дастаҳои амирӣ нагардад.

Рӯзҳои сахту сангине, ки ба сари мардуми бечора омада буд, бо машаққати зиёде сипарӣ мешуданд. Дар ин айём Мулло ба синни 10–солагӣ расида буд, аниқтараш соли 1920 ҳарчанд ба моҳияти ғалабаи инқилоби Бухоро сарфаҳм рафта наметавонист, вале ба Бойсун ва аз он ҷо ба Душанбе фирор намудани амирро аз мардум шунида[2], аз қиёфаи ташвишовари онҳо, ногувории вазъи баамаломадаро кунҷкобона аз падару бародарон ва калонсолони деҳа пурсон шуда, ба иаври фаҳмиши худ онро эҳсос менамуд.

Ҳамин тавр, аз ин воқеаҳои сиёсӣ дида рӯзҳои сахту сангин дар ҳаёти наврасии Мулло ва оилааш паси сар мегардиданд. Зеро ӯ ҳанӯз 4–сол қабл (соли 1916) вақте ки ба сини 6–солагӣ расида буд, аз навозишу парвариш ва муҳаббати модари азизаш маҳрум гардида буданд[3]. Акнун гарчанде падар ва модарандараш кӯшиш менамуданд, ки ғаму дардро аз қалби Муллои

[1] Ҳотамов, Н. Таърихи халқи тоҷик [Китоби дарсӣ] / Н. Ҳотамов, Д. Довудӣ, С. Муллоҷонов, М. Исоматов. – Душанбе: Эр– граф, 2015. – С. 273– 300.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 340– 341
[3] Иркаев, М. След на земле / М. Иркаев // Вечерний Душанбе. – Душанбе, 1972. – 1 июл. – С.3.

наврас дур намуда, ҷойи модарашро пур созанд, ҳеҷ ба меҳру муҳаббати модараш баробар намегардиданд.

Ғорати молу амволи мардум аз ҷониби намояндагони амирӣ, талаби озуқа аз ҷониби инқилобчиён шароити зиндагии мардуми деҳотро, ки аслан аз захираи маҳсулоти бо машаққат аз замин ба даст овардаву пас аз пардохти андозҳои барзиёд, ҳаққи «заҳмат»-и соҳибмансабон ва додани ҳаққи камбағалон, захираи яксолаи худро нигоҳ медоштанд, мусодира гардида, шароити зиндагиашонро хеле вазнин намуда буд, чуноне ки худи Мулло Эркаев қайд намудаанд «...дар он рӯзҳо вақте мешуд, ки ҳатто пораи нони хушкро ҳам пайдо намекардем»[1]. Падар ва бародаронаш Давлат, Арбоб ва Ҷамол, ки нисбатан бузург ва дастёри падар гардида буданд, дар корҳои саҳроӣ ва кишоварзиву нигоҳубини шумораи ками чорвои худ ба падар кумак мерасониданд. Ҳамин тавр, ин рӯзҳои вазнини бар дӯши мардумомада оҳиста – оҳиста паси сар мегардиданд. Дар дили кучаки Мулло як умеди фараҳбахш ҷой дошт, зеро бародараш Эркаев Алпомиш (фарзанди нахустини модараш, ки аз шавҳари якумаш буд) аъзои Ҳизби Коммунистии Бухоро ва яке аз фаъолони ҳаракатҳои инқилобӣ ба ҳисоб мерафт. Ҳамеша аз зиндагии бародаронаш воқиф буд ва гоҳ–гоҳ ба айёдати онҳо меомад. Муллои наврас, ки бародари хурдӣ буд, ҳар бори ба хона омадани Алпомиш ва баргаштанаш дунболи ӯ ашк мерехт. Аз ин гиряи бародараш Алпомиш ғамгин мегардид ва ба Мулло ваъда дода буд, ки як рӯз омада ӯро бо худ мебарад ва инро Мулло ягона роҳи халосӣ аз мушкилот ва ҳамаи ғаму дарди худ медонист[2].

Баъд аз 4 сол вақте ки Мулло ба синни 14 – солагӣ расид, дар хотири ӯ чизи дигаре нақш баст, ки ин тақсимоти ҳудудӣ-миллӣ дар Осиёи Миёна ва таъсисёбии Ҷумҳурии мухтори шуравии Тоҷикистон дар ҳайати ҶШС

[1] Иркаев, М. След на земле / М. Иркаев // Вечерний Душанбе. – Душанбе, 1972. – 1 июл. – С.3.
[2] Ҳамон ҷо.

Ӯзбекистон 11 майи соли 1924 буд[1]. Акнун барои Мулло давраи нав оғоз гардид, зеро бародараш Эркаев Алпомиш, ки аз соли 1919 аъзои Ҳизби Коммунистӣ буду дар сафҳои Армияи Сурх хизмат мекард, пас аз ташкилёбии ҶМШС Тоҷикистон дар маркази он шаҳри навбунёди Душанбе ҳамчун аъзои фаъоли Ҳизби Коммунистӣ дар вазифаҳои давлатӣ ба кор қабул гардида буд. Рӯзе ба айёдати хешу табор ба деҳаи Сайроб рафт ва пас аз бозгашт бародараш Муллоро бо мақсади соҳиби хатту савод гардонидан бо худ ба Душанбе овард[2].

Шаҳри Душанбе акнун чун маркази сиёсию маъмурӣ ва саноатию маданӣ дар тақдири тоҷикон мавқеи ҳалкунанда пайдо мекард. Дар ин шаҳр Мулло дар роҳи донишу мустақилияти зиндагӣ аввалин қадамҳои худро гузошта, тақдири худро то охир ба ин шаҳр пайваст.

Аз сабаби то ҳанӯз пурра пароканда нагардидани дастаҳои босмачиён ва ҳамоно ҷой доштани мухолифати дохилӣ Алпомиш бародари худ Муллоро пас аз ба охир расидани таътили тобистона дар оғози соли хониши 1924 ба нахустин мактаби кӯдаконаи шаҳри Душанбе, ки дар он давра барои нигоҳубин, соҳиби хатту савод гардонидан ва обу тоб додани кӯдакон шароити хеле хуб дошт, овард. Дар солҳои аввали ташкилёбии ҶМШС Тоҷикистон ин мактаби кӯдаконаи Душанбе ягона мактаби кӯдакона дар тамоми қаламрави ҷумҳурӣ ба ҳисоб мерафт[3]. Таҳсил дар ин махзани таълиму тарбия барои Мулло оғоз гардид. Бояд қайд намуд, ки чунин мактабҳо солҳои минбаъда дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ кушода мешуданд ва ягона муассисаҳое буданд, ки кӯдакони бо қисмати тақдир аз падару модар маҳрум гардида ва ё бесарпаноҳмондаро зери таълиму тарбия ва нигоҳубин қарор дода, илмҳои дунявиро дар асоси назарияҳои сохти сотсиалистӣ меомӯзониданд.

---

[1] Ҳотамов, Н. Таърихи халқи тоҷик [Китоби дарсӣ] / Н. Ҳотамов, Д. Довудӣ, С. Муллоҷонов, М. Исоматов. – Душанбе: Эр– граф, 2015. – С. 379.
[2] Бобохонов, М. Сарбози илм / М. Бобохонов, Ф. Назаров // Тоҷикистони Советӣ. – № 41. – Душанбе, 1982. – 19 феврал. – С. 4.
[3] Иркаев, М. След на земле / М. Иркаев // Вечерний Душанбе. – Душанбе, 1972. – 1 июл. – С. 3.

Қайд намудан ба маврид аст, ки мактабҳои кӯдакона ягона муассисаҳое буданд, ки дар соҳибилм гардидани кӯдакону ҷавонон нақши зиёде гузоштаанд. Зеро аксарияти хатмкунандагони чунин муассисаҳо дар заминаи дониши аз ин ҷо бардоштаи худ, дигар муассисаҳоро низ сарбаландона гузаштаву шахсиятҳои варзида, олимони барҷаста мешуданду дар пешрафти тамоми бахшҳои ҷомеа ҳиссаи арзандаи худро мегузоштанд. Махсусан, дар соҳаи илми таърихнигории ватанӣ, олимоне, ки ба бунёди таърихнигории давраи шуравӣ асос гузоштаанд, ғайр аз Мулло Эркаев[1] олимони дигар: Баҳодур Искандаров[2], Одил Маҷлисов[3], Раҳим Масов[4] ва дигаронро зикр намудан ба маврид аст, ки бевосита дониши ибтидоии худро дар ҳамин муассисаҳо аз бар намудаанд. Донишу хирад, фаъолияти густурдаи илмиву педагогӣ, масъулиятшиносӣ ва дигар хислатҳои наҷиби инсонии онҳоро маҳсули асосии таълими ҳамин гуна муассисаҳо ҳисобидан мумкин аст.

Дигар аз лаҳзаҳои ба мактаби кӯдакона омадан, ки дар хотири Муллои наврас нақш баст, ин сабти ном намудани ӯ буд. Роҳбари муассиса, ки Алпомишро мешинохт дар вақти пур намудани ҳуҷҷатҳо ӯро ҳатто чизе напурсида бародарашро бо ному насаби Эркаев Мулло сабти ном намуд ва ин барои Муллои хурдсол мояи ифтихор гардид[5]. Зеро бародарашро ҳамагон мешинохтанду эҳтиром менамуданд. Дар мактаби кӯдакона Мулло якҷоя бо кӯдакони зиёд ба таълиму тарбия фаро гирифта шуд, ки аз ҷониби мураббияҳо нигоҳубин мешуданд. Дар рӯзҳои истироҳатӣ бошад, ба хонаи бародараш мерафт. Алпомиш ба Мулло кумак мекард ва ҳамеша аз раванди таҳсили ӯ бохабар буд. Мулло бо туфайли

---

[1] Автобиография. Ксерокопия. Личный листок по учету кадров за 1975 г. // БМДҶТ. Ф.1915. Н. 1. Б. 340. В. 1.

[2] Баҳодур Искандаров – олим, омӯзгор ва ҷанговар. – Душанбе, 2013. – С. 4.

[3] Ахтарони илми таърих (Маводи конференсияи илмӣ – назариявӣ дар мавзӯи «Саҳми академик Мулло Эркаев ва профессор Одил Маҷлисов дар рушди илми таърихи ватанӣ»). – Душанбе, 2021. – С. 8.

[4] Академик Раҳим Масов. – Душанбе: Дониш, 2019. – С. 12.

[5] Пирумшоев, Ҳ. Ҷовидон дар ёдҳо (Ба ифтихори 110 солагии академик Мулло Эркаев) / Ҳ. Пирумшоев. Нашри дувум. – Душанбе, 2020. – С.77.

зеҳни фавқулода, бурро, ахлоқи намунавӣ ибрати дигар ҳамсабақонаш шуда, ин пешсафиро то хатми таҳсил идома додааст.

Соли 1927 барои Мулло Эркаев соли фаромӯшнашаванда буд, зеро аз рӯйи тамоми нишондодҳо барномаи таълимиро аъло аз худ мекард ва дар ин соли охирини таҳсил, М. Эркаевро ба сифати комсомол, ҳамчун аъзои фаъол қабул намуданд (ин барои ҷавонони он замон фахри бузурге буд) ва сарвари комсомолони хонаи кӯдакон интихоб шуд[1]. Мулло Эркаев дақиқае ором намеистод, ҳама вақт ба хониши аъло, рафтори намунавӣ ва иштироки фаъолона дар корҳои ҷамъиятӣ, соҳиби чандин мукофоту ифтихорномаҳо шуд[2].

Акнун муҳлати таҳсил барои Мулло Эркаев поён меёфт ва ӯ барои ҳаёти мустақилонаи худ нақша мекашид, то кадом касбро барои худ интихоб намояд ва дар оянда дар роҳи интихобнамудаи худ намуна бошад. М. Эркаев танҳо шахсияти муаллимонаш, ки соҳиби дониш, рафтори намунавӣ, хушсухан, ростқавл ва дигар хислатҳои накӯии инсонӣ буданду аз ҷониби ҳамагон эҳтироми хоса доштанд, пеши назар меовард. Аз ҷониби дигар, ӯ эҳсоси норасоии кадриро дар сохтмони сотсиализм, ки дар тамоми ҷамъомадҳои намояндагони ҳизбиву давлатӣ ба миён гузошта мешуду дар ин роҳ саҳми кормандони саводноку донишмандро муҳим мешумориданд, диққати асосии ин ниҳод ва ҷомеа ба омӯзгорони касбӣ бештар эҳсос мегардид, эҳтирому ифтихори Мулло Эркаеви наврасро нисбат ба касби омӯзгорӣ беш аз пеш афзун мегардонид. Ҳамаи ин воқеаҳои ҳаётӣ ӯро ба қароре оварданд, ки пас аз хатми мактаб омӯзгор шавад.

Чӣ тавре ки маълум аст, интихоби дурусти касби дӯстдошта гарави зиндагии хушбахтона ва босамар аст. Агар ҷавон ба пешаи интихобнамудааш майлу рағбат надошта бошад, ӯро дар ин самт тарбия

---

[1] Автобиография. Ксерокопия. Личный листок по учету кадров за 1975 г. // БМДҶТ. Ф.1915. Н. 1. Б. 340. В. 2.

[2] Бобохонов, М. Сарбози илм / М. Бобохонов, Ф. Назаров // Тоҷикистони Советӣ. – № 41. – Душанбе, 1982. – 19 феврал. – С. 4.

намудан душвор аст. Зеро маҳз майлу рағбат, ӯро ба олами омӯзиши касби хеш дар ин ҷода мекашад ва роҳнамоии устодон боиси зуҳури меҳри касб дар қалбаш мегардад. Албатта, дар рух додани чунин ҳолат донишу маҳорати омӯзгорон, таҷрибаи педагогӣ, шавқу ҳаваси онҳо ба фанни таълимӣ ва хислатҳои шахсияшон таъсири бештар мегузорад.

Мулло Эркаев оид ба ин масъала чунин иброз намудаанд: «...касбинтихобкунии ҳар як ҷавон кори басо муҳим буда, аз ӯ масъулияти ҷиддӣ, дониши васеъ ва ҷаҳонбинии замонавиро талаб мекунад. Онҳо бояд аз волидон, хешу табор, муаллимони мактаби миёна пурсида, оид ба касби интихобкарда бештар маълумот пайдо намуда, қобилият, шавқу ҳавас ва имкониятҳои худро ба назар гирифта, касберо интихоб кунанд, ки то охири умр аз он баҳра бурда, ба халқу Ватан хизмат намоянд»[1].

Дар ин замина яке аз наздикони М. Эркаев чунин қайд намуд, ки: «...тамоми ҷавонони авлодамон пас аз хатми мактаб барои интихоби касб ба назди амаки Мулло Эркаев меомадему аз ӯ ҳамчун шахси донишманду роҳнамо маслиҳат мепурсидем ва ба мо вобаста ба донишу маҳорат ва шавқу рағбатамон касб интихоб менамуданд»[2].

Зеро академик Мулло Эркаев дар роҳи интихоби касб, шавқу ҳаваси худ маслиҳату тавсияҳои бародарашро хеле муҳим мешуморид.

Вақте ки муҳлати таҳсил барои Мулло Эркаев ба итмом расид, имтиҳонҳои хатм дар назди комиссияи давлатӣ оғоз гардиданд. Мулло Эркаев бо дониши азбарнамудаи худ, ки нисбат ба дигар ҳамсабақонаш фарққунанда буд, дар назди ҳайати имтиҳонгирандагон собит сохт, ки ӯ барои идомаи таҳсил дар таълимгоҳи беҳтарин сазовор аст. Донишу маҳорати Мулло Эркаев аз назари ҳайати комиссия мадди назар нагардида, қарорҳои касбии ӯро ба инобат гирифтанду ба ӯ роҳхати

---
[1] Мусоҳибаи Р. Давлатшоев бо дотсент Т.З. Мунавварова. – Душанбе, 2019. – 24 март.
[2] Мусоҳибаи Р. Давлатшоев бо набераи М. Эркаев, М. Хоҷаева. – Душанбе, 2022. – 16 январ.

идомаи таҳсил дар Донишкадаи маорифи тоҷикро, ки дар шаҳри Тошканд воқеъ буд, тақдим намуданд[1].

Дар солҳои аввали ташкилёбии Ҳокимияти Шуравӣ дар Тоҷикистон, ҷумҳуриамон ба омӯзгорони соҳибкасб, ки дар роҳи аз байн бурдани мушкилии ҷомеа – маҳви бесаводӣ ва ҷорӣ намудани назарияҳои созандаи сотсиалистӣ дар байни ҷомеа саҳми бориз доштанд, эҳтиёҷи хеле зиёде дошт. Ҳадафи аслӣ аз тайёр кардани нахустин кадрҳои миллии тоҷик дар Донишкадаи маорифи тоҷик, мубориза алайҳи бесаводӣ буд.[2]

Дар ин асос, соли 1927 Мулло Эркаев баробари даҳҳо ҷавони дигар аз Тоҷикистон барои таҳсил ба Донишкадаи маорифи тоҷик фиристода шуданд[3]. Дар ин донишкада устодони донишманд, ки аз кишварҳои иттифоқӣ омада буданд, ба таълиму тарбия машғул гардида, ҷавонони соҳибкасбро баркамол мерасониданд.

Шаҳри Тошканд ва донишкадаи муаллимтайёркунӣ барои Мулло Эркаев дунёи наверо боз кард. М. Эркаев дар ин ҷо бо намояндагони халқу миллатҳои гуногун вохӯрда, аввалин бор чун тоҷик худро дурусттар шинохту аз он дар вуҷудаш ифтихори миллӣ, пайдо шуд[4].

Фаъолияти пурсамари устодони ин богоҳи илм буд, ки Мулло Эркаев донишҳои заруриеро доир ба таърихи ИҶШС, таърихи Ҷумҳурии Шуравии сотсиалистии Тоҷикистон ва таърихи Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шуравиро аз бар менамуду муҳаббаташ нисбат ба ин касб боз ҳам афзун мегардид[5]. Мулло Эркаеви ҷавон, ки дар давраи зулму истибдоди намояндагони амирӣ, муборизаи инқилобии меҳнаткашон ва бедодгарҳои

---

[1] Бобохонов, М. Сарбози илм / М. Бобохонов, Ф. Назаров // Тоҷикистони Советӣ. – № 41. – Душанбе, 1982. – 19 феврал. – С. 4.

[2] Фузайлов, А. Мулло Иркаев (описание жизнедеятельности и библиография трудов ученого) / А. Фузайлов, Д. Кабутов. – Душанбе: Ирфон, 1990. – С.4.

[3] Автобиография. Ксерокопия. Личный листок по учету кадров за 1975 г. // БМДҶТ. Ф.1915. Н. 1. Б. 340. В. 1.

[4] Пирумшоев, Ҳ. Ҷовидон дар ёдҳо (Ба ифтихори 110 солагии академик Мулло Эркаев) / Ҳ. Пирумшоев. Нашри дувум. – Душанбе, 2020. – С.79.

[5] Автобиография. Ксерокопия. Личный листок по учету кадров за 1975 г. // БМДҶТ. Ф.1915. Н. 1. Б. 340. В. 1.

дастаҳои босмачиён ба камол расида буд, тамоми он воқеаҳои таърихие, ки барояш ҳамоно чун гиреҳи нокушода боқӣ монда буданд, аз назари воқеӣ донистан мехост ва пайваста аз устодони худ пурсон мешуд. Аммо, боз ҳам ба омӯзиши илми таърих пардохта воқеияти таърихиро меҷуст. Таърихро гарчанде илми гуманитарӣ ва воқеӣ меноманд, аммо, воқеияти он, ки дар асоси далелҳо ва сарчашмаҳо исбот мегардад, барои Мулло Эркаев дастрас набуд.

Маҳз аз ҳамин давра Мулло Эркаев бо хубӣ дарк менамояд, ки таърих – ин илмест, ки гузаштаро бо марҳилаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар асру замонҳои гуногун ва ҳамчунин, инсон ва ҷомеаи инсониро меомӯзад. Ба гуфтаи М. Эркаев «Ҳар қадар инсон таърихи гузаштаро хуб донад, ба ҳамон андоза ба ҳодисаҳои кунунӣ баҳои дуруст дода, ояндаро низ бо фарзияҳои илмӣ пешбинӣ карда метавонад»[1].

М. Эркаев ҳанӯз дар давраҳои аввалини ҳаёти худ дарк намуд, ки фанни таърих барои тарбияи хонандагон ва дар руҳияи арзишҳои ҷаҳонбинию ҷаҳонфаҳмии онҳо нақши бузург мебозад. Инчунин, таърих инсонро ташаккул медиҳад, шахсияти ӯ ба воя расида, мавқеи худро дар ҷомеа барои дуруст муайян кардан, ёрӣ мерасонад[2].

Аз ин гуфтаҳои З. Юсупов маълум мешавад, ки шавқу ҳавас, мароми Мулло Эркаев нисбат ба фанни таърих барвақт ба вуҷуд меояд, ки ӯро ба факултети таърихи донишкада роҳнамоӣ намудааст.

Аммо, муҳлати таҳсил барои Мулло Эркаев ва дигар ҳамсабақонаш ба итмом нарасида, Комиссарияти халқии маорифи ҶШС Тоҷикистон аз Донишкада дархост намуд, ки кишвар дар роҳи аз байн бурдани маҳви бесаводӣ дар байни аҳолӣ ва баланд бардоштани тафаккури созандаи сотсиалистӣ ба омӯзгорони соҳибкасб ниёз дорад. Дар асоси ҳамин дархост, роҳбарияти донишкада соли 1929 ҷавонони нисбатан дониши чашмрас доштаро ҷудо намуда, супоридани имтиҳонҳои хатмро барои

[1] Мусоҳибаи Р. Давлатшоев бо муаллими калон З. Юсупов. – Душанбе, 2017. – 11 май.
[2] Ҳамон ҷо.

онҳо тавсия намуд. Ба қатори онҳо Мулло Эркаев низ шомил буд. Бо ҳамин, пас аз талошу кӯшишҳои гуногунҷанбаи илмомӯзии Мулло Эркаев дар роҳи муайян намудаи ҳаёти касбии хеш пас аз ду сол поён ёфт ва роҳи фаъолияти ояндаи ӯро аллакай муайян намуда буд. Соли 1929 Мулло Эркаев имтиҳонҳои давлатиро бо баҳои аъло ҷамъбаст намуд ва дар асоси дархосту шартнома ба шаҳри Сталинобод (шаҳри Душанбе аз соли 1929 то соли 1961 чунин номида мешуд) роҳхат гирифт[1].

Мулло Эркаев акнун соҳиби тахассуси расмии омӯзгорӣ гашта буд ва азми хизмат ба миллати худ, ба шаҳре, ки дидаи ӯро ба ҷаҳони воқеӣ кушод, эҳсоси ӯро ба фаҳмиши ҳаёт бедор намуд, баргаштанд.

Шаҳри Сталинобод ҳам дар зарфи ин ду соли дар таҳсил будани Мулло Эркаев хеле тағйир ёфта, симои шаҳрро иншоотҳои гуногуни ҳизбию давлатӣ ва маданию маърифатӣ ободу зебо гардонида буданду сохтмонҳои зиёде бо маром идома доштанд[2].

Шумораи мактабҳои ибтидоӣ, асосӣ ва курсҳои кӯтоҳмуддат дар шаҳр ва дигар ноҳияҳои атрофи он ҳам ба вуҷуд омада буданд, ки ба омӯзгорон эҳтиёҷи зиёде доштанд. М. Эркаев ин мушкилоти ҷамъиятиро хуб эҳсос менамуд ва чун омӯзгори соҳибкасб омода буд, ки ба ҳар куҷое баҳри таълиму тарбия тавсия шавад, қабул хоҳад намуд. Зеро кори омӯзгорӣ барои мутахассиси ҷавон М. Эркаев, ки акнун шуғли асосиаш буд, бо як ҷаҳон тасаввуроти ба худ хос, яъне дар руҳияи сотсиалистӣ, миллию ватандӯстӣ тарбия намудани хонандагон аз мақсадҳои асосии ӯ маҳсуб меёфт.

Ба мо маълум аст, ки дар он давраи ҷавонии Мулло Эркаев вазъияти давлати навбунёди Иттиҳоди Шуравӣ мураккаб буд, зеро зиддияти байни давлатҳои абарқудрати ҷаҳон тезутунд гардида, вазъи дохилию берунии

---

[1] Пирумшоев, Ҳ. Ҷовидон дар ёдҳо (Ба ифтихори 110 солагии академик Мулло Эркаев) / Ҳ. Пирумшоев. Нашри дувум. – Душанбе, 2020. – С.79.
[2] Иркаев, М. След на земле / М. Иркаев // Вечерний Душанбе. – Душанбе, 1972. – 1 июл. – С.3.

мамлакати мо нооро м буд. Ин вазъият ба зиммаи омӯзгорон вазифаи ҷиддӣ ва масъулиятнокеро пеш мегузошт.

Ба гуфтаи М. Эркаев «Омӯзгорону устодон бояд ба хонандагон оқилона ва мулоҳизакорона ёрӣ расонанд, то ки ҷавон масъалаи мураккаби ҷаҳонро дуруст дарк кунад ва ҷойи худро дар ҳаёт ва мубориза баҳри устувор гардонидани Ҳокимияти Шуравӣ дуруст муайян карда тавонад»[1].

Барои мутахассиси ҷавон Мулло Эркаев аз 29–уми ноябри соли 1929 фаъолияти пурмасъулияти омӯзгорӣ оғоз ёфт. Дар аввал ӯ ба ҳайси омӯзгори курсҳои кӯтоҳмуддат дар назди Коммиссарияти маорифи халқӣ дар шаҳри Сталинобод ба кор даъват гардид. Дар ин маркази таълимии кӯтоҳмуддат 6 сол, яъне то соли 1934 бо муваффақият дар омода намудани омӯзгорон барои мактабҳои минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ саҳм гузоштанд[2]. Аслан ин мушкилоти ҷиддии давлати навбунёдамон маҳсуб меёфт, зеро саводнокии аҳолӣ аз ҳисоби набудани маконҳои таълимӣ ва асосаш омӯзгорон дар сатҳи паст қарор дошт. Аз ин лиҳоз, чунин курсҳои кӯтоҳмуддати омоданамоии муаллимонро барои ҷомеа зарур шумориданд ва барои омоданамоии онҳо мутахассисони маълумотдори маҳалливу иттифоқиро ҷамъ намуда буданд. Мулло Эркаев низ мисли дигар ҳамкасбонаш навобаста аз ҷавониаш дар он давраи барои ҷомеа ниҳоят зарур, ки ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, аслан аз зинаи ибтидоӣ оғоз ёфта буданду ба кадрҳои донишманд ниёз доштанд, тамоми донишу таҷрибаи худро баҳри соҳиби дониш гардонидани донишҷӯёни ин курсҳо сарф менамуд, то тавонад дар зеҳни шогирдон донишеро ворид созад, ки дар оянда ба нафъи давлату ҷомеа таъсиргузор бошад.

Дар баробари ин, боз соли 1934 дар назди Кумитаи марказии комсомоли ҷумҳурӣ курсҳои омоданамоии мутахассисони корҳои пионерӣ

---

[1] Мусоҳибаи Р. Давлатшоев бо дотсент М. Мунавваров. – Душанбе, 2019. – 17 сентябр.
[2] Автобиография. Ксерокопия. Личный листок по учету кадров за 1975 г. // БМДҶТ. Ф.1915. Н. 1. Б. 340. В. 4.

ташкил гардид. Барои дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани раванди таълим, омӯзгорони маълумотдорро даъват менамуданд. М. Эркаев аз 1–уми сентябри соли 1934 ба сифати омӯзгори соҳаи таърих даъват гардида, то 10–уми августи соли 1935 ба хонандагони корҳои пионерӣ дарс гуфтааст. Сипас бо роҳхати Комиссарияти халқии маорифи Тоҷикистон аз 1–уми октябри соли 1935 то 5–уми июли соли 1937 дар техникуми муаллимтайёркунии Сталинобод ҳамчун омӯзгор фаъолият намудааст. Аз 1–уми сентябри соли 1937 то 1–уми августи соли 1938 бо тавсияи Комиссариати халқии замин дар ноҳияи Шаҳринав, ҳамчун омӯзгори фанҳои ҷамъиятии курсҳои кӯтоҳмуддати кормандони соҳаи чорвопарварӣ кор намудааст. Аз 1–уми сентябри соли 1938 бо даъвати Комиссариати халқии маориф ба марказ омада, дар Омӯзишгоҳи омӯзгории Сталинобод ба кор таъйин гардидааст[1].

Дар ин айём яке аз аввалин муассисаҳои олии таълимии ҷумҳурӣ, Донишкадаи олии агропедагогии тоҷик дар асоси қарори шуъбаи корҳо бо олимон ва муассисаҳои илмию таълимии КИМ ИҶШС 18–уми июли соли 1931 дар заминаи шуъбаҳои таъриху иқтисодиёт ва адабиёту забоншиносии факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии Осиёи Миёна таъсис ёфт[2]. Барои дар сатҳи зарурӣ омода намудани мутахассисон дар ин муассиса, на фақат роҳбарияти Донишкада, балки роҳбарони ҳизбиву давлатии ҶШС Тоҷикистон тадбирҳои зарурӣ меандешиданд, то таълиму тарбия дар ин макони илм, ҳар чӣ беҳтар ба роҳ монда шавад.

Баҳри дар сатҳи зарурӣ омода намудани мутахассисон дар ин маҳзани илм ҳайати роҳбариятро лозим омад, ки аз Донишгоҳи давлатии Осиёи Миёна, дар ҳайати зерин: 195 нафар донишҷӯён ва 29 нафар омӯзгорон, аз ҷумла 4 профессор, 8 дотсент ва 16 ассистент ба Донишкадаи

---

[1] Автобиография. Ксерокопия. Личный листок по учету кадров за 1975 г. // БМДҶТ. Ф.1915. Н. 1. Б. 340. В. 4.

[2] БМДҶТ. Фонди 360. Номгӯйи 1. Бастаи 69. Вараќи 1.

агропедагогии тоҷик гузаронида шавад[1]. Яке аз нахустин шуъбаҳои донишкадаро шуъбаи таъриху иқтисодиёт ташкил медод.[2]

Мулло Эркаев баробари фаъолияти корӣ соли 1932 ҳуҷҷатҳояшро ба факултети таърихи Донишкадаи агропедагогии пойтахт супориданд[3]. Вобаста аз вазъи иҷтимоӣ, давраи фаъолияти омӯзгорӣ дар муассисаҳои касбии миёна, омӯзишгоҳҳову курсҳои омӯзишӣ ва таҳсил дар бахши рӯзонаи донишкада барои Мулло Эркаев душвориҳои зиёдеро пеш овард. Зеро рӯзона ба таҳсил машғул мешуду шабона дар курсҳои кӯтоҳмуддат дарс мегуфтанд[4]. Аз ин лиҳоз, Мулло Эркаев ба хулосае омад, ки таҳсилашро дар шуъбаи ғоибона ба роҳ монад ва фаъолияти кориашро қатъ накарда, дар вақтҳои муайянгардида ба таҳсил низ фаро гирифта шавад.

Таҳсил дар шуъбаи ғоибонаи Донишкада барои М. Эркаев бо маром идома меёфт. Аммо, бо сабабҳои набудани имконият Мулло Эркаев маҷбур шуд дар байни солҳои таҳсилаш аз рухсатиҳои таҳсилӣ истифода намояд, аз ин сабаб, муҳлати таҳсил барояш зиёдтар тӯл кашид. Дар ин шуъба омӯзгорони дорои дараҷаи баланди илмидоштаи донишкада, новобаста аз шакли фосилавии таҳсил бо ҷиддияти баланд баҳри донишандӯзии шогирдон дарс мегуфтанд. Аз ҷумла омӯзгорони дорои дараҷаҳои баланди илмӣ аз кишварҳои умумииттифоқӣ: профессор П.Г. Евсеев, дотсентҳо К.Н. Гаврилкин, ассистентҳо С.Д. Володарский, Э.А. Зилберова, В. Скорман, Н. Хижняк, А. Аксенов, К. Астафев ва шумораи ками омӯзгорони маҳаллӣ: Б. Ғафуров, Б. Искандаров, У. Мухторов

---

[1] Ямоқов, Э. Нахустмактаби олии Тоҷикистон / Э. Ямоқов, Б. Мирзоев. – Душанбе: Маориф, 1991. – С.5.

[2] Ҳамон ҷо. – С.8.

[3] Диплом об окончании Сталинабадского госпединститута им. Т.Г. Шевченко, дипломы кандидата и доктора исторических наук, аттестаты доцента и профессора. Ксерокопии (1939-1973) // БМДҶТ. Ф.1915. Н. 1. Б. 342. В. 1.

[4] Эркаев, М. След на земле / М. Эркаев // Вечерний Душанбе. – Душанбе, 1972. – 1 июл. – С. 3.

фаъолият менамуданд[1]. Маҳз таҷриба, дониш ва маҳорати баланди омӯзгорон буд, ки хатмкунандагони ин боргоҳи илм чун мутахассиси касбӣ бар камол мерасиданд ва донишкадаро бомуваффақият хатм менамуданд.

Баробари зиёд шудани сафи донишҷӯён аз ҳисоби аҳолии маҳаллӣ талаботро нисбат ба омӯзгорон, махсусан, омӯзгорони маҳаллӣ ва ё донандагони забони тоҷикӣ бештар намуда буд. Роҳбарияти донишкада баробари даъвати омӯзгорон аз кишварҳои иттифоқӣ, инчунин, аз ҳисоби хатмкунандагони боистеъдоду донишманди худ, мушкилоти кадриро бартараф кардан хост.

Ҳамин тавр, Мулло Эркаев 25–уми июни соли 1939 пас аз пурра супоридани имтиҳонҳои давлатӣ бо хулосаи Комиссияи имтиҳонотии давлатии Донишкада, соҳиби дипломи омӯзгории фанни таърих гардид.[2] Дониши то ба ин боргоҳи илм гирифтааш (таҳсили фосилавӣ ва муаллими мактабу омӯзишгоҳҳои омӯзгории Сталинобод), лаёқат, дониш ва тарбияи ӯ барои тамоми омӯзгорон ва садорати факултету донишкада бараъло муайян буд. Аз ин лиҳоз, ӯро соли 1939 баъди пурра супоридани имтиҳонҳои давлатӣ, ба ҳайси устоди факултети таърих ба кор қабул намуданд. Баробари фаъолияти омӯзгорӣ ҳамеша аз донишу хирад, хислатҳои неки инсонӣ ва роҳу усулҳои таълимии устодони варзида истифода намуда, таҷрибаи онҳоро роҳнамои кору фаъолияти худ қарор дода буданд.[3]

М. Эркаев дар солҳои аввали фаъолияташ дар Донишкада аз фанҳои таърихи ИҶШС ва асосҳои марксизм–ленинизм ба шогирдони курсҳои поёнии ихтисосҳои гуногун бо ҳисси баланди масъулиятшиносӣ ва шавқу

---

[1] Пирумшоев, Ҳ. Нахустин маркази илму таълими таърих / Ҳ. Пирумшоев, Н. Убайдуллоев ва А. Муродов. – Душанбе, 2013. – С.17-18.

[2] Диплом об окончании Сталинабадского госпединститута им. Т.Г. Шевченко, дипломы кандидата и доктора исторических наук, аттестаты доцента и профессора. Ксерокопии (1939-1973) // БМДҶТ. Ф.1915. Н. 1. Б. 342. В. 1.

[3] Пирумшоев, Ҳ. Ҷовидон дар ёдҳо / Ҳ. Пирумшоев. – Душанбе, 2000. – С.85.

рағбати беандоза дарс мегуфтанд[1]. Раванди таълиму тарбия дар курсҳои кӯтоҳмуддату омӯзишгоҳҳо ва мактабҳо дониши назариявию амалии ӯро мукаммалтар гардонида буд, аммо, фаъолият дар мактаби олӣ боз ҳам масъулияти зиёду ба хосеро талаб менамуд.

Кори таълиму тарбия ва масъулятшиносии баланди омӯзгори касбӣ, шуғли илмиро на фақат халалдор кард, балки ба он такони ҷиддӣ дод. Мулло Эркаев бо меҳри баланду ҳисси масъулиятшиносӣ ба ин кор муносибат мекард, мекӯшид ҳар чӣ зиёдтар аз кумаки устодонаш баҳравар шавад ва ба шогирдон хубтар таълиму тарбия диҳад. Фаъолияти М. Эркаев бештар дар ду самт сурат гирифтааст, худ дониш мегирифту ба шогирдон дониш медод. Вале, ба он чӣ хондаву шунида буд ба чашми танқид менигарист, гӯё қувваи дохилие ӯро ба омӯзиши илмии раванди воқеаҳои муосир тела медод. Омӯзгори ҷавонро ба масъулияти устодии мактаби олӣ водор месохт. Инчунин, Мулло Эркаев баробари фаъолияти омӯзгорӣ дар ин Донишкада боз масъулияти дигареро низ ба ӯҳда доштанд, яъне дар корҳои сиёсиву ҷамъиятии Донишкада чун комсомоли фаъол (айни ҳол созмони ҷавонон) бо қобилияти баланди ташкилотчигии худ, чун тарғиботгари асил дар байни донишҷӯён ва ҷавонони факултети таърих ва умумидонишкада саҳми худро мегузоштанд[2].

Новобаста аз таҷрибаи омӯзгорӣ, фаъолияти таълимию тарбиявӣ дар муассисаи олӣ барои Мулло Эркаев дар ибтидо мушкилиҳои ҷиддие барои мутахассиси ҷавон, ки акнун нав мактаби олиро хатм намуда буд, пеш омад. Нарасидани маводи таълимӣ, ниҳоят кам будани донишҷӯёни маҳаллӣ, корҳои зиёди ҷамъиятӣ ва тарбиявӣ омӯзгори ҷавонро маҷбур месохт, ки бештар фаъолият намоянд. Ғайр аз ин, раванди таълим пайваста зери назорати мақомоти болоӣ, бахусус Комиссариати маорифи халқ буд. Инчунин, намояндагони мақомотҳо ва ҳатто рӯзноманигорону

---

[1] Обидов, И.О. Омӯзгор, муҳаққиқ ва ходими ҷамъиятӣ / И.О. Обидов // Мактаби Советӣ. – Душанбе, 1990. – №7,8,9. – С.57.

[2] Пирумшоев, Ҳ. Ҷовидон дар ёдҳо / Ҳ. Пирумшоев. – Душанбе, 2000. – С. 86.

кормандони ташкилотҳои ҳизбӣ дар дарсҳои омӯзгорон иштирок менамуданд. Аз ин рӯ, омӯзгорони донишкада на танҳо ба таълиму тадрис, балки пайваста ба такмили донишу сайқали маҳорати касбии хеш машғул буданд. Дар баробари ин, Мулло Эркаев дар корҳои ҷамъиятӣ, ташвиқотию тарғиботии донишкада ҳамчун комсомоли фаъол саҳми арзандаи худро мегузоштаанд. Муваффақиятҳо дар ин роҳ ба М. Эркаев имкон дод, ки аз соли 1940 ба аъзогии Ҳизби Коммунистӣ қабул гардад ва пайваста дар корҳои ташвиқотию тарғиботии ҳизб фаъолона иштирок намоянд.[1]

Заҳмати омӯзгорӣ, тарбияи ҷавонон, омӯзиши муттасили раванди ҳаёти сиёсӣ, иштироки фаъол дар корҳои ҷамъиятӣ М. Эркаевро обу тоб медод ва ин омилҳое буданд, ки шахсияти ӯро чун фарди фаъоли ҷомеа мукаммал месохтанд. Дар фаъолияти М. Эркаев, махсусан, дониши хуби сиёсӣ, қобилияти баланди ташкилотчигӣ чашмрас буд, ки ин ба масъулини ҳизбию давлатӣ бештар аён мегардид. Мулло Эркаевро соли 1941 ба кори ниҳоят масъулиятноки ҳизбӣ даъват намуданд ва чуноне ки иброз намудааст: «...фаъолият дар ҳайати Ҳизби Коммунистӣ ин бешак, хизмати халқ аст», то соли 1950 ин кори пурзаҳматро идома додаанд.[2]

Дар баробари ин, Мулло Эркаев илмомӯзӣ ва фаъолияти омӯзгории худро қатъ накарда, тӯли солҳои фаъолияти ҷамъиятиаш маҳз аз муҳаббати зиёд нисбат ба касби омӯзгорӣ ва тақвияти дониши назариявию амалии худ дар донишкадаи омӯзгорӣ, шуъбаи педагогии донишгоҳи шабонаи марксизм–ленинизм ва Донишкадаи давлатии Кӯлоб оид ба асосҳои назариявии марксизм–ленинизм ва таърихи ИҶШС ба шогирдон дарс гуфтаанд[3].

---

[1] Автобиография. Ксерокопия. Личный листок по учету кадров за 1975 г. // БМДҶТ. Ф.1915. Н. 1. Б. 340. В. 3.
[2] Ҳамон ҷо. В. 1-2.
[3] Обидов, И.О. Омӯзгор, муҳаққиқ ва ходими ҷамъиятӣ / И.О. Обидов // Мактаби Советӣ. – Душанбе, 1990. – №7,8,9. – С.57.

Яке аз шогирдони Мулло Эркаев академики Академияи илмҳои педагогии ИҶШС И.О. Обидов дар мақолаи илмии худ «Омӯзгор, муҳаққиқ ва ходими ҷамъиятӣ» бахшида ба фаъолияти омӯзгории Мулло Эркаев қайд менамоянд, ки «Дарсҳои М. Эркаев, ки маводи зиёд, далелҳои муътамад, ғояҳои коммунистиро дар бар мегирифтанд, ба шунавандагон мақбул буданд. Мулло Эркаев донишу таҷрибаи андӯхтаашро ба ҷавонон ва ба мардум пешниҳод намуда, онҳоро дар руҳияи ватандӯстӣ ва сидқу вафо нисбат ба ғояҳои марксизм–ленинизм тарбия менамуданд»[1].

Мулло Эркаев аз зумраи омӯзгороне буд, ки барои шогирдон намунаи ибрат ба ҳисоб мерафтанду мераванд. Дар кадом вазифа ва масъулияте, ки интихоб гардидааст, аз касби омӯзгорӣ даст накашида, балки онро бо ҷиддият идома додаанд.

Дар ин давра баланд бардоштани сатҳи саводнокии аҳолӣ, махсусан, таълиму тарбия дар зери таваҷҷуҳи фаъолияти мақомотҳои ҳизбию давлатӣ қарор дошт. Натиҷаи ҳамаи ин буд, ки дар давраи сотсиализми мутараққӣ дар ҳама соҳаҳои ҳаёти кишвар дигаргуниҳои амиқ бо суръати тез ба амал омада, вазифаҳои азими тараққӣ додани иқтисодиёт ва маданият, мунтазам баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии халқ зери назорати доимии роҳбарони давлатию ҳизбии ИҶШС қарор доштанд. Дар кор бошад, пеш аз ҳама, бештар роли кардҳои мутахассис калон буд, аз ин лиҳоз, омода намудани мутахассисони сазовор бояд бештар меафзуд. Дар ҷумҳуриамон донишкадаҳои олӣ дар чандин шаҳру ноҳияҳо пайи ҳам кушода шуда, ба қабули донишҷӯён машғул буданд.

Мулло Эркаев новобаста аз фаъолияти ҳизбию давлатӣ ва омӯзгори фанҳои мазкур буданаш, баҳри боз ҳам зиёдтар аз худ намудани назарияҳои асосии сохти сотсиализм ва густариши он дар байни ҷомеа, ки ниҳоят давраи ҳассоси таърихӣ (Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва ё оғози рақобати сохти сотсиалистӣ ва капиталистӣ)–ро Иттиҳоди Шуравӣ аз сар

---

[1] Обидов, И.О. Омӯзгор, муҳаққиқ ва ходими ҷамъиятӣ / И.О. Обидов // Мактаби Советӣ. – Душанбе, 1990. – №7,8,9. – С.57.

мегузаронид, 24–уми ноябри соли 1944 КМ ҲК (б) Тоҷикистон дар асоси қарори бюрои марказӣ, М. Эркаевро барои таҳсил ба курси шашмоҳаи такмили тахассусии омӯзгорони асосҳои марксизм–ленинизм ва иқтисодиёти сиёсии назди Мактаби олии ҳизбӣ ба шаҳри Москва фиристода буданд.[1] Дар давоми муҳлати муайянгардида, асосҳои ин назарияро аз як қатор олимони шинохтаи умумииттифоқии дар ин муассиса фаъолияткунанда боз ҳам чуқуртар омӯхта, бо дониши мукаммал ва ҷаҳонбинии нави илмӣ ба ватан баргаштанд.

Ҳанӯз дар давраи ба сифати устоди Донишкадаи омӯзгории пойтахт фаъолият намуданашон (1939–1941), нияти ҷиддан ба таҳқиқоти рӯзмарраи илмӣ машғул шуданро ба нақша гирифта, аммо, чаҳорчӯбаи раванди таҳқиқотиашро муайян насохта буданд[2].

Бояд қайд кард, ки аз қадамҳои аввали худ дар касби интихобгардида Мулло Эркаев худро ба ҳайси таълимдиҳанда ва ҳам тарбиятгар медонист.

Дар лексияҳою семинарҳои худ, М. Эркаев донишҷӯёнро бо таҷрибаи таърихӣ дар соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маънавию фарҳангӣ ошно месохтанд. Зеро бидуни чунин равобит ба таърихи гузаштаи ҷамъияти инсонӣ, пешравӣ ва рушди давлати ИҶШС ғайриимкон буд. Иштироки Мулло Эркаев дар корҳои сиёсию ҳизбӣ, мунтазам омӯзиши назарияи педагогикаи марксизм – ленинизм ва ғайра буданд, ки дар баланд бардоштани дараҷаи касбияти омӯзгории ӯ мусоидат менамуданд.

Ба андешаи академик Мулло Эркаев: «Дониши ҳаматарафаю комил аз фанни таърих дар ташаккули ҷаҳонбинии коммунистии ҷавонони Тоҷикистон саҳми асосӣ гузошта, ақидаҳои замонавии дунёи онҳоро мустаҳкам мекунад. Муносибати азхудкунии рӯякии маводи таълимӣ дар ҳаҷми танҳо китоби дарсӣ натиҷаҳои дилхоҳ дода наметавонад»[3].

---

[1] Автобиография. Ксерокопия. Личный листок по учету кадров за 1975 г. // БМДҶТ. Ф.1915. Н. 1. Б. 340. В. 1.
[2] Пирумшоев, Ҳ. Ҷовидон дар ёдҳо (Ба ифтихори 110 солагии академик Мулло Эркаев) / Ҳ. Пирумшоев. Нашри дувум.– Душанбе, 2020. – С. 99.
[3] Мусоҳибаи Р. Давлатшоев бо профессор А. Қушматов. – Душанбе, 2019. – 10 апрел.

Бинобар ин, Мулло Эркаев дар рафти тадрис худ барои баланд бардоштани маърифати фанни таърих, бедор кардани шавқу ҳаваси хонандагон ба масъалаҳои умдаи таърихи гузашта ва ҳозираи ҳизби коммунистии Иттиҳоди Шуравӣ (дар давраи шуравӣ), ташаккул додани қобилияти фикркунӣ ва ақидаҳои дурусти илмӣ (албатта, дар заминаҳои идеологияи коммунистӣ) оид ба баъзе масъалаҳои баҳсноки илмӣ яке аз вазифаҳои муҳимми худ мешумориданд. М. Эркаев шогирдони худро ба меҳнати ҷиддии илмомӯзӣ сафарбар карда, роҳҳои гуногуни мустаҳкамкунии дониши назариявӣ ва амалии онҳоро мунтазам ташаккул медоданд. Ба шогирдон гаштаю баргашта таъкид менамуданд, ки: «Танҳо меҳнат, кори мустақилона, шавқу ҳавас барои азхудкунии дониши ҳақиқӣ шахсро ба қуллаҳои баланди илмию маърифатӣ расонида метавонад. Донистану омӯзиши таърих, инчунин, пуртоқатӣ, диққати ҷиддӣ ва эҷодкориро нисбат ба иҷрои кор, қобилияти ҷустуҷӯии маводи зарурӣ ва устувории қатъиро талаб мекунад. Таърихшинос бояд мунтазам дониши худро ғанӣ гардонад, аз нашри адабиёти нав доир ба илми таърих ва матбуоти даврӣ хабардор шуда, мутолиаи адабиёти бадеиву асарҳои санъат ва ғайра роҳҳои маърифату илмомӯзиро аз назар дур накунад»[1].

Шиносой бо ҳаёт ва фаъолияти меҳнатии академик Мулло Эркаев шаҳодат медиҳад, ки паҳлӯи ҷудонашавандаи касби омӯзгори таърих ин кори илмӣ аст, зеро ин қисми муҳимми баланд бардоштани дараҷаи касбии ӯро дар бар мегирад. Барои ҳамин аз байни муаллимон, олимони шинохтаи илми таърих баромада, сафи муаррихони ватаниро зиёд намуданд. Пӯшида нест, ки аксарияти олимони мо (масалан, Б. Ғафуров, З.Ш. Раҷабов ва ғайра) аз байни омӯзгорон баромада буданд.

Академик Мулло Эркаев оид ба ин масъала чунин ақидаро баён намудаанд: «Гап дар он, ки омӯзгор бояд нахуст вазифаю қобилияти педагогиашро мунтазам такмил бахшида, навигариҳои дониши илмҳои

---

[1] Мусоҳибаи Р. Давлатшоев бо дотсент Т.З. Мунавварова. – Душанбе, 2021. – 15 ноябр.

таърих, фалсафа, педагогика ва ғайраро мунтазам омӯзад, ба китобҳои илмӣ муроҷиат кунад, аз навигариҳои илмӣ бохабар бошад. Бо ин роҳ омӯзгор ба омӯзиши илм наздик шуда, шавқу ҳаваси кори илмӣ пайдо мекунад ва баъдтар ба таҳияи мақолаҳои илмӣ, дастурамалҳои илмию методӣ ва ҳатто китоби илмиву оммавӣ машғул шуда метавонад»[1].

Ҳамин тавр, ҳаёти кӯдакӣ, наврасиву ҷавонӣ ва оғози фаъолияти омӯзгории М. Эркаев ниҳоят душвор сипарӣ гардида, дар назараш ҳар лаҳзаи ҳаёт бо воқеияти худ абадӣ нақш баста, роҳи ояндаи ӯро возеҳан муайян менамудаанд. Дарки мустақилияти ҳаётӣ ва зеҳнии М. Эркаев буд, ки ӯ ҳанӯз аз овони толибилм буданаш касби хешро муайян намуда, баҳри амалии он саъю талош намудаасту муваффақияти касбиро ба даст овардаанд. Оғози фаъолияти омӯзгорӣ дарки нерӯйи касбӣ Мулло Эркаевро ба вуҷуд оварда, эҳсос намуданд, ки ин касб аз шахс дониш, санъату маҳорати суханварию кори эҷодиро талаб менамояд. Омӯзгор бояд бо рафтору кирдор ва амалӣ худ дар назди хонандагон намунаи ибрат бошад, аз ҷиҳати назариявӣ собиту устувор ва ҳаматарафа инкишофёфта бошаду касби худро дӯст дорад ва дорои хислатҳои волои инсонӣ бошад.

Шояд дар ибтидои ин роҳ М. Эркаев оид ба сирру асрори ин ихтисос, паҳлуҳои илмию назариявии он ва ғайра тасаввуроти амиқу ҳаматарафа надошта буд. Аммо, таҳкурсии мустаҳками касбии устоди таърихшиносии шогирдонаи академик Мулло Эркаев, маҳз дар ҳамин давра гузошташудааст, ки мактаби олии ҷумҳурӣ аз он манфиати пурбаракат дида, ҳоло ҳам аз мероси маънавии ин олими бузург омӯзгорони таърихшиноси мактабҳои олӣ ва мутахассисони ҷавони соҳаи илми таърих сабақ гирифта, дар фаъолияти хеш истифода менамоянд.

---

[1] Мусоҳибаи Р. Давлатшоев бо муаллими калон З. Юсупов. – Душанбе, 2017. – 11 май.

## I.2. Камолоти илмиву педагогии Мулло Эркаев

Соҳибмаълумот гардидан яке аз масъалаҳои глобалии асри XX буда, дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ самти афзалиятдошта ба ҳисоб мерафт. Ҷумҳурии Шуравии сотсиалистии Тоҷикистон ҳамчун узви давлати ягонаи Иттиҳоди Шуравӣ дар ташкили фазои ягонаи маълумот як қатор чорабиниҳоро дар амал татбиқ намуд, ки такмил додани мазмуну мундариҷаи маълумоти олиро тақозо менамуд. Дар ин раванд талабот нисбат ба маънавиёт, сифати таълим ва маҳорати касбии мутахассисони ҷавон бояд баланд мегардид.

Дар ин самт тарбия, ки як қисми азими мазмуни маълумотро ташкил медиҳад, асоси инкишофи шахсият буда, бо мафҳуму мазмуни таълим ҳамгирой ва пайванди ногусастанӣ пайдо менамояд. Такмил додани ин раванди судманд яке аз вазифаҳои мубраму замонавии педагогикаи амалии давраи шуравӣ ба ҳисоб мерафт.

Бояд тазаккур дод, ки дар ин давра раванди созандагиҳо ва бунёди як қатор муассисаҳои фарҳангию маданӣ бо маром идома дошт. Махсусан, Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин дар асоси Қарори Шурои Вазирони ИҶШС аз 21 марти соли 1947 таъсис ёфта, фаъолияташро 1 сентябри соли 1948 ифтитоҳ намуд.[1]

Дар аввал донишгоҳ аз се факултет: таъриху филология, хокшиносию геологӣ ва биология таркиб ёфта буд. Аммо, кафедраҳои Донишгоҳ бошанд, мутобиқи фармони Вазорати маълумоти олии ИҶШС аз 9–уми июли соли 1948 зери рақами №991 «Оид ба кафедраҳои Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон», аз 1–уми августи соли 1948, бо фарогирии 13 кафедра: кафедраи марксизм–ленинизм, кафедраи таърих, кафедраи забон ва адабиёти рус, кафедраи забон ва адабиёти тоҷик, кафедраи геологияи умумӣ, кафедраи математикаи умумӣ, кафедраи химияи умумӣ, кафедраи зоологияи умумӣ, кафедраи ботаникаи умумӣ, кафедраи физикаи умумӣ,

---

[1] Имомзода, М.С. Аз остон то камолот / М.С. Имомзода, С. Сафармамадов, Қ. Расулиён ва дигарон. – Душанбе: ЭР– граф, 2018. – С.17.

кафедраи забонҳои хориҷӣ, кафедраи тайёрии ҳарбӣ, кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш кушода шуданд.[1]

Дар натиҷаи тадбирҳои роҳбари муассиса ва фаъолияти дигар кормандони донишгоҳ имтиҳонҳои қабул моҳи августи соли 1948 ба итмом расиданд ва донишгоҳ соҳиби донишҷӯёни соли аввали таҳсил гардид, ки шумораи онҳо ба 200 нафар мерасид. Аз донишҷӯёни соли аввали ба таҳсил фарогирифта 90 нафарашон ба факултети таърих ва филология дохил гардида буданд. Бояд зикр намуд, ки аввалин ректори донишгоҳ Зариф Раҷабов чун сарвари донишгоҳи навтаъсис дар интихоби омӯзгорон низ кӯшишҳои зиёде ба харҷ додааст[2]. Олимону омӯзгоронро аз кишварҳои иттифоқӣ даъват намуданд. Аммо, дар баробари ин, ӯ ба кадрҳои маҳаллии дорои таҷрибаи ғанидошта низ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст.

Ҳамзамон, бо даъвати роҳбари донишгоҳ яке аз дӯстони даврони донишҷӯйии ӯ, ки дар Донишкадаи маорифи тоҷик дар Тошканд якҷоя таҳсили илм мекарданду дар маҳфилҳои илмӣ иштироки фаъолона доштанд ва аз донишу хиради якдигару фаъолиятҳои минбаъдаашон огоҳ буданд, Мулло Эркаев маҳсуб меёбад, ки дар ҳамон вақт вазифаи котиби ҳизбии вилояти Сталинободро ба ӯҳда доштанд, таклиф гардиданд.[3] Кушода шудани аввалин Донишгоҳи олӣ дар кишвар шодии Мулло Эркаевро чун дигар зиёиён, садри илм ва хуллас аҳли ҷомеа дар канор нагузошт. Чуноне ки академик Мулло Эркаев дар мақолаи худ «След на земле» дар бораи ҳаёти худ қисса менамояд, иброз намудааст, ки: «Дар тамоми вазифаҳои гуногуне, ки ман бо пешниҳоди роҳбарони Ҳизби Коммунистӣ таъйин гардида, фаъолият менамудам, муҳаббатам нисбат ба касби омӯзгорӣ ҳеҷ коста намегардид ва ҳамин муҳаббат нисбат ба касби воқеан ҳам пуршарафи омӯзгорӣ буд, ки маро ба сӯйи худ кашида ба илм

[1] Имомзода, М.С. Аз остон то камолот / М.С. Имомзода, С. Сафармамадов, Қ. Расулиён ва дигарон. – Душанбе: ЭР– граф, 2018. – С.18.
[2] Ҳамон ҷо.
[3] Ҳамон ҷо. – С.17.

ворид сохт»[1]. Аз ин лиҳоз, новобаста аз фаъолияти сиёсии пурмасъулияти дар замони баъдиҷангӣ вобастабудаи худ, Мулло Эркаев ин таклифро рад карда натавонистанд ва ё шояд ҳамон ҳисси баланди пешаи омӯзгориаш ӯро водор намуд, ки донишу таҷрибаи андӯхтаи худро дар таълиму тарбияи ҷавонон ва беҳтар гардонидани мушкилоти норасоии кадрии ҷумҳурӣ сарф намоянд. Бо оғоз гардидани соли таҳсили 1948 Мулло Эркаев ба ҳайси омӯзгори ҳамкор дар факултети таърихи Донишгоҳ ба кор оғоз намуданд[2].

Бояд қайд намуд, ки як зумра олимон умумииттифоқӣ, махсусан, профессорон М.С. Андреев, А.А. Семенов, В.А. Ратсиборский, С.Ф. Машковсев ва олимони маҳаллӣ Б. Ниёзмуҳаммадов, Ш. Ҳусейнзода, Ҳ. Каримов ва дигарон низ ба ин боргоҳи илм ба кор даъват гардида буданд, ки Мулло Эркаев дар раванди таълим аз роҳу усулҳои натиҷабахши ин олимони шарқшиноси рус васеъ истифода менамуданд[3].

Далелҳои фавқуззикр шаҳодат медиҳанд, ки раванди ташаккули маълумоти донишгоҳӣ дар Тоҷикистон дар шароити вазнин оғоз ёфт. Ба устодон ва роҳбарияти Донишгоҳ лозим омад, ки солҳои аввал душвориҳои зиёдеро пушти сар намоянд. Мулло Эркаев дар бартараф намудани мушкилоти ҷойдоштаи Донишгоҳ, ки худ бевосита шоҳиди он буд ва яке аз намояндагони олии ҳизбиву давлатӣ низ ба ҳисоб мерафтанд, чун дигар роҳбарони сиёсӣ ва вазорати маълумоти олии кишвар баҳри дар сатҳи хуб ба роҳ мондани сифати таълиму тарбия ва омода намудани мутахассисони соҳибкасбу ҷавобгӯ ба талаботи давр дар ин муассисаи олӣ – таълимии кишвар бештар таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамуданд[4].

Дар тамоми давру замон сиёсати пешгирифтаи давлат сарчашмаи фаъолияти тамоми соҳаҳои ҷомеа ба ҳисоб меравад. Махсусан, тарбия

---

[1] Эркаев, М. След на земле / М. Эркаев // Вечерний Душанбе. – Душанбе, 1972. – 1 июл. – С.3.
[2] Ҳамон ҷо.
[3] Имомзода, М.С. Аз остон то камолот / М.С. Имомзода, С. Сафармамадов, Қ. Расулиён ва дигарон. – Душанбе: ЭР– граф, 2018. – С.19.
[4] Производственные характеристики (1981-1986) // БМДҶТ. Ф.1915. Н. 1. Б. 341. В. 2.

намудани донишҷӯён, бояд дар руҳияи ҳамон сиёсати давлатии коммунистӣ ба роҳ монда мешуд. М. Эркаев, ки аз ин чиз ба хубӣ огоҳ буду таҷрибаи хуби сиёсиро бо дониши назариявӣ, ҳамчун мутахассиси соҳаи илми таърих аз бар намуда буд ва таҷрибаи бойи омӯзгорӣ ҳам дошт, бе мушкилӣ ва бо нерӯйи хуби касбӣ шогирдонро таълиму тарбия менамуданд.

Ҳамзамон, дар интихоби кадрҳои роҳбарикунанда, ба сифати садорати факултетҳо ва кафедраҳо роҳбарони сиёсии кишвар диққати махсус медоданд, то ки шахсиятҳои варзидаи роҳи илм ва ташкилотчиёни ҷамъиятиву ҳизбиро тавсия намуда, ба ректори он пешниҳод намоянд.

Дар баробари ин, ҳам ректори донишгоҳ дар таъйин ба вазифаҳо диққати ҷиддӣ медод, зеро ӯ мехост ба вазифаҳои пурмасъул, ки асоси раванди таълиму тарбия дар байни донишҷӯёни факултетҳо ва дар сатҳи хуб ба роҳ мондани чорабиниҳои илмию ҷамъиятӣ аз онҳо вобастагии зич дорад, устодон ва шахсиятҳои ба ин масъулият лоиқро интихоб намоянд[1].

Дониш, заҳмат, талошу кӯшишҳои Мулло Эркаев, албатта, сарфи назар нагардид. Зеро пас аз ду соли фаъолияти ҳамкории Мулло Эркаев дар Донишгоҳ новобаста аз серкорӣ ва иҷрои вазифаи пурмасъулияти сиёсӣ, ки боз дар ба камол расидани мутахассисони касбии ин боргоҳи илм саҳми арзандаи хешро мегузоштанд, аз 10–уми сентябри соли 1950 бо қарори ректори Донишгоҳ З.Ш. Раҷабов зери фармони №128, ба вазифаи мудири кафедраи марксизм–ленинизми (баъдан кафедраи таърихи ҲКИШ) Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин пешбарӣ гардид[2]. Аммо, аз сабаби нақши асоси доштани кафедраи марксизм–ленинизм дар таълиму тарбия ва ҷорӣ намудани тафаккури сотсиалистӣ дар байни

---

[1] Шарипов, А. Таърихи мактабҳои олии Тоҷикистон / А. Шарипов. – Хуҷанд: Хуросон, 2002. – С. 30.
[2] Приказ №4 по личному составу Таджикского государственного университета за 1950 г. // Бойгонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Ф. 1. Н. 2. Б. 10. В. 278. (минбаъд БДМТ.).

аҳолӣ[1], фармони мазкур ба тасдиқи Вазорати маълумоти олии ИҶШС вогузор гардид, ки 16 сентябри сол 1950 пас аз таҳлилу омӯзиш, М. Эркаевро ба ин вазифа лоиқ шумориданд[2]. Бо ҳамин Мулло Эркаев аз банди фаъолиятҳои сиёсиву ҷамъияти пурра раҳо гардида, ба касби барояш воқеӣ ва пуршарафи омӯзгорӣ боқимондаи умри худро пайваст намуданд. Ин марҳилаи асосии эҳёи ҳаёти илмӣ – педагогии Мулло Эркаев ба ҳисоб меравад. Зеро аз ин давра сар карда М. Эркаев қадамҳои нахустини худро дар роҳи камолоти касбии хеш гузоштааст.

Ҳамин тавр, М. Эркаев дар ин вазифа то соли 1975, яъне чоряк аср бо муваффақият фаъолият намуда, дар баркамол расонидани мутахассисони соҳибкасбу дорои дараҷаҳои илмӣ ва баланд бардоштани илми таърихшиносии тоҷик саҳми шоистаи худро гузоштаанд[3].

Раванди таълиму тарбия дар Донишгоҳ рӯз аз рӯз беҳтару хубтар мегардид, махсусан, корҳои сиёсиву тарбиявӣ ва нақшаҳои таълимӣ дар асоси қарорҳои КМ ҲКУ (б) ва қарорҳои Вазорати маълумоти олии ИҶШС амалӣ мегардид[4]. Инчунин, ташкилотҳои ҳизбӣ, комсомолӣ ва касабавӣ созмон дода шудаанд. Бюрои ҳизбӣ ва ректорат нақшаи корҳои сиёсӣ–тарбиявӣ ва таълимиро тартиб дода, дар ҷаласаи шурои илмии Донишгоҳ тасдиқ карда мешуданд.

Дар асоси ин қарорҳо тамоми кафедраҳо, хусусан кафедраи таърихи ҲКИШ нақшаҳои дохилии корҳои сиёсиву тарбиявӣ ва таълимиро хуб таҳия намуда, баҳри амалӣ намудани онҳо, роҳбари кафедра Мулло Эркаев бо таҷрибаи ташкилотчии собиқаи ҳизбиаш ба хулосае омад, ки таъҷилан нақшаи дурнамои илмиву таҳқиқотӣ ва таълимии тамоми аъзоёни кафедраро муайян намуда, ҳар чӣ зудтар ба амалӣ гаштани онҳо кӯшиш ба

---

[1] Шарипов, А. Таърихи мактабҳои олии Тоҷикистон / А. Шарипов. – Хуҷанд: Хуросон, 2002. – С. 30.
[2] БДМТ. – Фармони №185. – С. 278.
[3] Автобиография. Ксерокопия. Личный листок по учету кадров за 1975 г. // БМДҶТ. Ф.1915. Н. 1. Б. 340. В. 3.
[4] Шарипов, А. Таърихи мактабҳои олии Тоҷикистон / А. Шарипов. – Хуҷанд: Хуросон, 2002. – С. 30.

харҷ диҳанд ва раванди иҷрои онро бевосита назорат намоянд. Инчунин, тамоми аъзоёни кафедра кӯшиш менамуданд, ки дар рафти фаъолияти худ афзалияти олимони русу шуравиро дар инкишофи илм таъкид ва тарғиб намоянд. Иҷрои ҳамин нақша буд, ки кафедраи мазкур дар як муддати нисбатан кӯтоҳ ҳамчун маркази таҳқиқоти таърихи шаҳрвандӣ ва ҳизбии ҷумҳурӣ машҳур гардид.

Барои ҳамаи мо маълум аст, ки ибтидои фаъолияти муассисаҳои олии ҷумҳурӣ, ки дар макони холӣ бино гардидаанд, дучори мушкилоти зиёде буданд. Яке аз душвориҳои асосӣ дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин норасоии маводи илмию таълимӣ, синфхонаҳои фаннӣ ва дигар аёниятҳои дарсӣ ба ҳисоб мерафтанд[1]. Кафедраи таърихи ҲКИШ низ аз чунин норасоиҳо дар канор набуд, гарчанде ки мавод доир ба ин назария мавҷуд бошад ҳам, аммо, ҳамаи онҳоро дар шакли барномаи таълимӣ ва методӣ омода намудан донишу таҷриба ва меҳнати зиёдеро талаб менамуд. Мулло Эркаев барои бартараф намудани норасоии маводи таълимиву методӣ борҳо ба донишкадаву донишгоҳҳои умумииттифоқӣ муроҷиат намуда, маводи зиёдеро дастрас намуданд. Дар асоси истифодаи адабиёт ва сарчашмаҳои зиёд барномаҳои таълимӣ ва дигар маводи дарсиро якҷоя бо дигар аъзоёни кафедра тартиб додаанд. Маводи омоданамудаи ҳайати омӯзгорони кафедраро мавриди муҳокима қарор дода, норасоию камбудиҳои ҷойдоштаро ислоҳ ва баҳри боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани сифати таълиму тарбия мусоидат менамуданд[2].

Аммо, мушкилии дигаре, ки дар муассиса ҷой дошт, ин норасоии кадрии касбӣ маҳсуб меёфт[3]. Гарчанде ки даъвату сафарбаркуниҳои омӯзгорони дохиливу умумииттифоқӣ ба ин мактаби олӣ сурат мегирифт, ҳамоно ин камбудӣ эҳсос мешуд. Зеро ҳамасола шумораи факултетҳо ва

---

[1] Шарипов, А. Таърихи мактабҳои олии Тоҷикистон / А. Шарипов. – Хуҷанд: Хуросон, 2002. – С. 30.

[2] Отчёт о работе Таджикского государственного университета за 1951-1952, 1952-1953, 1953-1954 учебные годы // БМДҶТ. Ф. 1461. Н. 1. Б. 29. В. 212-219.

[3] Шарипов, А. Таърихи мактабҳои олии Тоҷикистон / А. Шарипов. – Хуҷанд: Хуросон, 2002. – С. 32.

шуъбаҳо зиёд мегардиданду сафи донишҷӯён низ меафзуд. Ягона роҳи бартарафсозии ин камбудӣ, пеш аз ҳама, ба кор қабул намудани хатмкунандагони боистеъдоди худи донишгоҳ ҳисобида мешуд. Аммо, соҳибунвон гардонидани онҳо коре буд, муҳимму саривақтӣ, ки хушбахтона, бо кӯшиши роҳбарияти Донишгоҳ аллакай аз соли 1950 шуъбаи аспирантура кӯшода шуд[1].

Ҳамзамон, аввалин шуроҳои дифои рисолаҳои номзадӣ оид ба филология дар соли 1951, биология соли 1952 ва таърих соли 1953 низ таъсис ёфтанд[2]. Ин ҳама сабаби равнақ ёфтани раванди корҳои илмиву таҳқиқотӣ дар байни устодон ва аспирантони Донишгоҳ гардида, фаъолияти шуроҳо дар ин самт сол то сол боиси зиёд шудани шумораи устодони соҳибунвон гардид. Ба ин васила на фақат мушкилии норасоии кадрии худи Донишгоҳ оҳиста–оҳиста бартараф мешуд, балки дар роҳи аз байн бурдани норасоии кадрии дигар донишкадаву донишгоҳҳои кишвар низ мусоидати фаъол менамуданд. Ин яке аз заминаҳои асосии бартарафсозии мушкилоти кадрӣ ва ё худ дарёфти дараҷаҳои унвонҳои илмӣ дар муассисаҳои олии мамлакат маҳсуб меёфт[3].

Бояд қайд намуд, ки Мулло Эркаев баробари ба вазифаи мудири кафедра интихоб гардиданаш ва дуруст ба роҳ мондани фаъолияти ба зиммааш гузошташудааш, соли 1950 ҳуҷҷатҳояшро ба шуъбаи ғоибонаи аспирантураи Донишкадаи давлатии омӯзгории Душанбе ба номи Т.Г. Шевченко супорида, таҳқиқоти илмии худро оғоз намуда буд[4]. Баробари ташкили шуроҳои илмӣ дар Донишгоҳ дар нахустин шурои дифоъ аз ихтисоси таърих, аввалин шуда рисолаи худро барои ҳимоя пешниҳод

---

[1] Имомзода, М.С. Аз остон то камолот / М.С. Имомзода, С. Сафармамадов, Қ. Расулиён ва дигарон. – Душанбе: ЭР– граф, 2018. – С. 29.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 21.
[3] Раджабов, З. Таджикский государственный университет им. В.И. Ленина – Детище Великого Октября / З. Раджабов. –Душанбе: Дониш, 1967. – С.37.
[4] Пирумшоев, Ҳ. Нахустин маркази илму таълими таърих / Ҳ. Пирумшоев, Н. Убайдуллоев ва А. Муродов. – Душанбе, 2013. – С.225.

намуданд[1]. 20–уми марти соли 1953 тибқи суратҷаласаи №9, устоди Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин Эркаев Мулло Эркаевич рисолаи номзадии худро дар мавзӯи «Торумор намудани гумоштаи империализми англо–америкоӣ Иброҳимбеки моҷароҷӯй»[2] зери роҳбарии ректори ҳамонвақтаи Донишгоҳ профессор З.Ш. Раҷабов бомуваффақият дифоъ намуданд[3]. Дифои рисолаи илмӣ барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих дар шуроҳои илмии Донишгоҳ падидаи нахустин ба ҳисоб мерафт. М. Эркаев дар рисолаи худ натиҷаи баланди таҳқиқотиро нишон дода, дар асоси сарчашмаву адабиёт, матбуоти даврӣ, хотираҳои бевоситаи иштирокчиёни ҷанг мақсаду ҳадаф, зулму истибдоди дастаҳои босмачиён, махсусан, Иброҳимбекиро, ки зери ҳадафҳои давлатҳои империалистии Британияи Кабир ва ИМА амал менамуданд, илман исбот намуда, саҳми хосаи мардуми маҳаллиро дар якҷоягӣ бо Артиши Сурх дар роҳи аз байн бурдани дастаҳои босмачиён ва барпо намудани низоми сотсиалистӣ нишон додааст[4]. М. Эркаев бештар ба таҳқиқи мавзуъҳои ба вазъи сиёсӣ ва ҷомеа наздик сару кор мегирифтанд. Асарҳои таърихии худро, дар асоси сарчашмаҳои муътамад навишта, эҳтиёткорона қаҳрамонҳову санаҳои ҳодисаҳоро дар таҳқиқотҳояш дақиқ нишон додааст.

Аз ин лиҳоз, Мулло Эркаев аввалин шуда, фаъолияти ин гумоштаи сармоядорони хориҷиро ҳадафи таҳлилу таҳқиқ қарор дода, ба ҳадафи ниҳоии худ расониданд ва аз ҷониби мутахассисон баҳои баландро соҳиб гардид. Дифои рисолаи илмӣ ва дарёфти дараҷаи илмӣ, аз як тараф, муҳаққиқро хушҳол намуда бошад, аз тарафи дигар, дар таҳқиқоти худ баъзе камбудиҳои илмиеро эҳсос намуда, барои пурра комил сохтани

[1] Раджабов, З. Таджикский государственный университет им. В.И. Ленина – Детище Великого Октября / З. Раджабов. – Душанбе: Дониш, 1967. – С.37.
[2] Иркаев, М. Разгром последней басмаческой авантюры в Таджикистане: автореф. дисс... канд. пед. наук / М. Иркаев. – Сталинабад, 1953. – 38 с.
[3] Имомзода, М.С. Аз остон то камолот / М.С. Имомзода, С. Сафармамадов, Қ. Расулиён ва дигарон. – Душанбе: ЭР– граф, 2018. – С. 21.
[4] Иркаев, М. Разгром последней басмаческой авантюры в Таджикистане: автореф. дисс... канд. пед. наук / М. Иркаев. – Сталинабад, 1953. – 38с.

назарияҳои илмии худ боз даҳҳо мавзуъҳои дигарро мавриди таҳқиқ ва таҳлилу баррасӣ қарор додаанд. «Таҳқиқоти пайвастаи илмӣ ба Мулло Эркаев чун сарвари кафедра нерӯйи дигар мебахшид. Зеро ҳама омӯзишу пажӯҳиши илмии худро берун аз вақти таълимӣ анҷом медод, вақтро қимат меҳисобид ва инро ба тамоми ҳамкасбону шогирдон пайваста талқин менамуданд»[1].

Мулло Эркаев бо дастгирии роҳбарияти Донишгоҳу садорати факултет барои беҳтар ба роҳ мондани сифати таълиму тарбия дар кафедраи таърихи ҲКИШ як зумра устодони донишмандро муттаҳид намуда буданд, аз ҷумла: 1 профессор, доктори илм А.М. Баҳоуддинов, 3 нафар номзадҳои илм М. Эркаев, В.С. Библер, С.Б. Морочник, 1 нафар хатмкардаи бахши омоданамоии омӯзгорони илмҳои ҷамъиятӣ А.М. Дюргин ва дигар омӯзгорон М. С. Шупикова, М.С. Содиқов, Я.Ш. Шарипов, Т.И. Сагай, Р.Х. Отаханов, ки дар бахши ғоибонаи аспирантура таҳсил менамуданду ба таҳқиқу навиштани рисолаҳои илмӣ, омода намудани маводу дастурамалҳои таълимӣ ва ба таълиму тарбияи донишҷӯён аз рӯйи назарияи асосҳои омӯзиши марксизм–ленинизм, таърихи фалсафа, мантиқ ва таърихи ИҶШС дар тамоми факултетҳои Донишгоҳ таҳти роҳбарӣ ва роҳнамоиҳои Мулло Эркаев машғул буданд, фаъолият менамуданд.[2]

Дар асоси сарчашмаҳои аз бойгониҳо, адабиёти истифода шуда ва ҳисоботҳои солонаи соли таҳсили 1952–1953–и кафедра, ки Мулло Эркаев ба роҳбарияти Донишгоҳ пешниҳод намудааст, мушоҳида мегардад, ки дар кафедра норасоиҳои зиёде ҷой доштааст. Махсусан, дар ҳисоботҳои худ аз норасоии маводи таълимӣ, бемасъулиятии баъзе аз аъзоёни кафедра, натиҷаҳои таҳқиқотҳои онҳо ва зиёд идома ёфтани пажӯҳишҳои илмии чанде аз устодони кафедра, аз ҷумла, доир ба фаъолияти И.Т. Сагай дар

---

[1] Мусоҳибаи Р. Давлатшоев бо дотсент Т.З. Мунавварова. – Душанбе, 2019. – 20 январ.
[2] Отчёт о работе Таджикского государственного университета за 1951-1952, 1952-1953, 1953-1954 учебные годы // БМДҶТ. Ф. 1461. Н. 1. Б. 29. В. 82.

хусуси сари вақт ва дар муҳлати муайяншуда насупоридани имтиҳонҳои маҷмуӣ аз рӯйи ихтисос, оид ба омӯзгор С.Б. Морочник дар хусуси омода гардидани боби 1–2 рисолаи докторӣ ва ба маъмурияти Донишгоҳ ҳисобот пешниҳод накараданаш баён намудаанд ва оид ба ҷиддан бартараф намудани камбудиҳои ҷойдоштаи кафедра таъкид намудааст[1].

Муҳаққиқ М. Эркаев баробари назорату иҷрои нақшаҳои таълимии ба зиммаи омӯзгорони кафедра гузошташуда, инчунин, дар роҳи таҳқиқотҳои илмии тамоми аъзоёни кафедра диққати махсус равона сохтааст. Натиҷаи камбудиҳо ва сарзанишҳои дар ҳисоботи соли таҳсили 1952–1953 дар хусуси ду нафари аъзои кафедра баён намудаи М. Эркаевро дар ҳисоботи соли таҳсили баъдӣ, яъне 1953–1954 мушоҳида намудан мумкин аст. Аз ҷумла, қайд менамоянд, ки «Ассистенти кафедра И.Т. Сагай дар анҷоми соли таҳсил барои супоридани имтиҳони маҷмуӣ ба ш. Москав фиристода шуд»[2] ва «...устоди кафедра номзади илмҳои фалсафа, дотсент С.И. Морочник дар соли таҳсил натиҷаҳои баланди илмиро дар роҳи ба анҷом расонидани рисолаи доктории худ соҳиб гардид»[3].

Инчунин, дар хусуси ба табъ расонидани мақолаҳои зиёди илмӣ, илмию оммавӣ, маводи таълимӣ, супоридани имтиҳонҳои маҷмуӣ барои дарёфти дараҷаи илмӣ аз ҷониби устодони кафедраро ишора намудааст, ки нисбат ба соли қаблӣ натиҷаи назаррасро чи дар роҳи беҳтар гардидани сифати таълиму тарбия ва чи дар роҳи таҳқиқоти илмӣ мушоҳида намудан мумкин аст. Ин натиҷаҳо, аз як тараф, заҳмату кӯшишҳои ҳар як омӯзгор бошад, аз ҷониби дигар, талабот, роҳнамоӣ ва ҷиддияту масъулиятшиносии Мулло Эркаевро ҳамчун сарвари кафедра нишон медиҳанд.

Тибқи қоидаи фаъолияти кории тамоми кафедраҳои донишгоҳ мунтазам маҷлиси умумикафедравӣ баргузор менамуданд, ки ин моҳе як ё

---

[1] Отчёт о работе Таджикского государственного университета за 1951-1952, 1952-1953, 1953-1954 учебные годы // БМДЧТ. Ф. 1461. Н. 1. Б. 29. В. 86.
[2] Ҳамон ҷо. В. 219.
[3] Ҳамон ҷо. В. 218.

ду маротиба баргузор мегардид ва дар он тамоми аъзоёни кафедра иштирок намуда, аз натиҷаҳои раванди таълим, муҳокимаи маводи лексионӣ, баррасии саволномаҳои санҷишию имтиҳонии ҷамъбастии нимсолаю имтиҳонҳои давлатӣ, натиҷаҳои таҳқиқотҳои илмӣ, камбудиҳои ҷойдошта ва ғайраҳо маърузаҳо ироа менамуданд. Аммо, аз тамоми маҷлисҳо – маҷлиси ҷамъбастии соли таҳсил муҳимму натиҷабахш ҳисобида мешуд. Суратҷаласаҳои зиёди кафедраи ба Мулло Эркаев вобастабударо аз Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастарас намудем, ки дар онҳо устод баромади ҳар як аъзои кафедраро ба тафсил сабт намудааст. Дар суратҷаласаи кафедра аз 18–уми июни соли 1955 масъалаҳои муҳимму воқеан ҳам диққатҷалбкунандае сабт гардидааст. Шумораи зиёди аъзои кафедра оид ба сари вақт ва бекамбудӣ ҷамъбаст намудани нақшаи таълимӣ баромад намудаанд. Аммо, ду нафар аз устодони кафедра Д.Р. Додобоев ва И.Т. Сагай қайд намудаанд, ки нақшаҳои таълимии ба онҳо вобаста буда, сари вақт ва бекамбудӣ иҷро гардидаанд, лекин на ҳамаи донишҷӯён имтиҳонҳои ҷамъбастии нимсоларо супоридаанд, зеро баъзе аз донишҷӯён ба дарсҳои амалӣ, машваратӣ ва ба имтиҳон ҳозир нашудаанд, ки ин аз бемасъулиятӣ ва аз дониши ғайриқаноатбахш доштани донишҷӯён шаҳодат медиҳад[1]. Дар хотимаи суратҷаласа баромади М. Эркаев низ сабт гардидааст, ки махсусан, маърузаи ин ду нафар устодони кафедраро зери танқиди сахт гирифтааст. М. Эркаев худ касби омӯзгориро муқаддас ва аз ҳама касби пуршараф мешумориданд ва одитарин иштибоҳи ҳамкасбонро дар роҳи таълиму тарбия ва ҳаёт бе шакку шубҳа рӯйи рост иброз намудааст. Интиқоди устодони кафедраро, ки донишҷӯёнро дар насупоридани имтиҳон айбдор меҳисобиданд, рад намуда, сабабгори асосии ба дарсҳо иштирок накардани донишҷӯён, дониши паст доштани онҳо ва

[1] Протоколы заседания кафедры марксизма – ленинизма ТГУ им. В.И. Ленина за 1954-1955 учебный год // БМДҶТ. Ф. 1461. Н. 1. Б. 58. В. 4.

насупоридани имтиҳонҳоро аз бемасъулиятии худи устодони кафедра арзёбӣ намудааст[1].

Муаррих М. Эркаев чун сарвари кафедра метавонист, албатта, одитарин камбудиро нодида гиранд ва шояд омӯзгоронро наранҷонаду гуноҳро ба сари донишҷӯён бор намоянд, аммо, боз ҳамон муҳаббат нисбат ба касби худ, ҳақиқатгӯйӣ, покви҆ҷдонӣ, ғамхорӣ нисбат ба донишҷӯён ва хуллас, ояндаи кишвари азизаш ӯро ба ин корҳо роҳ намедод. Воқеан, ҳам чунин натиҷаи заҳматҳои зиёди Мулло Эркаев ва дигар аъзоёни ҳамин кафедра буд, ки кафедраи таърихи ҲКИШ Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин дар як муддати кӯтоҳ ҳамчун маркази муҳимтарини таҳқиқотии таърихи шаҳрвандӣ ва ҳизбии ҷумҳурӣ дар тамоми минтақаи Осиёи Миёна машҳур гардид[2].

Мулло Эркаев ҳамчун роҳбари кафедраи мазкур тамоми фаъолияти худро танҳо ба мақсади дар сатҳи хуб ба роҳ мондани сифати таълиму тарбияи шогирдон сипарӣ намудааст. Зеро худи М. Эркаев аз фанҳои асосҳои марксизм–ленинизм ва таърихи ИҶШС ҳам ба тариқи назариявӣ ва ҳам амалӣ ба донишҷӯён дарс гуфта, пеш аз ҳама, баҳри баланд бардоштани дониш ва дар қалби ҷавонон афзун гардонидани муҳаббату садоқати Ватанро талқин намудаанд. Баҳри дар сатҳи хуб гузаронидани дарсҳо ва қонеъ гардонидани донишҷӯён бо фанни асосҳои марксизм–ленинизм дар соли таҳсили 1954–1955 синфхонаи барҳавои таърихии марксизм–ленинизмро бо тамоми аёниятҳо, адабиёти зарурӣ ва ғайра муҷаҳҳаз гардониданд, ки дар он ҳам дарсҳои лексионию амалӣ, чорабиниҳои илмии кафедра ва ҳатто факултетро баргузор менамуданд.[3]

Дарс аз фанҳои асосҳои марксизм–ленинизм ва таърихи ИҶШС ба таври лексиониву амалӣ дар тамоми факултетҳо ва ихтисосҳои Донишгоҳ

---

[1] Протоколы заседания кафедры марксизма – ленинизма ТГУ им. В.И. Ленина за 1954-1955 учебный год // БМДҶТ. Ф. 1461. Н. 1. Б. 58. В. 4. В. 5.
[2] Отчёт о работе Таджикского государственного университета за 1951-1952, 1952-1953, 1953-1954 учебные годы // БМДҶТ. Ф. 1461. Н. 1. Б. 29. В. 82.
[3] Ҳамон ҷо. В. 81– 82.

гузаронида мешуд ва ҳатто аз фанни асосҳои марксизм–ленинизм имтиҳони давлатии хатм низ месупориданд, зеро ин фан дар он давра қувваи асосӣ-идеологии низоми сиёсии мамлакати Шуравӣ маҳсуб меёфт ва талабот ба дониши ин назария барои дар оянда фаъолият намудани ҳар фарди ҷомеа чи дар муассисаҳои таълимӣ ва чи дар мақомотҳои давлатӣ хеле зарурӣ ва ҷиддӣ маҳсуб меёфт. Мулло Эркаев кӯшиш менамуданд, ки аз дониши аз худ кардаву таҷрибаи аз бар намудааш бо муҳаббат ва далелҳои воқеиву муътамад сатҳи дониши донишҷӯёнро баланд бардоранд, то ки дар оянда дастпарварони ин боргоҳи илм дар ҷомеа ҷойгоҳи хосро соҳиб гарданд ва дар таълиму тарбияи насли мамлакат ва пешрафти кишвар саҳми худро гузоранд. Чуноне ки Мулло Эркаев дар ҳисоботҳои солонаи соли таҳсили 1953–1954 аз натиҷаи имтиҳонҳои давлатии хатми донишҷӯёни чанде аз факултетҳои Донишгоҳ, ки аз фанни асосҳои марксизм–ленинизм ба даст овардаанд, баён намудааст, ки гувоҳи возеҳи самараи заҳматҳои М. Эркаев таҷассум менамоянд:[1]

| Т/р | Факултетҳо | Шумораи донишҷӯён | Баҳои аъло (5) | Баҳои хуб (4) | Баҳои миёна (3) | Баҳои ғайриқаноат–бахш |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Филология | 53 | 8 | 22 | 23 | – |
| 2. | Ҳуқуқшиносӣ | 34 | 7 | 21 | 6 | – |
| 3. | Табиатшиносӣ | 43 | 9 | 20 | 13 | 1 |
| 4. | Физика ва математика | 17 | 9 | 3 | 5 | – |
| 5. | Ғоибона | 49 | 13 | 23 | 11 | 2 |
| | Ҳамагӣ | 196 | 46 | 89 | 58 | 3 |

[1] Отчёт о работе Таджикского государственного университета за 1951-1952, 1952-1953, 1953-1954 учебные годы // БМДҶТ. Ф. 1461. Н. 1. Б. 29. В. 216.

Инчунин, дар соли таҳсили 1953–1954 донишҷӯёни гурӯҳҳои гуногун аз фанҳои ба кафедраи таърихи ҲКИШ вобастабуда, имтиҳонҳои нимсолаи якум ва дуюми соли хонишро бо натиҷаҳои зерин супоридаанд:[1]

| Т/р | Номгӯи фанҳо | Курс | Шумораи умумии донишҷӯён | Ишт. дошт | Баҳои аъло (5) | Баҳои хуб (4) | Баҳои миёна (3) | Баҳои ғайри қано. (2) | Ишт. надошт |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Асосҳои марк.–лен. | 1 | 358 | 332 | 87 | 192 | 45 | 6 | 28 |
| 2 | Асосҳои марк.–лен. | 2 | 318 | 290 | 60 | 171 | 49 | 10 | 28 |
| 3 | Таърихи ҲКИШ | 1 | 174 | 173 | 23 | 87 | 54 | 9 | 1 |
| 4 | Таърихи матер. | 4 | 233 | 217 | 51 | 117 | 44 | 5 | 16 |
| | Ҳамагӣ | | 1083 | 1013 | 221 | 557 | 188 | 30 | 73 |

М. Эркаев новобаста аз пурра ҷамъбаст гардидани барномаи таълимӣ дар тамоми ин гурӯҳҳо, баҳри боз ҳам баланд бардоштани дониш ва маҳорати донишҷӯён дар ҳаҷми 40 соат дарсҳои такрории лексионӣ ва машваратиро бар роҳ мондаанд, ки дар ин дарсҳо М. Эркаев ва дигар омӯзгорони кафедра фаъолона иштирок намуданд. Натиҷаи чунин нақша–барномаҳои иловагии М. Эркаев буд, ки 196 нафар донишҷӯ дар вақти супоридани имтиҳони давлатии хатм аз фанни асосҳои марксизм–ленинизм аз худ донишу маҳорати баланд нишон додаанд[2].

[1] Отчёт о работе Таджикского государственного университета за 1951-1952, 1952-1953, 1953-1954 учебные годы // БМДҶТ. Ф. 1461. Н. 1. Б. 29. В. 216.
[2] Ҳамон ҷо. В. 216.

Ҳамаи ин заҳмату талош ва масъулиятшиносии баланди Мулло Эркаев буд, ки дар тамоми фаъолияти кории худ дар Донишгоҳ муваффақиятҳои баланди таълимию тарбиявиро соҳиб гардидааст. Аз тамоми ҳисоботҳои шашмоҳа ва ҷамъбастии солҳои таҳсил пешниҳоднамудаи кафедраи М. Эркаев натиҷаҳои баланди дониши шогирдонро мушоҳида намудан мумкин аст.

М. Эркаев баробари таълиму тарбия андешаҳои илмию тарбиявии худро бешак вусъат бахшидаанд. Пас аз як соли дифои рисолаи номзадӣ Мулло Эркаев таҳқиқоти илмии худро бештар намуда, нақшаи таҳқиқоташро дар шакли китобу китобча, мақолаҳои илмӣ, илмӣ – оммавӣ дар муддати як соли пас аз дифои рисолаи илмиаш ба монанди: «Дар бораи тарбияи интернатсионалии меҳнаткашон»[1], «Асари шоёни марксизми эҷодӣ»[2], «Мубориза‍и меҳнаткашони Тоҷикистон барои торумор кардани босмачиён»[3], «Иди бузурги миллӣ»[4], «Конститутсияи мамлакати сотсиалистии ғолиб»[5], «Оиди азхудкунии марксизм-ленинизм»[6], «Ленинизм – парчами ғалабаи мо»[7], «Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шуравӣ–пешво ва ташкилотчии Инқилоби Кабири Октябр»[8], «Торумори охирин босмачии иғвогар дар Тоҷикистон дар соли 1931»[9], «Тарбияи интернатсионалии

---

[1] Эркаев, М. Дар бораи тарбияи интернатсионалии меҳнаткашон / М. Эркаев. – Сталинобод, 1954. – 22 с.
[2] Эркаев, М. Асари шоёни марксизми эҷодӣ / М. Эркаев // Болшевики Тоҷикистон. – Сталинобод, 1954. – №4.
[3] Борьба трудящихся Таджикистана за разгром басмачества (Сб. материалов) истории таджикского народа в советский период. – Вып. 3, – Часть 1.). – Сталинобод: Таджикгосиздат, – 1954.
[4] Иди бузурги миллӣ // Занони Тоҷикистони Советӣ. – Сталинобод. 1954. – №1. – С. 6.
[5] Конституция страны победившего социализма // Блокнот агитатора. – Сталинобод, 1953. – №21. – С. 1 – 16.
[6] Иркаев, М. За овладение марксизмом– ленинизмом / М. Иркаев // Ленинабадская правда. – Ленинабад, 1953. – 25 июля. – Ст.3.
[7] Ленинизм– знамия нашей победы // Блокнот агитатор. – Сталинабад, 1954. – №4.
[8] Ҳизби коммунистии Иттифоқи Шуравӣ – пешво ва ташкилотчии Инқилоби Кабири Октябр // Коммунисти Тоҷикистон. – Сталинобод, 1954. – №11. – С.13– 19.
[9] Разгром последней басмаческой авантюры в Таджикистане в 1931 г. // Ученые записки. ТГУ им. В.И. Ленин. Серия гуманитар.наук, Т.2. – Сталинабад, 1954. – С.45– 72.

меҳнаткашон»[1] чоп намудааст, ки дар таҳқиқотҳои худ саҳми оммаи меҳнаткашонро дар барпошавии Ҳокимияти Шуравӣ, аз байнбурдани дастаҳои босмачигарӣ ва беҳтар гардидани вазъи иҷтимоию фарҳангии ҷумҳурӣ баланд нишон додааст.

Пас аз як сол Мулло Эркаев натиҷаи дастовардҳои илмии худро ба Комиссияи олии аттестатсионӣ пешниҳод намудаанд[2], ки аз ҷониби комиссия баҳои баланд гирифта, бо қарори Вазорати фарҳанги ИҶШС аз 21–уми марти соли 1954 ва Комиссияи олии аттестатсионӣ аз 23–юми январи соли 1954 (таҳти рақами 2) ба унвони илмии дотсенти кафедраи таърихи ҲКИШ сарфароз гардидааст[3].

Таҳқиқоти анҷомдодаи Мулло Эркаев, ки дар зарфи солҳои 1954–1963 дар шакли китобу китобчаҳо, мақолаҳои илмию оммавӣ, ки дар маҷаллаҳои илмӣ ва рӯзномаҳо интишор шудаанд, ба таҳқиқоти якумраи бисёре аз олимон баробар буд[4]. Маҳсули таълифнамудаи М. Эркаев, аз ҷумла: «Аҳаммияти таърихии инқилоби солҳои 1905–1907»[5], «Мубориза барои Тоҷикистони Советӣ»[6], «Дар набард барои Тоҷикистон»[7], «Инқилоби Октябр ва комёбиҳои бузурги халқи тоҷик»[8], «Ҳамкории меҳнаткашон ва ҷанговарони Артиши Сурх дар мубориза барои торумор

---

[1] Эркаев, М. Тарбияи интернатсионалии меҳнаткашон / М. Эркаев // Коммунисти Тоҷикистон. – Сталинобод, – 1953. – №12. – С.43– 52.
[2] Диплом об окончании Сталинабадского госпединститута им. Т.Г. Шевченко, дипломы кандидата и доктора исторических наук, аттестаты доцента и профессора. Ксерокопии (1939-1973) // БМДҶТ. Ф.1915. Н. 1. Б. 342. В. 3.
[3] Ҳамон ҷо. В. 3.
[4] Пирумшоев Ҳ. Ҷовидон дар ёдҳо (Ба ифтихори 110– солагии академик Мулло Эркаев) / Ҳ. Пирумшоев. Нашри дувум. – Душанбе, 2020. – С.101.
[5] Эркаев, М. Аҳамияти таърихии Инқилоби солҳои 1905 – 1907 / М. Эркаев. – Сталинобод, 1955. – 21 с.
[6] Эркаев, М. Мубориза барои Тоҷикистони Советӣ / М. Эркаев бо дигарон. – Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1956.– 100 с.
[7] Иркаев, М.И. В боях за советский Таджикистан / М.И. Иркаев, Ю. Николаев и Я. Шарифов. – Сталинабад: Таджикгосиздат, 1957. – 134 с.
[8] Эркаев, М. Инқилоби Октябр ва комёбиҳои бузурги халқи тоҷик / М. Эркаев. – Сталинобод, 1957.

кардани босмачиён дар Тоҷикистон»[1], «Барои Ҳокимияти советӣ дар Тоҷикистон. (Хотираҳои иштирокчиёни инқилоб ва мубориза зидди босмачигарӣ)»[2], «Ба Россия ҳамроҳ карда шудани Осиёи Миёна ва аҳаммияти таърихии он барои халқи тоҷик»[3], «Очерки таърихи Тоҷикистони Советӣ»[4], «Дар бораи плани ленинии сохтмони сотсиализм ва коммунизм дар ИҶШС»[5], «Ғалабаи сотсиализм дар ИҶШС»[6], «Барои ғалабаи Советҳо (Ёддоштҳои муборизон)»[7], «Баъзе масъалаҳои назарияи марксистӣ–ленинӣ дар асоси қарорҳои съезди XXI КПСС (Дараҷаи таълими илмҳои ҷамъиятшиносиро баланд бардорем)»[8] ба ҳисоб мераванд.

Дар маҷмуъ, таҳқиқоти илмии Мулло Эркаевро фароху гунгунҷанба арзёбӣ намудан мумкин аст, зеро дар таҳқиқоти ба анҷом расонидаи М. Эркаев на фақат бахш ва ё соҳаи муайяни ҳаёти ҷомеа, балки аз оғози ба Россия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна то ташкил ва мустаҳкамшавии Ҳокимияти Шуравӣ, аз бунёд то натиҷаҳову дастовардҳои дар тамоми соҳаҳои ҷомеа соҳиб гардидаи халқи тоҷик дақиқназарона ва пурифтихор бо истеъдоди баланди хираду заковат ва таҳқиқотии худ таҳлил намудаанду андешаҳои дар чаҳорчӯбаи идеологияи сиёсии ба он давра мувофиқ, ки на фақат аҳли зиё, балки аҳли ҷомеа онро мехостанд, рӯйи чоп овардааст. Ҳадафи асосии М. Эркаев на дарёфти унвону мавқеъ, балки

---

[1] Эркаев, М. Материалҳо оид ба таърихи халқи тоҷик (давраи советӣ) / М. Эркаев, А. Макашов, М. Марупов. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1957. – 518 с.
[2] Иркаев, М.И. За власть Советов в Таджикистане. Воспоминания участков революции и борьбы с басмачеством / М.И. Иркаев, А. Машаков, М. Марупов и др. – Сталинабад: Таджикгосиздат, 1958. – 327 с.
[3] Эркаев, М. Ба Россия ҳамроҳ карда шудани Осиёи Миёна ва аҳаммияти таърихии он барои халқи тоҷик / М. Эркаев. – Сталинобод, 1959. – 20 с.
[4] Эркаев, М. Очерки таърихи Тоҷикистони Советӣ / М. Эркаев. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1960. – 674 с.
[5] Эркаев, М. Дар бораи плани ленинии сохтмони сотсиализм ва коммунизм дар ИҶШС / М. Эркаев. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1960.
[6] Эркаев, М. Ғалабаи сотсиализм дар ИҶШС / М. Эркаев. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик,1961.
[7] Барои ғалабаи советҳо (Ёдошти муборизон). – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1961.
[8] Эркаев, М. Баъзе масъалаҳои назарияи марксистӣ – ленинӣ дар асоси қарорҳои съезди XXI КПСС. Дар кит.: Дараҷаи таълими илмҳои ҷамъиятшиносиро баланд бардорем. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик,1961.

нерӯйи ботинии ӯ буд, ки воқеияти таърихиро ба илм табдил додану ба оянда боқӣ гузоштан маҳсуб меёфт. Воқеан ҳам таҳқиқотҳои фарохи илмие, ки М. Эркаев дар ин муддат нашр намуда, дастраси шогирдону хонандагон гардонидааст, заҳматест, ки на ба ҳар олим муяссар мегардад. Чандин таҳқиқоти рӯзмаррае, ки худи М. Эркаев ва дар ҳаммуаллифи бо дигар муҳаққиқон чоп намудааст, аз ҷониби олимони шинохтаи дохиливу умумииттифоқӣ баҳои баландро соҳиб гардидаанд.

Ҳамин тавр, аз рӯйи ҷамъбасти таҳқиқотҳо ва дастовардҳои илмии Мулло Эркаев, ки дар асарҳои номбурда ва боз даҳҳо асарҳои дигару мақолаҳои сершумори илмию оммавие, ки дар матбуотҳои даврӣ то соли 1963 ба чоп расида буданд, бо қарори Комиссияи олии аттестатсионии Иттиҳоди Шуравӣ Мулло Эркаев аз 25 майи соли 1963 (таҳти рақами 16) ба унвони профессорӣ шарафёб гардидааст, ки ин гувоҳи эътирофи расмии дастовардҳои илмию таълимии олим дар рушди илми таърихи ватанӣ маҳсуб меёбанд.[1]

Воқеан ҳам, Мулло Эркаев барои дарёфти ин унвон метавонистааст, ки ҳуҷҷатҳояшро пештар ба комиссия пешниҳод намоянд, зеро таҳқиқотҳои илмии анҷомдодаву шумораи онҳо кайҳо аз шумораи меъёрии ин унвон гузашта буд. Аммо, ин амали М. Эркаев бори дигар исботи гуфтаҳои боло аст, ки ӯ на ба хотири мавқеъу мансаб, унвон, таърифу тавсиф, балки баҳри таҳқиқи воқеияти таърихии халқи тоҷик талошҳо намудааст. Имрӯз тамоми таҳқиқоти илмӣ, на фақат илми таърих, балки тамоми илмҳо раванди сиёсӣ, фалсафӣ, техникӣ, педагогӣ, фарҳангӣ ва ғайра, ки давраи шуравиро дар бар мегиранд ва ё ба он давра бевосита бахшида шудаанд, ҳамчун сарчашма аз китобҳои таълифнамудаи Мулло Эркаев васеъ истифода менамоянд. Таҳқиқоти М. Эркаев на танҳо фарогири қаҳрамониҳои Қаҳрамонони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба монанди:

---

[1] Диплом об окончании Сталинабадского госпединститута им. Т.Г. Шевченко, дипломы кандидата и доктора исторических наук, аттестаты доцента и профессора. Ксерокопии (1939-1973) // БМДҶТ. Ф.1915. Н. 1. Б. 342. В. 5.

Нусратулло Махсумов, Ширишшоҳ Шоҳтемур, Садриддин Айнӣ мебошанд, инчунин, қаҳрамониҳои халқи тоҷикро, чи дар сафҳаи муборизаҳо, ҳифзу дифои сарзамин аз ғорати душманони аҷнабӣ, рушди илму фарҳанг, пешрафти иқтисодиёту иҷтимоиёт, меҳнати софдилонаи падарону модарон дар соҳаи кишоварзӣ ва ғайраҳоро таҷассум мекунанд.

Тамоми манбаъҳои илмии таҳқиқгардида ва асарҳои навиштаи Мулло Эркаев ва дигар омӯзгорони кафедра дар рушди таълиму тарбияи донишҷӯёни Донишгоҳ тӯли солҳо манфиати беҳтару бештаре мебахшиданд. Зеро асарҳои навишта бештар вобаста ба ҳодисаҳои норавшани ҷомеа, роҳҳои бартарафсозии мушкилиҳои ҷойдоштаи ҷамъиятӣ, роҳҳои баланд бардоштани дониш, фаъолсозии ҷавонон ва тамоми аҳолӣ барои пешрафти мамлакат маҳсуб меёфт, ки М. Эркаев бо чунин дастоварди илмӣ ва қобилияти омӯзгории худ на фақат дар байни шогирдон ва доираҳои илмии ҷумҳурӣ, балки дар тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ ва умумииттифоқӣ эътирофу эътибори хосе пайдо намуда буданд[1].

Тӯли ин солҳоро авҷи баланди фаъолияти илмии Мулло Эркаев номидан мумкин аст. Зеро таҳқиқоти бунёдасосии чандин мавзуъҳо бевосита ба қалами худи М. Эркаев мутааллиқанд ва дигар асарҳое, ки дар ҳаммуаллифӣ ва ё бевосита зери сарпарастии ӯ таълиф шудаанд, бешак, аз пешсафии таърихнигории таърихи асри XX–и ҳизбӣ ва сиёсии Тоҷикистон дар минтақа дарак медиҳанд[2].

Мулло Эркаев баробари тамоми корҳои таълимии ба зиммааш гузошташудаву таҳқиқотҳои дар боло зикршуда, масъулияти барояш хеле муҳимму арзанда, ба анҷом расонидани таҳқиқоти рисолаи докториаш ба ҳисоб мерафт. Дар ин муддат М. Эркаев таҳқиқоти ниҳоят мукаммалу доманадори худ зери унвони «Таърихи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон»–

---

[1] Пирумшоев, Ҳ. Ҷовидон дар ёдҳо (Ба ифтихори 110 – солагии академик Мулло Эркаев) / Ҳ. Пирумшоев. Нашри дувум. – Душанбе, 2020. – С.101.

[2] Искандаров, Б. Большая заслуга ученого / Б. Искандаров, К. Мавлянов, С. Ташхуджаев // Коммунист Таджикистана. – Душанбе, 1970. – №59. – 12 март.

ро соли 1963 дар ҳаҷми 760 саҳифа, ки заҳмати чандинсола буд, таълиф намуданд, ки бешак, дар таърихнигории тамоми давраи шуравӣ дар Тоҷикистон падидаи ҷиддӣ маҳсуб меёбад[1].

М. Эркаев таҳқиқоти илмии худро ба унвони рисолаи илмии докторӣ анҷом дода буд. Гарчанде ин асар барвақт нашр шуда бошад ҳам, М. Эркаев онро барои ҳимоя ба Комиссия каме дертар пешниҳод намудааст. 13–уми феврали соли 1964 дар толори шурои олимони Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) дар шурои олимони Комиссияи махсуси олии аттестатсионии Вазорати маълумоти олӣ ва миёнаи махсуси ИҶШС дифои рисолаи доктории профессор Мулло Эркаев бо ҳузури меҳмонони зиёд, олимони шинохтаи ҷумҳурӣ ва давлатҳои ҳамсоя, таърихшиносон, кормандони ҳизб, намояндагони давлатӣ, кормандони матбуот, иштирокчиёни бевоситаи ҷанги шаҳрвандӣ, ки даъват шуда буданд, оғоз гардид[2].

Нахустсуханро Раиси шуро, ректори Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин академики Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор С. Раҷабов ироа намуда, аз ҷумла, қайд намудааст, ки: «Ин аввалин ҳимояи рисолаи докторӣ дар ҷумҳуриамон ба ҳисоб меравад»[3]. Заҳмати Мулло Эркаев дар он давра агар, аз як тараф, дастоварди бузург дар роҳи илм бошад, ҳимояи рисолаи докторӣ дар дохили ҶШС Тоҷикистон падидаи нав барои тамоми ҷомеа маҳсуб меёфт. Дар ин кор кӯшишҳои роҳбарияти Вазорати маълумоти олӣ ва миёнаи махсуси ҷумҳуриву Донишгоҳ ва шурои Комиссия олии аттестатсиониро ба инобат гирем, аз ҷониби дигар, кӯшишу талош ва

---

[1] Иркаев, М. История гражданской войны в Таджикистане / М. Иркаев. – Душанбе: Ирфон, 1963. – 760 с.

[2] Диплом об окончании Сталинабадского госпединститута им. Т.Г. Шевченко, дипломы кандидата и доктора исторических наук, аттестаты доцента и профессора. Ксерокопии (1939-1973) // БМДҶТ. Ф.1915. Н. 1. Б. 342. В. 4; Сафаров, П. Шасти камолот / П. Сафаров, Қ. Бобоев // Маориф ва маданият. – Душанбе,1970. – 12 май. – С. 2.

[3] Защита докторской диссертации // Коммунист Таджикистан. – Душанбе, 1964. – 19 февраль. – С. 3.

заҳмати барҷастаи муаррих Мулло Эркаев хеле муҳим ба ҳисоб меравbooks. Зеро барои роҳ кушодан ба дифои рисолаҳои доктории минбаъдаи олимони ҷумҳурӣ, нахуст таҳқиқоти барҷаста ва олими шинохтаву эътирофгардидаи сатҳи умумииттифоқӣ хеле заруру ҳалкунанда барои ин шурои диссертатсионӣ ба ҳисоб мерафт. Бояд ёдовар шуд, ки Мулло Эркаев низ узви пайвастаи ин шурои илмӣ буд ва дар ин кор саҳми назарраси худи ӯ мушоҳида мешавад.

Ҳамзамон, муқарризони расмӣ: академики Академияи илмҳои ҶШС Узбекистон К.Е. Житов, доктори илмҳои таърих, профессор Х.Ш. Иноятов, доктори илмҳои таърих Б.И. Искандаров баромад намуда, асари Мулло Эркаевро дастоварди арзишманду назаррас дар илми таърихнигории шуравӣ ҳисобида, ба М. Эркаев додани дараҷаи доктори илмҳои таърихро сазовор донистаанд[1].

Инчунин, дар ҷаласаи шурои муқарризони ғайрирасмӣ мудири кафедраи таърихи ҲКИШ–и Донишкадаи роҳи оҳани Тошканд, доктори илмҳои таърих, профессор А.И. Зевелев, директори Донишкадаи таърихи ҳизбии назди КМ ҲК Узбекистон, доктори илмҳои таърих, профессор М.Г. Ваҳҳобов, мудири кафедраи таърихи ҲКИШ–и Донишкадаи омӯзгории Душанбе ба номи Т.Г. Шевченко С. Ғуломов, аъзои шурои шуъбаи Тоҷикистонии Иттифоқи инқилобчиён ва ҷанговарони Иттиҳоди Шуравӣ (член Президиума Таджикской секции Совета ветеранов революции и войни Советского Союза) Ф.Б. Золов иштирок намуда, доир ба асари навиштаи М. Эркаев андешаҳои худро иброз намуда, даврагузории ин ҷангро дастоварди арзанда дар илми таърихнигории халқи тоҷик номидаанд[2].

Пас аз бо муваффақият дифоъ намудани таҳқиқоти илмӣ асари Мулло Эркаев на фақат аз ҷониби олимону таърихшиносон баҳои

---

[1] Защита докторской диссертации М. Иркаева за 1964 г. // БМДҶТ. Ф. 1461. Н. 5. Б. 281. В. 160.

[2] Защита докторской диссертации // Коммунист Таджикистан. – Душанбе, 1964. – 19 февраль. – С. 3.

баландро соҳиб гардид, балки аз ҷониби доираҳои расмии ҳизбию сиёсии ҳамонвақтаи ҶШС Тоҷикистон дастоварди арзанда дар роҳи илм ва воқеияти таърихии халқи тоҷик ҳисобида шуда, бо Қарори Президиуми шурои олии ҶШС Тоҷикистон аз 27–уми феврали соли 1964 бо унвони фахрии «Ходими хизматнишондодаи илми ҶШС Тоҷикистон» қадрдонӣ карда шуд[1]. Ин амал бори дигар гувоҳи эътирофи дастоварди бузурги илмии М. Эркаев ба ҳисоб мерафт.

Мулло Эркаев асари «Таърихи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон» навиштаи худро бори дигар соли 1971 боислоҳи камбудиҳои ҷойдошта, махсусан, иваз намудани давррагузории ин ҷанг рӯйи чоп овардааст,[2] ки ба ғайр аз аҳаммияти бузурги илмӣ дар он давра доштанаш, боз аз аҳаммияти тарбияи сиёсӣ, фарҳангӣ ва пеш аз ҳама, ватандӯстӣ холӣ набуд.

Пас аз навиштани асарҳои зиёд, дар шакли монография, китобҳои дарсӣ ва мақолаҳои илмӣ, илмӣ – оммавӣ соли 1966 бо тавсия ва маслиҳати дӯстону ҳамкасбон маҷмуаи дастовардҳои илмии таълифнамудаи худро ба унвони дастоварди академикӣ ба Комиссияи олии аттестатсионии ИҶШС фиристоданд. Дар натиҷа моҳи августи соли 1967 дар асоси хулосаи Шурои Вазирони ИҶШС, профессор Мулло Эркаевро ҳамчун аъзои Академияи илмҳои педагогии ИҶШС эътироф намудаанд ва ӯ аввалин шахсе мебошанд, ки дар самти илмҳои педагогии ҶШС Тоҷикистон ба чунин унвони баланди илмӣ қадрдонӣ гардидааст[3]. Ин на фақат ифтихори олим, балки ифтихори тамоми ҷумҳурӣ буд. М. Эркаев пас аз ин ҳам, таҳқиқоти дақиқсанҷонаи худро дар мавзуъҳои гуногуни халқи тоҷик ва дигар халқҳои Осиёи Миёна бо маром идома додааст.

---

[1] Фузайлов, А. Мулло Иркаев (описание жизнедеятельности и библиография трудов ученого) / А. Фузайлов, Д. Кабутов. – Душанбе: Ирфон, 1990. – С.37.

[2] Иркаев, М. История гражданской войны в Таджикистане / М. Иркаев. – Душанбе: Ирфон, 1971. – 696 с.

[3] Бобохонов, М. Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон (марҳилаҳои асосии таърихӣ: 1948 – 2008) / М. Бобохонов, Р. Комилов, З. Акрамов. – Душанбе: Эр– граф, 2008. – С.17.

Унвонҳои баланди М. Эркаев аз масъулиятшиноси ӯ дарак медод[1]. Ҳамаи эътирофу эътиборҳои расмӣ дар роҳи таҳқиқоту омӯзиш, баланд бардоштани сифати таълиму тарбия ва омода намудани мутахассисони роҳи илм дар ботини М. Эркаев нерӯйи дигареро зам менамуданд.

Ҳамин тавр, кафедраи таърихи ҲКИШ Донишгоҳ дар давоми солҳои 50–ум то нимаи солҳои 70–ум аз рӯйи нишондодҳои корҳои илмиву таҳқиқотӣ ва таълимию тарбиявӣ дар байни кафедраҳои минтақаи Осиёи Миёна ва шояд умумииттифоқӣ намунаи ибрат ба ҳисоб мерафт[2]. Зеро кафедра ба маркази муҳимтарини тайёр намудани мутахассисони таърихи ҳизбию ватанӣ табдил ёфта буд.

Ҳар сол зери роҳбарии М. Эркаев ва дигар аъзои масъулиятноку фаъоли кафедраи таърихи ҲКИШ тамоми хатмкунандагони Донишгоҳ новобаста аз ихтисосашон имтиҳони давлатии хатм, садҳо нафар донишҷӯён корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм аз фанни асосҳои марксизм – ленинизмро бо муваффақият месупоридаанд ва муҳимтар аз ҳама, чандин мутахассисон рисолаҳои номзадию ҳатто доктории худро дар шурои ҳимояи рисолаҳои илмии Донишгоҳ ва Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон дифоъ намудаанд. Чуноне ки профессор Ҳ. Пирумшоев иброз намуд: «Академик Мулло Эркаев гарчанде ки марди хоксору ботамкин буд, дар рафти фаъолият ва муносибат бо шогирдону ҳамкорон доир ба илму дониш ва навиштани рисолаҳои илмӣ ва илмиву таҳқиқотӣ бо ҷиддият баҳри пешрафти шогирдон муносибат мекард ва ёрии беғаразонаю ғамхории М. Эркаев баробар ҷараён мегирифт»[3]. Мулло Эркаев дар давоми солҳои фаъолияташ ҳамчун сарвари кафедраи ҲКИШ устодони зиёдеро дар ин кафедра ҷамъ оварда, кафедраро ба маркази муҳимтарини тайёр намудани мутахассисони таърихи ҳизбӣ ва шаҳрвандӣ табдил додааст. То соли 1975 шумораи устодони кафедраро ба 35 нафар

---

[1] Пирумшоев, Ҳ. Ҷовидон дар ёдҳо (Ба ифтихори 110– солагии академик Мулло Эркаев) / Ҳ. Пирумшоев. Нашри дувум. – Душанбе, 2020. – С. 105.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 87.
[3] Мусоҳибаи Р. Давлатшоев бо профессор Ҳ. Пирумшоев – Душанбе, 2020. – 28 ноябр.

расонид, ки аз ин шумора 27 нафарашон бо тавсия, роҳнамоӣ ва ҷиддияти фаъолияти корни М. Эркаев ба дарёфти дараҷаҳои илмии номзадию докторӣ сазовор гардидаанд[1]. Боқимонда устодони кафедра таҳқиқотҳои илмии худро барои дарёфти дараҷаи номзадӣ бомуваффақият идома додаанд. Дар ин роҳ, албатта, ҳамон серталабию масъулиятшиносӣ, тавсияҳои илмиву ёрии беғаразонаи роҳбари кафедра барои тамоми аъзои кафедра ва шогирдон бараъло мушоҳида мегардад.[2]

Аммо, бо баъзе сабабҳои беэътиноии роҳбарияти ҳамонвақтаи донишгоҳ 12 майи соли 1975 академик Мулло Эркаев аз вазифаи мудири кафедраи таърихи ҲКИШ озод гардида[3], фаъолияти минбаъдаи худро ба ҳайси профессори кафедраи таърихи ҲКИШ-и Донишкадаи давлатии омӯзгории Душанбе ба номи Т.Г. Шевченко бо маром идома додааст[4].

Хулоса, дар тамоми давраи фаъолияти корни худ академик Мулло Эркаев, ки аслан аз соли 1948 ба ҳайси омӯзгори ҳамкор дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин корро оғоз намудаву аз соли 1950 то соли 1975 вазифаи мудири кафедраи таърихи ҲКИШ–и ин муассисаи олиро ба зимма доштаанд, содиқона бо муҳаббат ва масъулиятшиносии баланд, ба хотири рушди ҷомеа ва давлат заҳмат кашидааст. Маҳз аз ҳамин давра оғоз гардида, қадамҳои нахустини худро дар самти таҳқиқоти илмӣ гузоштаасту баробари бо муваффақият анҷом додани масъулияти мудирии кафедра, омӯзиш, таҳлилу баррасӣ ва таҳқиқоти ҳамаҷонибаи масъалаҳои мубрамми таърихӣ ва замониро ҳадафи муҳимми хеш қарор дода, ба рушду камолоти баланди илмиву

[1] Иркаев, М. Студент и общественные науки / М. Иркаев // Вечерный Душанбе. – Душанбе, 1975. – 6 март.
[2] Искандаров, Б. Большая заслуга ученого / Б. Искандаров, К. Мавлянов, С. Ташхуджаев // Коммунист Таджикистана. – Душанбе, 1970. – №59. – 12 март.
[3] Пирумшоев, Ҳ. Ҷовидон дар ёдҳо (Ба ифтихори 110– солагии академик Мулло Эркаев) / Ҳ. Пирумшоев. Нашри дувум. – Душанбе, 2020. – С. 129.
[4] Ҳусайнов, А. Аз фаъолияти илмиву омӯзгории академик Мулло Эркаев / А. Ҳусайнов, Н. Зарифов // Ахтарони илми таърих (Маводи конференсияи илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Саҳми академик Мулло Эркаев ва профессор Одил Маҷлисов дар рушди илми таърихи ватанӣ»). – Душанбе: Мулквар, 2021. – С. 18.

омӯзгории худ асос гузоштааст. Зеро дар ин давра академик Мулло Эркаев ҳамчун омӯзгори баландихтисос ва таҳқиқотчии дақиқсанҷ таҳқиқотҳои мавзуҳои мубрамму ҳалталаби таҳқиқнагардида ва барои давр ниҳоят зарурро дар асоси воқеият анҷом дода, тамоми зинаҳои баланди илмиву омӯзгориро сазовор гардида, дар дохил, минтақа ва сатҳи иттифоқӣ эътибори хосаро касб намудааст. Аз ин лиҳоз, марҳилаи муайяни зикргардидаи ҳаёту фаъолияти академик Мулло Эркаевро бевосита марҳиллаи асосии рушду камолоти илмиву омӯзгории олим ҳисобидан мумкин аст.

## I.3. Масъалаҳои таърихи халқи тоҷик дар осори илмии Мулло Эркаев

Фаъолияти таҳқиқотиву илмии академик Мулло Эркаевро дар шакли фароху гуногунранг арзёбӣ намудан мумкин аст. Ҷабҳаҳои гуногуни пажӯҳиши илмии М. Эркаев бештар ба мавзуъҳои таърихи ҶШС Тоҷикистон ва Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон бахшида шуда, баҳри рушди илми таърихи халқи тоҷик саҳми назаррас гузоштаанд ва яке аз манбаъҳои муътамад оид ба омӯзиши таърихи Тоҷикистони Шуравӣ маҳсуб меёбанд. Мулло Эркаев дар давоми фаъолияти худ зиёда аз 30 монографияю китобҳои дарсӣ, беш аз 60 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмӣ ва қариб 80 мақолаи дигар дар саҳифаҳои матбуоти даврии ҷумҳурӣ бо забонҳои русӣ, тоҷикӣ ва ӯзбекӣ ба табъ расонидааст[1].

Академик Мулло Эркаев дар ибтидои фаъолияти омӯзгорӣ ва дар давраи даҳсолаи ҳаёти сиёсии худ, сараввал ба навиштани мақолаҳои гуногуни илмӣ ва илмию оммавӣ машғул гардидааст, ки асосан бештарини онҳо, хислати сиёсию тарғиботӣ ва таълимию тарбиявиро дар худ таҷассум менамуданд. Аз ҷумла, «Корҳои ташвиқотӣ–оммавиро намунавор ба роҳ монем», «Кори оммавӣ–ташвиқотӣ дар давраи ғунучинии ҳосил», «Корҳои ташвиқотӣ–оммавиро ба дараҷаи баланд бардорем», «Маданияти

---

[1] Мунавварова, Т.З. Труженик просвещения и науки / Т.З. Мунавварова // Народная газета. – Душанбе, 2020. – 20 мая. – №21. – С. 7.

Тоҷикистон гул–гул мешукуфад», «Барои ҳаёти хушбахтона овоз медиҳем», «Мубориза ба муқобили урфу одатҳои буржуазӣ–феодалӣ» ва дигар мақолаҳо дар сафҳаҳои матбуоти даврӣ ба чоп расонидаанд[1] ва дар пешрафти хоҷагии халқи ҷумҳурӣ, ки дар давраи ҳассоси Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳамчун қувваи ақибгоҳӣ заҳмат мекашиданд, нерӯйи дигаре мебахшиданд.

Чихеле ки дар боло зикр намудем, Мулло Эркаев соли 1950 ба шуъбаи аспирантураи Донишкадаи давлатии омӯзгории Душанбе ба номи Т.Г. Шевченко дохил шуда, мавзӯи «Торумор намудани гумоштаи империализми англо–америкоӣ Иброҳимбеки моҷароҷӯй»-ро ҳадафи асосии таҳқиқоти хеш қарор дод. Гарчанде ки доир ба ин масъала назария ва андешаҳои гуногун рӯйи чоп омада буданд ҳам, аммо воқеияти таърихиро дар асоси мадракҳо ва далелҳои раднопазир ошкор накарда буданд. Мулло Эркаев тавонистанд дар асоси ҳуҷҷатҳо ва хотираҳои бевоситаи иштирокчиёни ин моҷаро хусусиятҳои ҷангӣ, шахсияти Иброҳимбекро чун дузду ғоратгар (босмачӣ) ва фирефтаи кишварҳои хориҷӣ ошкор намуда, таҳқиқоти илмии худро ба анҷом расонида, соли 1953 рисолаи илмии худро бо муваффақият дифоъ намуданд[2]. Чӣ хеле, ки профессор Ҳ. Пирумшоев дар китоби худ «Ҷовидон дар ёдҳо» қайд намудаанд: «дифои рисолаи илмӣ аз ҷониби Мулло Эркаев гувоҳи он буд, ки устод ба арсаи таърихшиносии муосири тоҷик ҳамчун таҳқиқотчии дақиқсанҷ устуворона ворид гаштааст»[3].

Мулло Эркаев дар амалӣ намудани ин нақша худ намунаи баланду шоёни талқин буд. Фақат таълифоти таҳқиқотии илмии худи олим дар даҳсолаи аввали фаъолияташ ба ҳайси мудири кафедра, яъне солҳои 50–ум дар шакли китобу китобчаҳо ба таҳқиқоти якумраи бисёре аз олимони

---

[1] Перечень опубликованных работ. Ксерокопия (1973) // БМДҶТ. Ф. 1915. Н. 1. Б. 343. В. 7-8.

[2] Иркаев, М. Разгром последней басмаческой авантюры в Таджикистане: автореф. дисс... канд. пед. наук / М. Иркаев. – Сталинабад, 1953. – 38 с.

[3] Пирумшоев Ҳ. Ҷовидон дар ёдҳо / Ҳ. Пирумшоев. Нашри дувум. – Душанбе: Ирфон, 2020. – С.100.

назаррас баробар буд. Чунин таҳқиқоти рӯзмарра, ки худи олим ва дар ҳаммуаллифӣ бо дигар муҳаққиқон таълиф намудааст, монанди: «Дар бораи тарбияи интернатсионалии меҳнаткашон»[1], «Аҳаммияти таърихии Инқилоби солҳои 1905–1907»[2], «Мубориза барои Тоҷикистони Шуравӣ»[3], «Дар набард барои Тоҷикистони Шуравӣ (1917–1957)»[4], «Материалҳо оид ба таърихи халқи тоҷик (давраи шуравӣ)»[5], «Барои Ҳокимияти Советӣ дар Тоҷикистон»[6], «Ба Россия ҳамроҳ карда шудани Осиёи Миёна ва аҳаммияти таърихии он барои халқи тоҷик»[7] ва боз дар даҳҳо мақолаҳои илмию оммавии дигарро ба табъ расонидаанд. Вазъи сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии халқи тоҷикро дар нимаи аввали асри XX мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, саҳми меҳнаткашони Тоҷикистонро дар пешрафти ин соҳаҳо нишон додааст, ки гувоҳи дониши мукаммалу маҳорати баланди илмиву таҳқиқотии М. Эркаев мебошанд.

Нашри дуюми пурра ва тоҷикии китоби бузургҳаҷми «Очеркҳои таърихи Тоҷикистони Шуравӣ»[8], бешак, падидаи назарраси илмии ҶШС Тоҷикистон дар солҳои 60-ум ҳисоб меёфт. Ин китоб аввалин ҷамъбасти пурраи дастовардҳои сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии халқи тоҷику тамоми тоҷикистониёни давраи баъди инқилобист, ки аз ҷониби мутаххасисон баҳои баланд гирифтааст.

---

[1] Эркаев, М. Дар бораи тарбияи интернатсионалии меҳнаткашон / М. Эркаев. – Сталинобод, 1954. – 22 с.

[2] Эркаев, М. Аҳаммияти таърихии Инқилоби солҳои 1905– 1907 / М. Эркаев. – Сталинобод, 1955. – 21 с.

[3] Эркаев, М. Мубориза барои Тоҷикистони Советӣ / М. Эркаев, Ю. Николаев. – Сталинобод: Нашдавтоҷик, 1956. – 100 с.

[4] Иркаев, М. В боях за Советский Таджикистан / М. Иркаев, Ю. Николаев. – Сталинабад: Таджикгосиздат, 1957. – 134 с.

[5] Эркаев, М. Материалҳо оид ба таърихи халқи тоҷик (давраи советӣ) / М. Эркаев, А. Макашов, М. Марупов. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1957. – 518 с.

[6] Эркаев, М. Барои ғалабаи Советҳо дар Тоҷикистон. Ёди иштирокчиёни инқилоб ва мубориза ба муқобили босмачиён / М. Эркаев, А. Макашов, М. Марупов. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1958. – 327 с.

[7] Эркаев, М. Ба Россия ҳамроҳ карда шудани Осиёи Миёна ва аҳаммияти таърихии он барои халқи тоҷик / М. Эркаев. – Сталинобод, 1959. – 20 с.

[8] Эркаев, М. Очеркҳои таърихии Тоҷикистони Советӣ (1917– 1957 гг.) / М. Эркаев, Ю. Николаев ва Я. Шарипов. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1960. – 674 с.

Соли 1964 китоби «Очеркҳои таърихи Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон», ки Мулло Эркаев бо ҳаммуаллифии В.А. Козачковский, А.В. Макашов, К.П. Марсаков ва дигарон таълиф намуда буд, аз чоп баромад. Ин китоб таҳлили дастовардҳои бузурги таърихие буд, ки заҳматкашони Тоҷикистон дар солҳои баъдиинқилобӣ ба даст оварда буданд. Гарчи аз рӯйи мантиқ мебоист мавқеи роҳбарикунандаи ҳизб дар мадди аввал бошад, вале дар баробари ин, меҳнати босуботу қаҳрамононаи халқҳои Тоҷикистон таҳлили воқеӣ ёфтааст[1].

Соли 1965 бошад, китоби таълимии «Таърихи ҶШС Тоҷикистон» барои мактабҳои олӣ, ки бо иштироки бевоситаи Мулло Эркаев таълифу таҳрир ёфта буд, аз чоп баромад. Ин китоб дар асоси беҳтарину мукаммалтарин дастовардҳои таърихнигории ҳамон давра бо назардошти талаботи омӯзиши таърихи халқи тоҷик дар донишгоҳҳои олӣ ба табъ расонида шуд[2].

Соли 1966 китоби дигари Мулло Эркаев «Барқарор ва мустаҳкам намудани Ҳокимияти Советӣ дар Тоҷикистон» дар ҳаҷми 471 саҳифа нашр шуд. Дар ин асар муаллиф заминаҳои инқилоб, вазъияти инқилобӣ, оғозу ғалабаи онро ба таври доманадор мавриди пажӯҳиш қарор додааст. Ҳамчунин, дар китоби мазкур омилҳои мустаҳкамшавии Ҳокимияти Шуравӣ ва дастовардҳои сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва мадании ҷумҳурӣ возеҳу равшан мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд[3].

Номгӯи чандин асарҳои пурарзише, ки бевосита ба қалами Мулло Эркаев ё дар ҳаммуаллифӣ бо дигар олимон дар нимаи дуюми солҳои 60–ум рӯйи чоп омадаанд, монанди «Ячейкаҳои Ҳизби Коммунистӣ дар

---

[1] Иркаев, М.И. Очерки истории Коммунистической партии Таджикистана / М.И. Иркаев, В.А. Казачковский, А.М. Макашов, К.П. Марсаков. – Душанбе: Ирфон,1964. – 424 с.

[2] Иркаев, М.И. История Таджикской ССР (Учебное пособие для вузов республики) / М.И. Иркаев с автором. – Душанбе: Ирфон, 1965. – 451 с.

[3] Эркаев, М. Барқарор ва мустаҳкам намудани Ҳокимияти Советӣ дар Тоҷикистон / М. Эркаев. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 471 с.

Тоҷикистон»[1], «Муборизаи Ҳизби Коммунистӣ барои ташаккул ва инкишофи синфи коргари Тоҷикистон»[2], «Нақши Ҳизби Коммунистӣ барои табдил ёфтани деҳқонон ба созандагони фаъоли сотсиалистӣ»[3] ва ғайра гувоҳи масъулият ва меҳнати сангину бурдбориҳои олим ҳисоб меёбанд. Академик Мулло Эркаев ҳатто дар он таҳқиқоте, ки бо иштироки дигар олимон таълиф намудаанд, вазни асосии навиштан ва таҳририи онҳоро ба дӯши худ гирифтааст, ки инро дар таълифоташон мушоҳида намудаем.

Дар ин солҳо Мулло Эркаев дар баъзе аз таҳқиқоти муҳимму назарраси дастаҷамъӣ дар миқёси умумииттифоқ бевосита ширкат варзидаанд, аз ҷумла, «Ғалабаи Ҳокимияти Шуравӣ дар Осиёи Миёна ва Қазоқистон», «Таърихи ташкилотҳои коммунистии Осиёи Миёна»[4]. Ин асарҳо аввалин таҳқиқотҳои бунёдие буданд, ки рафти воқеаҳои давраи навро аз ҷиҳати сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар қисмати зиёди Осиёи Марказӣ дар ҳамбастагии мантиқии сиёсӣ ва таърихӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додаанд.

Ҳамзамон, дар солҳои 70-ум М. Эркаев ба ҷузъ аз чандин мақолаҳояш, ки дар ҷилди якуми «Энсиклопедияи советии тоҷик», монография «Дар саргаҳи маориф» ба табъ расидаанд, инчунин, дар тайёр намудани «Очеркҳои таърихии Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон» фаъолона ширкат намудааст. Ҷилди якуми ин китоби дастаҷамъӣ соли 1980 дар ҳаҷми 312 саҳифа ба табъ расид. Сипас китоби навбатии М. Эркаев «Октябри Кабир ва азнавсозии сотсиалию мадании деҳот» дар соли 1982 ва дар соли 1983 бошад китоби таълимӣ барои мактабҳои олӣ «Таърихи ҶШС Тоҷикистон» ба табъ расидааст, ки чанде аз бобҳои он ба қалами М.

[1] Эркаев, М. Ячейкаҳои Ҳизби Коммунистӣ дар Тоҷикистон / М. Эркаев. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 82 с.
[2] Иркаев, М. Коммунистическая партия в борьбе за формирование и развитие рабочего класса в Таджикистане / М. Иркаев, С. Сангинов, Б. Гутнитский. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 326 с.
[3] Иркаев, М. Роль Коммунистической партии в превращении дехкан в активным строителей социализма / М. Иркаев, П. Сафаров. – Душанбе: Ирфон, 1968. – 192 с.
[4] История коммунистических организацей Средней Азии. – Ташкент, 1967. – 778 с.

Эркаев мутааллиқ мебошанд. Ҳамчунин, боз чанд китоби дигар, аз ҷумла: «Деҳқонони колхозӣ–бинокорони фаъоли сотсиализм»[1], «Гулгулшукуфии маорифи халқи Тоҷикистон»[2] ва ғайра ба дасти хонандагон расидаанд.

Бисёре аз асарҳои бунёдии Мулло Эркаев чӣ хеле, ки дар боло ишора намудаем, бо дарназардошти вазъи сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ дуюмбора таълиф гардидаанд. Ин аз як тараф, аз талаботи зарурияти нашри тозаи онҳо гувоҳ бошад, аз тарафи дигар, ин нишонаи серталабию ҷустуҷӯҳои муттасили М. Эркаев нисбат ба такмили таҳқиқоти пешинаи илмии худ маҳсуб меёбад. Ҳамин зарурият буд, ки соли 1971 нашриёти «Ирфон» боз бори дуюм китоби Мулло Эркаев «Таърихи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон»[3]–ро аз чоп баровард.

Ба андешаи муҳаққиқ Ҳ. Пирумшоев «Аз диди мо асарҳои Мулло Эркаев намунаи баланди омӯзишии илмии муваффақиятҳоест, ки халқи тоҷик бо ёрии халқҳои бародари Иттиҳоди Шуравӣ дар як муддати кӯтоҳи таърихӣ дар ҷабҳаҳои гуногуни ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоию маданӣ соҳиб гашта буд»[4].

Бояд зикр кард, ки доираи таҳқиқоти илмие, ки М. Эркаев ба онҳо даст задааст, ниҳоят доманадор ва гуногунпаҳлӯ мебошанд. Ҳадди хронологии он аз нимаи дуюми асри XIX ибтидо гирифта, то солҳои 90–уми асри XX–ро дар бар мегиранд. Дар илми таърих ин давраро нимаи дуюми давраи нав ва навтарин меноманд. Давраи нисбатан ноҳамвори таърихӣ, давраи равияҳои мухталифи таърихшиносию таърихнигорӣ, давраи зиддиятҳои шадиди идеологӣ ва методологист. Аз ин рӯ, таҳқиқоти ин давра, аз муҳаққиқ масъулияти ниҳоят дақиқбинона ва ҷиддиро талаб намудааст. Махсусан, таҳлили якчанд асари М. Эркаевро мавриди таҳлил

---

[1] Эркаев, М. Деҳқонони колхозӣ – бинокорони фаъоли сотсиализм / М. Эркаев. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 192 с.
[2] Иркаев, М. Расцвет народного образования в Советском Таджикистане / М. Иркаев, И. Обидов, О. Каримова. – Душанбе: Ирфон, 1987. – 265.
[3] Иркаев, М. История гражданской войны в Таджикистане / М. Иркаев. – Душанбе: Ирфон, 1963. – 760 с.
[4] Пирумшоев, Ҳ. Ҷовидон дар ёдҳо / Ҳ. Пирумшоев. – Душанбе, 2000. – С. 122.

қарор дода, ба тарзи мухтасар мехоҳем ишора намоем ва заҳмату талоши ӯро дар роҳи таҳқиқотҳои таърихи халқи тоҷик воқеъбинона қадр намоем.

Яке аз асарҳои Мулло Эркаев «Барпо ва мустаҳкам намудани Ҳокимияти Советӣ дар Тоҷикистон» ном дошта, соли 1966 ба табъ расид ва аз ҷониби хонандагон ва таърихшиносони ватаниву умумииттифоқӣ сазовори баҳои баланд гардидааст[1].

Муаллиф асарашро дар асоси маъхазҳои бойгонӣ, материалҳои рӯзномаю маҷаллаҳо, адабиёти мавҷуда ва ёддоштҳо ба тарзи илмиву оммавӣ навиштааст. Китоби мазкур аз 7 боб иборат буда, дар роҳи таҳқиқу дастраси омма гардонидани таърихи муборизаи халқи тоҷик ба муқобили душманони синфӣ хизмати босазое кардаанд.

Боби якуми асар оид ба вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсии Тоҷикистони Шимолӣ ва Помир, ки дар ҳайати Туркистон буданд, нақл мекунад. Муаллиф нишон медиҳад, ки ҳамроҳ карда шудани Осиёи Миёна ба Россия: «раванди вайроншавии муносибатҳои патриархалӣ–феодалиро тезонд, ба инкишофи капитализм таконе дода, сабаби дар кишвар паҳн шудани маданияти пешқадами халқи рус ва тафаккури инқилобии синфи коргар гардида, барои бо меҳнаткашони Россия муттаҳид шудани халқҳои меҳнаткаши Осиёи Миёна роҳ кушод»[2].

Академик Мулло Эркаев маҳз дар ин асар бо далелҳои раднашаванда марҳилаи дар байни меҳнаткашони маҳаллӣ ба вуҷуд омадани заминаи инқилобӣ, ғалаба ва барпо шудани Ҳокимияти Шуравиро дар Тоҷикистони Шимолӣ ва Помир бо хусусиятҳои ба худ хос нишон додааст.

Баъд аз барпо шудани Ҳокимияти Шуравӣ душманони дохилӣ бо нишондод ва ёрии империализми хориҷӣ бо мақсади аз нав ба даст овардани ҳукмронӣ ҳаракат ва ошубҳои зиддиинқилобӣ ташкил намуданд.

---

[1] Эркаев, М. Барпо ва мустаҳкам намудани Ҳокимияти Советӣ дар Тоҷикистон / М. Эркаев. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 471 с.

[2] Абулҳаев, Р. Ёди муборизон / Р. Абулҳаев // Маориф ва маданият. – Душанбе, 1966. – 9 июн.

Охири моҳи ноябри соли 1917 қувваҳои зиддишуравӣ ҳукумати аксулинқилобии «Мухторияти Қуқанд» – ро ташкил карданд ва мақсад доштанд, ки Ҳокимияти Шуравиро дар Туркистон барҳам дода, давлати миллии буржуазӣ–помешикӣ барпо кунанд.

Аз паси «Мухторияти Қуқанд» аксулинқилобчиён исёни қазоқҳои сафедро, ки ба он полковник И. М. Зайтсев кӯшишҳои аввалини зиддинқилобии душманони синфиро ба таври лозимӣ таҳлил карда менависад, ки Ҳизби Коммунистии Туркистон бо ёрии меҳнаткашон, ҷанговарони Артиши Сурх ва ба отрядҳои ихтиёрӣ такя намуда, ин исёни казакҳои сафедро дар як муддати кӯтоҳ барҳам дод. Пас аз барҳам додани исёни казакҳои сафед, охири моҳи феврали соли 1918 ҳукумати иртиҷоии «Мухторияти Қуқанд» ҳам торумор карда шуд[1].

Боби дуюми асар дар бораи ҷанги шаҳрвандӣ ва муборизаи меҳнаткашони Тоҷикистони Шимолӣ ва Помир, ба муқобили қувваҳои зиддиинқилобӣ бахшида шудааст[2]. Дар ин боб академик Мулло Эркаев муборизаҳои қаҳрамононаи Артиши Сурхро бо дастгирию иштироки бевоситаи мардуми маҳаллӣ, ки зидди зулму истибдоди дастаҳои босмачиён дар ноҳияҳои гуногуни Тоҷикистони Шимолӣ ва Помир ба амал баровардаанд, дар асоси маводҳои гуногуни бойгонӣ таҳқиқоти илмиро ба анҷом расонидааст.

Қайд мегардад, ки баъд аз барҳам дода шудани манбаъҳои аввалини ҳаракати зиддиинқилобӣ, душманони дохилӣ ва хориҷӣ аз мақсадҳои нопоки худ даст накашиданд. Чуноне ки профессор Абулҳаев Раҳиб қайд намудаанд: «Империалистони хориҷӣ дар навбати аввал, империалистони Англияю Америка кӯшиш мекарданд, ки Туркистонро ба мустамликаи худ табдил дода, баъд онро ҳамчун мавқеи мувофиқ барои сар кардани ҳуҷум ба Россияи Шуравӣ истифода баранд. Бо ҳамин мақсад тобистони соли

---

[1] Эркаев, М. Барқарор ва мустаҳкам намудани Ҳокимияти Советӣ дар Тоҷикистон / М. Эркаев. – Душанбе: Ирфон, 1966. – С. 79.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 85 – 135.

1918 империалистони хориҷӣ интервентсияи худро ба Осиёни Миёна сар карданд ва сабабгори сар шудани ҷанги шаҳрвандӣ дар ин сарзамин гардиданд»[1].

Муаллиф дар ин боб чорабиниҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва оммавӣ – тарғиботии ҳизбиро дар кори мубориза ва барҳам додани босмачигарӣ дар Тоҷикистони Шимолӣ бо далелҳо исбот кардааст.

Қимати асари М. Эркаев, пеш аз ҳама, дар он аст, ки муаллиф ба таври ҳақиқӣ иштироки фаъолонаи меҳнаткашони маҳаллиро бо якҷоягии ҷанговарони Артиши Сурх дар торумор намудани дастаҳои босмачиён хеле хуб нишон додааст.

Боби сеюми китоб ба ғалабаи инқилоб ва барпо кардани Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро бахшида шудааст.

Дар китоб инчунин, масъалаи ақибмонии иқтисодию сиёсӣ ва мадании асримиёнагии Аморати Бухоро, роли роҳбарӣ ва ташкилотчигии ҳизби коммунистиро дар бобати сафарбар кардани омма барои барҳам додани он хело хуб нишон дода шудааст.

Боби чорум дар бораи муборизаи меҳнаткашон баҳри мустаҳкам кардани Ҳокимияти Шуравӣ дар Бухорои Шарқӣ навишта шудааст. Муаллиф сабабҳои асосии пайдоиши босмачиёнро дар китоб ҳаматарафа баён намудааст.

Дар китоб хонанда метавонад бо далерию қаҳрамонии намоядагони миллатҳои гуногуни шуравӣ, ки дар солҳои пурошуби мубориза барои барпо ва мустаҳкам намудани Ҳокимияти Шуравӣ дар сарзамини тоҷикон бо якҷоягии меҳнаткашони маҳаллӣ нишон додаад, шинос шавад.

Боби панҷуми асар ба чорабиниҳои Ҳизби Коммунистӣ барои торумор кардани қувваҳои асосии зиддиинқилобӣ ва ба охир расидани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон бахшида шудааст.

---

[1] Абулҳаев, Р. Ёди муборизон / Р. Абулҳаев // Маориф ва маданият. – Душанбе, 1966. – 9 июн.

Боби шашуми асар дар хусуси муборизаи меҳнаткашон барои барҳам додан ва тамоман решакан кардани боқимондаҳои босмачигарӣ ва аз нав барқарор намудани хоҷагии дар солҳои ҷанги шарвандӣ хароб гардида бахшида шудааст.

Ниҳоят, боби ҳафтум дар бораи нест кардани ҳуҷуми ҷудогонаи дастаҳои босмачиён баҳс мекунад. Империалистони хориҷӣ бо мақсади боздоштани тараққиёти осоиштаи хоҷагии халқ соли 1929 дастаи босмачиёнро бо сардории собиқ беки Қаротегин Фузайл Махсум ва соли 1931 бо сардории Иброҳимбек ба муқобили Тоҷикистони Шуравӣ сафарбар намуданд. Аммо, ин кӯшиши душманони инқилоб ҳам зуд барбод рафт[1].

Муаллиф фаъолияти ҳаматарафаи арбобони барҷастаи Ҳизби Коммунистӣ ва сарлашкарони қисмҳои Артиши Сурх: М.В. Фрунзе, В.В. Куйбишев, Г.К. Орҷоникидзе, В.И. Шорин, Е.Н. Шветсов, Я.А. Мелкумов, Н.Д. Томин ва дигаронро дар кори барпо ва мустаҳкам кардани Ҳокимияти Шуравӣ хеле хуб нишон медиҳанд[2].

Дар асар номҳои қаҳрамонон ва муборизони далер: Ҳайдар Усмонов, Муқим Султонов, Қарохон Сардор, Бобохон Ҳамдамов, Бобо Содиқов, Юлдош Соҳибназаров ва дигарон гирд оварда шудаанд[3].

Асари Мулло Эркаев, ки дар асоси сарчашмаву адабиёт ва мушоҳидаи шоҳидон таълиф гардидааст, барои хонандаони тоҷик доир ба таърихи барпо ва мустаҳкам шудани Ҳокимияти Шуравӣ дар Тоҷикистон маълумот медиҳад.

Ҳамзамон, Мулло Эркаев таҳқиқоту омӯзиши хешро пас аз дифои рисолаи номзадии худ доир ба мавзӯи «Торумор намудани гумоштагони

---

[1] Эркаев, М. Барқарор ва мустаҳкам намудани Ҳокимияти Советӣ дар Тоҷикистон / М. Эркаев. – Душанбе: Ирфон, 1966. – С. 367.
[2] Ҳамон ҷо.– С. 369.
[3] Ҳамон ҷо.

империализми англо–амрикоӣ Иброҳимбеки моҷароҷӯй»[1] боз ҳам дар ин самт идома дода, доир ба ин давраи муайяни таърихи халқи тоҷик асаре зери унвони «Таърихи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон» таълиф намуд, ки қимати бузурги илмиеро дар илми таърихшиносии кишвар соҳиб гардид. Ин асар мавқеи ӯро дар роҳи дарёфти зинаҳои баланди дараҷаи илмӣ – доктори илмҳои таърих шарафёб намуд. Гарчанде ҳадафи асосии Мулло Эркаев на ин, балки таҳлили воқеии ин ҳодисаи муҳимми таърихӣ дар ҳаёти халқи тоҷик буд. Бояд зикр намуд, ки доир ба ин давраи таърихӣ, ки аслан ҷанги якуми шаҳрвандӣ имрӯз ном гирифтааст, то навишта шудани асари М. Эркаев ба ғайр аз чанд мақолаи дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ чопшуда, дигар чизе дастраси хонандагон ва донишҷӯён набуд. Гӯё ин воқеаи таърихии халқи тоҷик чун гиреҳи сарбастае боқӣ монда буд. Аммо, Мулло Эркаев бо ҷиддияти том, ба омӯзиш ва пажӯҳиши воқеии ин ҷанг пардохт. Воқеаҳои бавуқуъомадаро дар асоси ҳуҷҷатҳои бойгониҳои шаҳрҳои Москва, Тошканд, Самарқанд, Бухоро, Душанбе[2] ва адабиёту мақолаҳои гуногуни мавҷуда, хотираҳои иштирокчиёни бевоситаи ҷанги шаҳрвандӣ ва сохтмони сотсиалистӣ барои барпо ва мустаҳкам намудани Ҳокимияти Шуравӣ дар Тоҷикистон соли 1963 дар ҳаҷми 760 саҳифа ба чоп расониданд. Асар аз сарсухан, ҳафт боб ва хотима иборат аст.[3]

Дар сарсухан муаллиф китобу мақолаҳои доир ба масъалаҳои алоҳидаи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон навишташударо танқид намуда, дуруст ва ҳаққонӣ қайд менамоянд, ки дар онҳо роли роҳбарикунандаи Ҳизби Коммунистӣ, оммаи халқ, дӯстии халқҳо ба таври кофӣ нишон дода нашудаанд. Илова бар ин, муаллифон доир ба ин масъала (таърихи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон) асарҳо эҷод карда, ба масъалаҳои муҳимми сиёсӣ ва хоҷагӣ – коммунизми ҳарбӣ ва сиёсати нави

---

[1] Иркаев, М. Разгром последней басмаческой авантюры в Таджикистане: автореф. дисс... канд. пед. наук / М. Иркаев. – Сталинабад, 1953. – 38 с.

[2] Шарипов, Я. Большой вклад в науку / Я. Шарипов, У. Раимкулов и др. // Коммунист Таджикистана. – Душанбе, 1970. – 20 ноября.

[3] Иркаев, М. История гражданской войны в Таджикистане / М. Иркаев. – Душанбе: Ирфон, 1963. – 760 с.

иқтисодӣ аҳаммият надодаанд. Ҳол он ки ин чорабиниҳо барои торумор кардани босмачиён, интервентҳо ва ҳомиёни маҳаллию хориҷии онҳо роли ниҳоят бузург бозидаанд.

Ин масъалаҳо ва аҳаммияти онҳо аввалин бор дар монографияи профессор Мулло Эркаев ба таври комил аз ҷиҳати илмӣ таҳлил карда шудаанд.

Дар боби якум аҳволи иқтисодиву иҷтимоии оммаи меҳнаткашони Тоҷикистон ва Аморати Бухоро то Инқилоби Октябр, ташкил шудани гурӯҳҳои аввалин сотсиал–демократӣ дар Осиёи Миёна, аз ҷумла дар Тоҷикистони Шимолӣ, ки ба муборизаи инқилобии меҳнаткашони кишвар роҳбарӣ мекарданд, баён шудааст.

Дар ҳамин боб муаллиф хиёнаткорӣ ва амалиёти ҷудоиандозии ҳизбҳои гуногуни буржуазӣ – клерикалии дар Осиёи Миёна ташкилшударо фош менамоянд ва ба таъсири Инқилоби Октябр барои бедоршавии ҳаракатҳои инқилобии халқҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла меҳнаткашони Тоҷикистон диққат дода, қайд менамоянд, ки ин инқилоб барои аз зулми феодалӣ ва мустамликавӣ озод шудани халқҳои мазлуми кишвари Туркистон ва Аморати Бухоро сабақи муҳим гардид. Ғайр аз ин, дар ин қисми асар барқароршавии Ҳокимияти Шуравӣ дар ноҳияҳои шимоли Тоҷикистон ва Помир, гузаронидани чорабиниҳои аввалини Ҳокимияти Шуравӣ – милликунонии корхонаҳои саноатӣ ва замин, ташкилёбии нахустин ташкилотҳои маҳаллии ҳизбӣ, комсомолӣ ва иттифоқҳои касаба возеҳу равшан нишон дода шудаанд[1].

Боби дуюми асраи мазкур солҳои 1918–1922 – ро дар бар гирифта, дар он пахш карда шудани муқобилиятҳои синфҳои истисморкунанда, торумор гардидани қувваҳои аксулинқилобии дохилӣ дар ноҳияҳои шимоли Тоҷикистону Помир ва ҳомиёни хориҷии онҳо, ки ҷанги шаҳрвандиро ба гардани халқҳои меҳнаткаши Осиёи Миёна бор карда,

[1] Иркаев, М. История гражданской войны в Таджикистане / М. Иркаев. – Душанбе: Ирфон, 1971. – С.18.

мақсад доштанд халқҳои ин сарзаминро ғулом гардонда, Осиёи Миёнаро ба мустамликаи давлатҳои империалистии Англия ва ИМА табдил диҳанд, нишон дода шудааст[1]. Муаллиф кӯшиш кардааст, ки дар баробари ин, роли роҳбарикунанда ва ташкилотчигии ҳизби коммунистиро аз нуқтаи назари методологии илми марксистӣ–ленинӣ ба қалам диҳанд.

Боби сеюми асар хонандаро бо аҳволи иҷтимоиву иқтисодии Бухоро дар арафаи инқилоб, сарнагун шудани аморат ва барқарор гардидани Ҳокимияти Шуравӣ дар Тоҷикистони марказӣ, ҷанубӣ ва шарқӣ ошно месозад. Дар ин ҷо муаллиф ба характери инқилобии Бухоро баҳо дода, онро инқилоби буржуазӣ – демократӣ унвон намуда, қайд менамоянд, ки ин инқилоб аз сентябри соли 1920 то марти соли 1921, яъне то пурра барқарор гардидани Ҳокимяти Шуравӣ дар Тоҷикистони Ҷанубӣ ва Марказӣ давом намудааст[2].

Дар боби мазкур роҳи тайкардаи Ҳизби Коммунитии Бухоро, муваффақият ва камбудиҳои он ба ҳайати ҲКР (б) дохил гардидани вай, иштироки бевоситаи меҳнаткашон дар кори барҳамдиҳии боқимондаҳои сохти амирӣ, тараққӣ додани хоҷаги халқ, иштироки меҳнаткашон дар кори муассисаҳои ҳизбию давлатӣ нишон дода, бо далелҳои таърихӣ асоснок гардонида шудааст.

Дар бобҳои чорум ва панҷум бошад, замина ва сабабҳои асосии ба вуҷуд омадани ҳаракати босмачигарӣ дар Тоҷикистон, роли сиёсати Коммунизми ҳарбӣ ва сиёсати нави иқтисодӣ роли ташкилотчигии КМ ҲКР (б) Бюрои осиёимиёнагии он, органҳои маҳаллии ҳизбию давлатӣ, роли Комиссияи фавқулодаи КИМ Ҷумҳурии халқии Шуравии Бухоро оид ба Бухорои Шарқӣ барои нест кардани ҳаракати босмачигарӣ ва гумоштагони хориҷӣ нишон дода шудааст.

---

[1] Иркаев, М. История гражданской войны в Таджикистане / М. Иркаев. – Душанбе: Ирфон, 1971. – С. 84 – 129.
[2] Ҳамон ҷо. – С.141 – 205.

Боби шашуми китоби мазкур ба масъалаи тамоман барҳам додани дастаҳои босмачиён бахшида шудааст. Дар он қайд карда мешавад, ки КМ ҲКР (б) ва Бюрои осиёимиёнагии он, ташкилоти ҳизбии Тоҷикистон илҳомбахш ва ташкилотчии муборизаи халқ буда, барои тамоман нест кардани босмачигарӣ дар Тоҷикистон солҳои 1925–1926 ду маъракаи зарбазанӣ ташкил намудаанд, ки дар он дар қатори қисмҳои Артиши Сурх отрядҳои ихтиёриён–калтакдорони сурх иштирок намудаанд. Дар ин боб муаллиф ба рафти азнавбарқароркунии хоҷагии халқ (баъди пурра торумор кардани босмачиён) диққати калон додааст.

Боби охирини китоб ба масъалаи торумор карда шудани охирин дастаҳои босмачиён, бо сардории гумоштагони империализми байналхалқӣ – Фузайл Махсум ва Иброҳимбек, ки мақсад доштанд ба пешрафти иқтисодиву сиёсӣ ва маданиии меҳнаткашони ҷумҳурӣ халал расонанд, бахшида шудааст ва солҳои 1929–1931–ро дар бар мегирад[1].

Хизмати академик Мулло Эркаев аз он иборат аст, ки дар ин бобҳо аз нуқтаи марксистӣ–ленинӣ дар асоси материалҳои раднашаванда, дар байни таърихшиносон аввалин шуда даврабандӣ ва давраҳои асосии ҷанги шаҳрвандиро дар Бухорои Шарқиро дар нашри аввали асараш (соли 1963) аз соли 1921 то соли 1926 муайян намуда, нишон додааст[1]. Аммо, дар таълифоти ниҳоии асари худ (соли 1971) даврабандии қаблан зикрнамудаи худро каме тағйир дода, солҳои 1921–1924 – ро аз ҷиҳати илмӣ комилан муайян сохтааст[2]. Зеро аз соли 1924 дастаҳои босмачиён шикаст хӯрда, аз муборизаи рӯйи рост бо Артиши Сурх худдорӣ менамуданд ва аллакай аз худи ҳамин сол сар карда гурӯҳ ва дастаҳои зархаридони кишварҳои империалистӣ ба монанди Салимпошо ва Иброҳимбек алоҳида ташкил ёфтанд. Ин дастаҳо то соли 1926 мубориза бурда, қисман нест ва пароканда шуданд. Пас аз шикасти ин дастаҳо давлатҳои империалистӣ таваҷҷуҳи

---

[1] Иркаев, М. История гражданской войны в Таджикистане / М. Иркаев. – Душанбе: Ирфон, 1971. – С. 483.

[1] Ҳамон ҷо. – С. 10.

[2] Ҳамон ҷо. – С. 11.

худро нисбат ба онҳо кам намуданд. Аммо, солҳои 1929–1931 аз нав дастаҳои босмачиён, ба монанди Фузайл Махсум, Ибрагимбек бо ёрии хоҷагони хориҷии худ боз аз нав ташкил гардиданд, ки соли 1931 ин дастаҳо низ ба пуррагӣ аз байн бурда шуданд[1]. Гарчанде асар дар зери ақидаҳои коммунистӣ таълиф гардида бошад ҳам, то айни ҳол муҳимтарин ва дақиқтарин таҳқиқоти ҷанги шаҳрвандии солҳои 20–уми асри XX дар миёни олимони ватанӣ эътироф гардидааст.

Академик Мулло Эркаев таърихи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистонро ба се давра тақсим намуда, дар асоси далелҳои радношаванда воқеияти илмии ин ҳодисаро баён намудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки дар ин давра меҳнаткашони Тоҷикистон мақсади ифлоси босмачиён ва ҳомиёни дохилию хориҷии онҳоро фаҳмиданду аз босмачиён тамоман рӯй гардонида, ба тарафи Ҳокимияти Шуравӣ гузаштанд. То аз чоп баромадани монографияи мазкур дар байни таърихшиносони шуравии тоҷик ва Осиёи Миёна доир ба воқеияти илмии ин воқеаи таърихӣ ва ҳатто даврабандии он ақидаи ягона мавҷуд набуд.

М. Эркаев нишон медиҳанд, ки меҳнаткашони ҷумҳурӣ дар мубориза ба муқобили гумоштагони хориҷӣ ва ақсулинқилобчиёни дохилӣ қувваи асосӣ ва ҳалкунанда будаанд. Онҳо музаффариятҳои Инқилоби Кабири Сотсиалистии Октябрро дарк намуда, озодӣ ва истиқлолияти Ватани худро муҳофизат карда, қаҳрамонӣ нишон додаанд.

М. Эркаев дар байни таҳқиқотчиёни тоҷик ва Осиёи Миёна аввалин шуда нақши коммунизми ҳарбӣ ва сиёсати нави иқтисодиро дар шароити Тоҷикистон ва дар кори торумор намудани босмачиён нишон додааст.

Дар асар ақидаҳои иртиҷоии олимони буржуазӣ, ки таърихи ҷанги шаҳрвандиро дар Осиёи Миёна, аз ҷумла дар Тоҷикистонро бардурӯғ нишон дода, босмачигариро ҳамчун «мубориизони озодии миллӣ», «ҷанги миллии халқҳои Туркистон ба муқобили Ҳокимияти Шуравӣ» гӯён

---

[1] Иркаев, М. История гражданской войны в Таджикистане / М. Иркаев. – Душанбе: Ирфон, 1971. – С. 614.

маънидод карда буданд, комилан фош ва дар асоси далелҳои исботшаванда рад намудааст. Аз ин нуқтаи назар ҳам асари профессор М. Эркаев дар замони мо аҳаммияти муҳим пайдо мекунад.

Боз як бартарии асар дар он аст, ки вай аҳаммияти калони тарбияviву ватандӯстӣ дорад. Вай ба ҷавонони мо нишон медиҳад, ки ҳаёти саодатманду хушбахтонаи имрӯза ба ивази кадом қурбониҳо муяссар гаштааст. Ба ин восита, дар асар оид ба корнамоиҳои бемисли фарзандони далери Ватан дар роҳи озодӣ ва муҳофизат намудани музаффариятҳои Октябр далелҳои зиёде оварда шудааст, ки он қимати тарбиявии асарро боз ҳам баланд мебардорад. Ҷолиби диққат аст, ки қисми зиёди маводи асар бевосита аз забони иштирокчиёни ҷанги шаҳвандӣ ва муборизони барқароркунии Ҳокимияти Шуравӣ дар Тоҷикистон навишта шудааст. Ин дар навбати худ қимати илмӣ, идеявӣ ва сиёсии асарро афзун намудааст.

Бесабаб нест, ки дар ин хусус аъзо–кориспонденти АИ ИҶШС, директори Институти шарқшиносии ИҶШС Б. Ғафуров аз ҳамаи муаллифҳое, ки дар бораи таърихи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон асару мақолаҳо навиштаанд, қайд намудааст, ки: «танҳо номзади фанҳои таърих Мулло Эркаев доир ба ин воқеаи таърихӣ таҳқиқоти мукаммал анҷом додааст, зеро мисолҳои қаҳрамонии дар мубориза бар зидди босмачиён нишон додашударо аз мусоҳиба бо иштирокчиёни бевоситаи ин мубориза муқаррар карда навиштааст. Одамони зинда назар ба он чӣ, ки дар ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва рӯзномаҳо қайд карда шудааст, хеле зиёдтар чизҳоро ҳикоя карда метавонанд»[1].

Инчунин, аз тарафи муассисаҳои илмӣ ва ветеранҳои ҷанг ба мукофоти давлатии ҷумҳуриявии ба номи Абуалӣ ибни Сино пешниҳод карда шудани асарҳои илмии М. Эркаев, аз ҷумла «Таърихи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон» аз тарафи таърихшиносон тақризҳои зиёде

[1] Гафуров, Б. Предисловие – кн.: Материалы к истории таджикского народа в советский период // Сборник статей. – Сталинабад: Таджикгосиздат, 1954. – С. 13.

доир ба ин асар навишта шудааст, ки бо ин мукофот низ қадрдонӣ намудани асари зикргардидаи олимро лоиқ шумoридаанд[2].

Ҳамзамон, 13–уми феврали соли 1964 дар Шурои диссертатсионии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин профессор М. Эркаев асари мазкурро, ки барои дарёфти дараҷаи илмии докторӣ ба ҳимоя пешниҳод намуда буданд, бо муваффақият дифоъ намудааст. Муқарризон – олимони варзидаи сатҳи умумииттифоқӣ – академики Академияи фанҳои ҶШС Узбекистон, доктори илмҳои таърих, профессор К.Е. Житов, доктори илмҳои таърих, профессор Х.М. Иноятов, профессор Д.Е. Хайтун, профессор Б. Искандаров ва раиси шурои илмӣ, ректори ҳамонвақтаи донишгоҳ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор С. Раҷабов асари М. Эркаев, ки дар натиҷаи заҳматҳои чандинсола дар роҳи таҳқиқи ин масъалаи хеле муҳимму дар он давра ҳалталаби илмӣ рӯйи кор омад буд, ки барои халқи тоҷик зарурӣ ва дорои аҳаммияти бузурги илмӣ, ҳамзамон, боз қимати бузурги сиёсиву ватандӯстӣ ва тарбиявиро доро буд, баҳои баланд додаанд[1].

Дифои рисолаи доктории Мулло Эркаев падидаи нахустин дар тамоми шуроҳои илмии ҷумҳурӣ ба ҳисоб мерафт ва ба дифои рисолаҳои минбаъдаи докторӣ дар дохили ҶШС Тоҷикистон роҳ кушод[2].

Асари мазкур бо баъзе дигаргуниҳои илмиву таҳқиқотӣ соли 1971 дубора рӯйи чоп омад ва аз ҷониби муҳаққиқони дохиливу умумииттифоқӣ баҳои баландро соҳиб гардидааст.

Оид ба ҷанги шаҳрвандӣ ҳанӯз аз солҳои 20–ум мақола ва китобҳои гуногун чоп гардиданд. Дар таърихнигории ин масъала фикрҳои гуногун вуҷуд дорад. Муаллифони солҳои 20–ум Н. Берзин, Л. Соловейчик, И.

---

[2] Шарипов, Я. Большой вклад в науку / Я. Шарипов, У. Раимкулов и др. // Коммунист Таджикистана. – Душанбе, 1970. – 20 ноября.; Искандаров Б. Большая заслуга ученого / Б. Искандаров, К. Мавлянов, С. Ташхуджаев // Коммунист Таджикистана. – Душанбе, 1970. – №59. – 12 март.

[1] Защита докторской диссертация // Коммунист Таджикистан. – Душанбе, 1964. – 19 февраля.

[2] Раджабов, З. Таджикский государственный университет им. В.И. Ленина – Детище Великого Октября / З. Раджабов. – Душанбе: Дониш, 1967. – С. 90.

Солтс ва дигарон дар корҳои худ таъкид намудаанд, ки ҳаракати босмачигарӣ ин шуриши халқӣ бар зидди сохтори нави шуравӣ буд[1].

Гурӯҳи олимони номии давраи шуравӣ, мутахассисони масъалаи ҷангҳои шаҳрвандӣ ва босмачигарӣ дар Осиёи Миёна М. Эркаев, М. Тошлиев, А.И. Зевелев, Ю.А. Поляков, А.И. Чугунов, Х.Ш. Иноятов аз нигоҳи мафкураи коммунистӣ асарҳои худро навишта, ҳаракати босмачигариро маҳкум кардаанд[2].

Пас аз пош хӯрдани ИҶШС ва ташкил ёфтани ҷумҳуриҳои соҳибистиқлол дар Осиёи Марказӣ як қатор корҳои илмию оммавӣ бахшида ба ҳаракатҳои ҷангии солҳои 20-уми асри XX чоп шудаанд, ки муаллифон ақидаҳои гуногун, пешниҳод намудаанд. Масалан, Қ.О. Ғорифӣ дар таълифоти худ қайд кардааст, ки босмачиён ватанпарварони ҳақиқӣ буда, баҳри сарзамини худ муборизаи миллӣ–озодихоҳона бурдаанд[3].

Профессор Н. Ҳотамов доир ба ин масъала чунин назар дорад: «То имрӯз дар адабиёти таърихӣ ин ҷангро «ҳаракати босмачигарӣ», «ҷанги шаҳрвандӣ», «ҳаракати муҷоҳиддин» меноманд, ки ба ин рози шудан мумкин нест. Ин ҷангро «ҳаракати зиддишуравӣ» номидан ҳақиқати ҳоли ҳамон давраро пурра ифода менамояд»[4].

Асари Мулло Эркаев, дар давоми зиёда аз 30–соли мавҷудияти Ҳокимияти Шуравӣ ва ҳатто то имрӯз қимати бузурги илмиро барои халқи тоҷик дорост. Аммо, пас аз вафоти академик М. Эркаев баъзе аз

---

[1] Берзин, Н. Басмачество в Бухаре // Военный работник Туркестана, 1922. №7; Соловейчик Л. Революция в Бухаре // Новый Восток, 1922, №2; Солц И. Англоэнверикал авантюра и освобождене народов Востока // Коммунист, 1922, №3– 4 ва ғайра.

[2] Иркаев, М. История гражданской войны в Таджикистане / М. Иркаев. – Душанбе: Ирфон, 1963. – 760 с.; Ташлиев, Ш. Гражданское война и английская вернная интервенция в Туркестане / Ш. Ташлиев. Т.1– 2. – Ашхабад, 1974– 1975.; Зевелев, А.И. Босмачество: возникновение сущность и крах / А.И. Зевелев, Ю.А. Поляков, А.И. Чугунов. – М., 1981.; Иноятов, Х.Ш. Народы Средней Азии в борьбе против интервентов и внутренней контреволюции / Х.Ш. Иноятов. – М.,1984.

[3] Ғорифӣ, Қ.О. Аз торихи инқилоби Бухоро / Қ.О. Ғорифӣ // Фарҳанг. – Душанбе, 1992. – №7– 8.

[4] Ҳотамов, Н. Таърихи халқи тоҷик / Н. Ҳотамов, Д. Довудӣ, С. Муллоҷонов, М. Исоматов. – Душанбе: Эр– граф, 2015. – С. 303– 301.

муаррихон назарияи хешро доир ба ин асар иваз намуда, ақидаҳои илман асосноки ӯро зери тозиёнаи танқид қарор додаанд. Аз мутолиаи осори илмию таълимии онҳо бар меояд, ки «босмачӣ» – ҳоро «муҷоҳид» ва ҳаракати босмачигариро ҳаракатҳои миллӣ–озодихоҳӣ унвон намудаанд.

Кам нестанд муаррихоне, ки асари Мулло Эркаев ва боз чандин манбаъҳои муътамади таърихиро мутолиа намудаву дар такя ба ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ақидаҳои воқеъбинонаи хешро доир ба ҳаракати босмачиён дар осорашон иншо намудаанд.

Масалан, ҳаракати босмачигариро дар китоби «Энсиклопедияи миллии тоҷик», ки аз ҷониби Муҳаммадқул Ҳазратқулов дар даврai соҳибистиқлолӣ таълиф ёфтааст, чунин арзёбӣ гардидаанд: «Босмачигӣ» (аз турки босмоқ – зер карда гирифтан, пахш кардан) унвони ҳаракати муташаккилу мусаллаҳонаи аксулинқилобии халқҳои Осиёи Миёна ба муқобили Ҳокимияти Шуравӣ дар солҳои 1918-1935 босмачиён худро муҷоҳид (ҷиҳодкунанда) меномиданд. Ҳокимияти Шуравӣ ин муҷоҳидонро ба гордиёни сафеди Россия монанд медонист, ки ба забони маҳаллиёни ҶМШС Туркистон онҳоро ба калимаи «босмоқчӣ» ба маънои ғоратгар, тороҷгар, яъне чун тороҷгарон, ғоратгарон, зеркунандагон, пахшкунандагон (чуноне ки Мулло Эркаев дар асараш зикр намудааст) номгӯзорӣ карда буданд. Ба босмачигӣ на аз рӯйи иштирокашон дар ҳаракати зиддишуравӣ, балки аз рӯйи мақсадҳои зоҳирию ботинаии сарваронашон баҳо додан зарур аст...» [1].

Ба ҳамин тарз ҳаракатҳои босмачигарӣ дар энсиклопедияҳои (донишномаҳои) «Хуҷанд»[2], «Душанбе»[3], «Кӯлоб»[4], китобҳои дарсии А. Раҳматуллоев, Х. Сатторов, Н. Тоҷов[5], Р. Набиева, Ф. Зикриёев, М.

---

[1] Энсиклопедияи милли тоҷик. – Душанбе, 2014. – Ҷ.3. – С.98– 99.
[2] Худжанд. – Душанбе, 1999. – С.24.
[3] Душанбе. – Душанбе, 2004. – С.25.
[4] Кӯлоб. – Душанбе, 2006. – С.35.
[5] Раҳматуллоев, А. Таърихи халқи тоҷик / А. Раҳматуллоев, Х. Сатторов, Н. Тоҷов. – Душанбе, 2011. – С.318.

Зикриёева[1], Н. Ҳакимов[2], китоби таҳқиқотии Ғ. Ғоибов[3] «босмачӣ» номида шудаанд.

Мехоҳем назари муаллифон ва ё муҳаққиқоне, ки аз босмачиён ҷонибдорӣ намудаанду онҳоро «қаҳрамон» мехонанд ва асари пурқимати Мулло Эркаевро, ки то имрӯз ҳамчун як манбаъи муътамади марҳилаи муайяни таърихист, зери суол қарор додаанд, баён намоем.

Аз ҷумла: – профессор Очил Зоҳидов чунин менависад: «Таърихи муборизаи «босмачиҳо» онро равшан менамояд, ки он муборизаи миллии тоҷикон баҳри озодӣ ва истиқлолият дар солҳои 1920–1930 буд. Умуман, пешниҳод карда мешавад, ки дигар дар таърихнигории тоҷик муборизаро на ба номи «босмачигарӣ», балки бо номи «Ҳаракати озодихоҳӣ» ном гирифт. Дар муборизаи тоҷикон барои озодӣ намояндаҳои дигар миллатҳо низ иштирок мекарданд. Мисол: вақте ки Анварпошшо ба «Ҳаракати озодихоҳӣ» ҳамроҳ мешавад, тамоми лашкари тоҷикон таҳти роҳбарии Давлатмандбий – тоҷик буданд. Барои адолати таърихиро барпо кардан, бояд ба парвоначӣ (генерал – майор) ва сарфармондеҳи лашкари Давлати Тоҷикони солҳои 1920 – 1922 Давлатмандбий номи Каҳрамони Тоҷикистон дода шавад»[4].

– Ҷонибеки Асрориён бошад, чунин хулоса ва пешниҳоди хешро доир ба «босмачиён» дорад: «...ба воқеоту ҳаводис баҳои ҳаққонӣ бидиҳем, аз номи падарони худ номи лаънатшудаи «босмачиро» ба тамомӣ бигирему биафканем ва эшонро ба сифати Ватанхох, Ғозӣ ё Муҷоҳид бишносем. Сафед кардани онҳо сиёҳ кардани муқобилони эшон нест. Истилоҳи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон низ таҷдиди назар мехоҳад.

---

[1] Набиева, Р. Таърихи халқи тоҷик / Р. Набиева, Ф. Зикрёев, М. Зикриёева. – Душанбе, 2010. – С. 42.

[2] Ҳакимов, Н. Таърихи халқи тоҷик / Н. Ҳакимов.– Душанбе, 2017. – С.56.

[3] Ғоибов, Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз / Ғ. Ғоибов. – Душанбе, 2006. – 595 с.

[4] Зоҳидов, О. Таърихи сиёсии тоҷикон: таҳлили назарияҳо / О. Зоҳидов.– Душанбе, 2011. – С.105– 106.

Дар маҷмуъ, бояд вожаи «Босмачӣ» – ро ба Муҷоҳид ва ватанхоҳ табдил кард ва пайкори эшонро ҳаракати озодихоҳӣ унвон дод»[1].

– Муаллифони китоби «Раштонзамин» Назархоҷаи Наботӣ ва Мирзо Олимов дар перомуни фаъолияти яке аз роҳбарони саршиноси ҳаракатҳои босмачигарӣ Фузайл Махсум андешаронӣ намуда, аз ҷумла менависанд: «Вақти он расидааст, ки Фузайл Махсумро бегуноҳ эълон карда, тоҷикон ӯро аз беҳтарин фарзанди худ хонанд: «Агар аз рӯйи адолат ҳукм бароранд, Фузайл барои миллати тоҷик ҳеҷ гуноҳ содир накардааст. Дигар ин хел марди шердил, бо нангу номус, нотарс, шери жаён, як фарзанди одӣ, хоксор – Фузайл Махсум ба дунё намеояд. Сазовор аст, ки халқи тоҷик гуноҳҳои ночизи содиркардаи Фузайлро авф кунанд ва ӯро дар қатори фарзандони беҳтарини худаш номбар намояд»[2].

Ҳамин тавр, ҷонибдорони ҳаракатҳои босмачигарӣ дар байни муҳаққиқону донишмандони имрӯза кам нестанд. Аммо, зиёданд воқеан ҳам олимоне, ки дар зери ҳаводиси таърихӣ, ҳақиқати воқеии илмӣ ва дониши таърихии худ асари илмии академик М. Эркаевро то имрӯз манбаъи асосии таърихи ҷанги шаҳрвандии солҳои 20–уми асри XX–и Тоҷикистон меҳисобанд.

Ғайр аз асари Мулло Эркаев боз дар даҳҳо асарҳои дигар олимоне, ки дар ҳамон солҳо фаъолият намудаву ҳақиқатро мушоҳида намудаанд, мавҷуд мебошанд. Махсусан, дар асарҳои Қаҳрамони Ҷумҳурии Тоҷикистон Садриддин Айнӣ, ки ӯ ба чунин тарз тасвир намудааст:

- «Босмачиён на ҳимоятгари расму оини дин ва на мухториятхоҳ, на меншевик, балки аз ҳама чиз пештар дузди ғоратгар ва яғмогари хунхор мебошанд», навишта буд С. Айнӣ[3].

- Садриддин Айнӣ нисбат ба босмачиён дар романи таърихии «Ғуломон» исбот менамояд, ки саркардагони босмачиён ғайритоҷик

[1] Асрориён, Ҷ. Босмачизм ва болшевизм (воқеият ва таҳриф) / Ҷ. Асрориён. – Душанбе, 2010. – С. 48– 51.
[2] Наботӣ, Н. Раштонзамин / Н. Наботӣ, М. Олимов. – Душанбе, 2008. – С.221.
[3] Айнӣ С. Ғуломон. Куллиёт / С. Айнӣ. – Душанбе, 1962.

буданд. Сардори аввалини онҳо Олимхон, охирин амири сулолаи манғитиҳо буд. Унвони низомии эшон низ туркӣ буданд. Иброҳимбек – тӯччибошӣ ва лашкарбошӣ, Абдураҳмонпарвоначӣ – лашкарбошии ғозӣ, Анварпошо – улуғ турк генералӣ, Салимпошо – бошқумондон, дигар босмачиён – қурбошӣ, элликбошӣ, юзбошӣ, мингбошӣ, хулоса, ҳамаи истилоҳоти босмачиён туркӣ – ӯзбекӣ мебошанд[1].

Инчунин, С. Айнӣ чунин мефармоянд, ки: «Қавми тоҷик аз ҳуҷуми босмачиён, ки фарзандони баркамоли амири охирини Бухоро ва дастпарварҳои ҷаҳонгирони хориҷӣ буданд, харобиҳоеро дид, ки монандашро ҳам таърих нишон намедиҳад. Ҳокимияти Шуро, бо ёрмандии аскарони сурх ва деҳқонони фақири тоҷик, босмачигариро хотима дод, ташкил гардид»[2].

Ба андешаи муаррихони имрӯза, аз ҷумла, профессор Ёқуб Одинаев, босмачӣ ҳаргиз ҳомии ватану миллат набуд. Ба андешаи ӯ, босмачӣ душмани халқ ва террористи солҳои сиюм буд ва бояд бо чунин ном дар таърих ёд шавад. Ё. Одинаев муътақид аст, ки босмачиҳо ободии ҷумҳуриҳои Осиёи Миёнаро намехостанд ва бо ташвиқи пантуркистон ва хадамоти ҷосусии кишварҳои хориҷӣ, ба вижа Англия дар ин ҷо қатли омро сар карда буданд[3].

Босмачиҳо мехостанд шарафи тоҷикро зери по кунанд ва монеи ҷумҳурии навтаъсис мешуданд, золимии онҳоро ҳадду канор набуд, ҳар он касе, ки ба андешаҳои онҳо мухолиф буд, ба тариқи чорбанд мекуштанд, яъне дасту пояшонро ба ду дарахт мебастанду баъдан дарахтонро аз ҳам ҷудо мекарданд. Бо ин амалашон мардумро ба даҳшат меоварданд. Онҳо тамоми деҳаю мактаб ва идораҳои давлатию мағозаҳоро оташ мезаданд. Хонаҳои мардумро тороҷ мекарданд. Раисони ҷамоатҳоро маҷбур

---

[1] Айнӣ С. Ғуломон. Куллиёт / С. Айнӣ. – Душанбе, 1962.
[2] Айнӣ С. Одина / С. Айнӣ. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2016. – С.172.
[3] Одинаев, Ё. Босмачигӣ [манбаи электронӣ] // https://www.ozodi.org /a/ 25031383.html. (санаи муроҷиат: 20. 11. 2021).

мекарданд, ки барояшон гову моли мардумро кашида гиранд ва боз дасти таҷовуз ба номуси зану духтарони мардум дароз мекарданд[1].

Профессор Раҷиб Абулҳаев яке аз муаррихони шинохтаи Тоҷикистон, ки бевосита таҳқиқотҳои густурдаи илмии худро ба давраи навтарини таърихи халқи тоҷик, аз ҷумла, барпо ва мустаҳкам шудани Ҳокимияти Шуравӣ дар ноҳияҳои болоби Зарафшон ва Помир, ки дар шакли монографияю мақолаҳо рӯйи чоп овардааст, доир ба пайдо шудани дастаҳои босмачиён, дар такя ба сарчашмаҳои таърихӣ исбот менамоянд, ки: «Тамоми чорабиниҳову кӯшишҳои ҳукумати мухториятчиёни Қуқанд натиҷаи дилхоҳ надод, маҷбур шуданд, ки ба хизмати худ роҳзану ғоратгари машҳур дар Қуқанд Эргашро даъват намоянд. (Эргаш ва ҳамсафонаш барои дуздӣ ва ғоратгариашон ба Сибир бадарға шуда буданд ва аз вазъияти инқилоби истифода бурда, аз он ҷо фирор намуда бозпас омада буданд)»[2].

Чун Эргаш дар Осиёи Миёна садҳо дузду ғоратгароне буданд, ки бо даъват ва дастгирии мансабдорону буржуазияи давраи амирӣ ва пуштибониву кумакҳои давлатҳои бузурги сармоядории ҷаҳон, ба монанди ИМА ва Британияи Кабир соҳиби мақому мансаб ва молу сарват гардида, зидди нерӯйи инқилобии маҳаллӣ мубориза мебурданд. Барои мавқеи ба даст омадаро мустаҳкам намудан ва амалӣ гардонидани ҳадафҳои хоҷагони дохиливу хориҷии худ, зидди неруйи инқилобии мардуми маҳаллӣ ҷабру ситам, ғоратгарӣ ва ҳазорон мардуми бегуноҳу меҳнаткашро аз ҳаёт маҳрум менамуданд.

Профессор Р. Абулҳаев қайд менамоянд, ки «22 феврали 1918 ҳукумати буржуазии Мухторияти Қуқанд барҳам дода шуд, сарварони он барои ҷони худро аз қасди меҳнаткашони ҷабру ситамдида халос намудан,

---

[1] Одинаев, Ё. Босмачигӣ [манбаи электронӣ] // https://www.ozodi.org /a/ 25031383.html. (санаи муроҷиат: 20. 11. 2021).

[2] Абулҳаев, Р. Аз таърихи барпо ва мустаҳкам шудани Ҳокимияти Шуравӣ дар Тоҷикистони Шимолӣ ва Помир (солҳои 1917-1924) / Р. Абулҳаев. – Душанбе, 2022. – С. 79.

ба қалъаи дастнораси Мастчоҳ баландкӯҳ ва бавоситаи қаторкӯҳҳои Ҳисор ба Бухорои Шарқӣ фирор намуданд. Эргаш ва дастаҳои роҳзану ғоратгар, ташаббускорони барпо кардани дастаҳои босмачиёни Фарғонаю ноҳияҳои имрӯзаи Тоҷикистони Шимолӣ ва Помир гардиданд»[1].

Имрӯз вақти он расидааст, ки воқеияти таърихиро дар асоси далелу мадракҳои муътамад исбот намоем ва таърихи миллати хешро доғдор насозем. Зеро илми таърих - илмест, ки воқеиятро дар асоси сарчашмаҳои муътамад мехоҳад, на идеологияи шахсиро. Воқеан ҳам профессор Р. Абулҳаев дар таҳқиқотҳои худ исбот менамояд, ки «Идеологияи босмачиён ақидаи зиддихалқии пантуркистон буд, ки идеали асосии он Осиёи Миёнаро аз Русияи Шуравӣ ҷудо намуда, дар ин ҷо давлати ягонаи туркӣ ташкил кардан буд»[2].

Дар ҷойи дигари китоби «Раштонзамин» Назархоҷаи Наботӣ ва Мирзо Олимов дар перомуни фаъолияти яке аз роҳбарони саршиноси ҳаракатҳои босмачигарӣ Фузайл Махсум нуқтаи назари худро дигар карда, аз ҷумла менависанд: «13–уми апрели соли 1929 Фузайл Махсум бо отряди 15 – нафарааш, ки 10 – нафарашон афғон буданд, бо сардории Ховал Гул дар ноҳияи Тоғмаӣ аз дарёи Панҷ гузашта, ба Қалъаи Хумб зада даромаданд. Дар муддати чор рӯз ҳамаи ашёи мактаб, ташкилотҳои шуроҳоро оташ зада, садҳо нафар одамони бегуноҳро лату кӯб карда, ба хун оғушта намуданд. Фузайл Махсум ба Ҳойит омада, деҳқонони заҳматкаш ва ҷабрдидаро ғорат карда, молу амволи онҳоро гирифт. Амалиёти ҷангии Фузайл дар Роштонзамин 18 рӯз давом карда, садҳо ҷавонон ба ҳалокат расиданд. Фузайл Махсум ҳамчун каждуми думбурида боз ба хоки Афғонистон гурехта рафт»[3].

---

[1] Абулхаев, Р.А. Упрочение Советской власти в районах верховьев Зеравшана (1918-1923): дисс… док. ист. наук / Р.А. Абулхаев. – Душанбе, 1970. – С. 107.
[2] Абулхаев, Р.А. Вопросы новейшей истории таджикского народа: сборник избранных статей и публикаций / Р.А. Абулхаев. Част 7. – Душанбе: Ганҷи харад, 2022. – С. 218.
[3] Наботӣ, Н. Раштонзамин / Н. Наботӣ, М. Олимов. – Душанбе, 2008. – С. 264 – 265.

Ҳамзамон, профессор А. Сайфуллоев доир ба босмачиён чунин назар дорад: «Худи ҳаёт ба исбот расонд, ки онҳо на дар зиндагӣ ва на дар асарҳои адабиёту санъат қаҳрамонони мусбат шуда наметавонанд. Дар ин хусус кӯшиш ба харҷ додан ҳам аҳаммият надорад, балки зарар дорад»[1].

Профессор А. Сайфуллоев қайд менамояд, ки: «воқеияти таърихӣ ва аъмоли босмачиён, дар таҳқиқоти М. Эркаев «Таърихи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон», Т. Каримов «Ғалабаи Револютсияи Кабири Сотсиалистии Октябр ва ҳаллу фасли масъалаҳои аграрӣ дар Тоҷикистон», Р. Абулҳаев «Мустаҳкам намудани Ҳокимияти Шуравӣ дар болооби Зарафшон (1818–1923)» ва дигар олимони тоҷик, рус, ӯзбек, туркман, англис бо далелҳои раднопазир баррасӣ гардидаанд»[2].

Ҳамин тавр, дар робита ба асари «Таърихи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон» – и Мулло Эркаев, ки дар зери таъсир ва идеологияи коммунистӣ навишта шудааст, чунин назарияҳои мухталиф мавҷуд аст. Аммо, профессор Ҳ. Пирумшоев дар китоби худ «Ҷовидон дар ёдҳо» ба он касоне, ки доир ба асари Мулло Эркаев баҳои ночиз медиҳанду босмачиёнро ҷонибдорӣ менамоянд «таърихбехабарон»[3] унвон намудааст.

Профессор Қ. Расулиён бошад дар мақолаи худ «Босмачиёнро босмачӣ гӯем ё...?» пешниҳод намудааст, ки акнун вақти он расидааст, ки сиёҳро сафед ва сафедро сиёҳ нагуфта, ба ин ҳаракат баҳои воқеӣ диҳем.[4]

Профессор Р. Абулҳаев чунин изҳори назар намудаанд, ки: «Асари бунёдии профессор М. Эркаев то имрӯз ҳам дар таърихнигории ҷумҳурӣ, аз лиҳози моҳияти илмӣ ва амалӣ ҷойи намоёнро ишғол менамояд. Ба ақидаи

---

[1] Сайфуллоев, А. Босмачигӣ хилофи манфиатҳои миллӣ буд / А. Сайфуллоев // Ҷумҳурият. – Душанбе, 2011. – 7 июн. – С. 4.
[2] Ҳамон ҷо.
[3] Пирумшоев, Ҳ. Ҷовидон дар ёдҳо / Ҳ. Пирумшоев. – Душанбе, 2000. – С.116.
[4] Расулиён, Қ. Босмачиҳоро «босмачӣ» гӯем ё…? / Қ. Расулиён // Паёми ДМТ. – Душанбе, 2018. – №8. – С. 92– 95.

мо М. Эркаев дар асари хеш давраҳои асосии муборизаи зидди қувваҳои аксулинқилобиро дар Тоҷикистон илман дуруст муайян кардааст»[1].

Профессор Ҳ. Камол қайд менамоянд: «Бе муҳобот метавон гуфт, ки дар таърихнигории тоҷик чи дар аҳди Шуравӣ ва чи ҳам акнун ҳамсанги профессор М. Эркаевро дар таҳлилу танвири масоили ҷанги шаҳрвандии солҳои бистуми Тоҷикистон наметавон олимеро пайдо кард»[2]

Дар асоси таҳлили асари арзишманди «Таърихи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон» – и Мулло Эркаев ва натиҷаҳои таҳқиқот мехоҳем пешниҳод намоем, ки ин ҳаракат – босмачӣ ва ин ҳодисаи таърихӣ воқеан ҳам ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон буд.

Профессор Ҳ. Камол қайд намудаанд, ки: «...ҳаракати босмачигарӣ дар ибтидо моҳияти роҳзании сиёсӣ дошт ва аз тобистони соли 1921 ба муборизаи ду табақаи бо ҳам муқобил табдил ёфт, ки аз як ҷониб табақаи амалдорони ҳокимият аз дасташон рафта ва деҳқонони фиребхӯрдаи бебизоат ва аз ҷониби дигар, Артиши Сурх ва қишри ҷомеа, ки таҳаввулотро мехостанд, барои ҳокимияти сиёсӣ мубориза мебурданд ва ин муқобилиятҳо сабабгори ҷанги шаҳрвандӣ гардид»[3].

Бо назардошти мо, таҳқиқотҳои илмии олимони зикр гардида шаҳодат медиҳанд, ки босмачигариро чун ҳаракати ватанпарварӣ ва миллӣ – озодихоҳӣ номидан куллан иштибоҳ аст. Ҳамзамон, ба он шахсоне, ки аз босмачиён пуштибонӣ менамоянду хизматҳои фарзандони асили тоҷик Садриддин Айнӣ, Нусратулло Махсум, Ширишоҳ Шоҳтемурро, ки баҳри озодӣ ва ташкили давлати миллии тоҷикон мубориза бурдаанд (на ба мисли босмачиён баҳри ташкили давлати бузурги «турк») ва бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба унвони олии

[1] Абулҳаев, Р. Аз таърихи барпо ва мустаҳкам шудани Ҳокимияти Шуравӣ дар Тоҷикистони Шимолӣ ва Помир (солҳои 1917-1924) / Р. Абулҳаев. – Душанбе, 2022. – С. 11, 12.
[2] Камол, Ҳ. Бозтоби таърихи ҷанги шаҳрвандии солҳои 1921-1924-и Тоҷикистон дар осори профессор Мулло Эркаев / Ҳ. Камол // Муаррих. – Душанбе, 2021. – № 4 (28). – С. 46.
[3] Ҳамон ҷо. – С. 40.

Қаҳрамони Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардидаанд, зери суол қарор медиҳанд. Дар ин робита профессор Ҳамза Камол илман исбот намуда, пешниҳод месозанд, ки: «...босмачиёнро қаҳрамон пиндоштан, мардумро роҳгум месозад ва моро ба бунбасти идеологӣ мебарад»[1].

Чӣ тавре, ки аз таърихи ватанӣ маълум аст, ҷорӣ намудани сохтори нави шуравӣ, ки асоси онро камбағалон ташкил дода буданд, сабаби асосии ҷанг гардид. Собиқ синфҳои ҳукмрон, ки аз ҳокимият ва боигарӣ маҳрум гардида буданд, зидди сохтори нав бархестанд ва қувваҳои аксулинқилобии мусаллаҳ ҳаракати босмачигариро сар карданд. Ба ҳайати онҳо, зархаридони хориҷӣ дохил мешуданд. Камбағалон бошанд, ба ду роҳ: ба воситаи зӯрӣ, зери фишори идеологияи динӣ ва дар баъзе мавридҳо бо сабабҳои сатҳи пасти маданияти сиёсӣ ба дастаҳои босмачӣ дохил мешуданд. Аммо, дар рафти мубориза бештари камбағалон моҳияти ҳаракати босмачигариро фаҳмида, аз дастаҳои онҳо ҷудо мешуданд.

Инчунин, чӣ тавре, ки Мулло Эркаев дар асараш қайд менамоянд: «Тамоми саркардагони босмачиён ғайритоҷик буданд ва танҳо чанд тан аз тоҷиконе, ки ба ин дастаҳо пайваст буданд, вазифаи муайяни амириро соҳиб будандy барои пойдории он мубориза мебурданд, аммо, тоҷикони одие, ки чун лашкар ба ин даста пайваста буданд, дар аввал мақсади босмачиёнро нафаҳмида меҷангиданд, вақте ки ба кадом хотир ва муқобили кӣ ҷангиданашонро пай бурданд, зуд ба ҷониби Артиши Сурх гузаштанд. Инчунин, қайд менамояд, ки дар он давра ҳеҷ манфиати миллиеро ҳимоя намекарданд, танҳо дар аввал кӯшиши аз даст нарафтани мавқеъ, мақому манзалат ва баъдан талаву тороҷ ва қатлу куштори аҳолиро анҷом медоданд».[2]

---

[1] Мусоҳибаи Р. Давлатшоев бо профессор Ҳ. Камол. – Душанбе, 2023. – 20 сентябр.
[2] Иркаев, М. История гражданской войны в Таджикистане / М. Иркаев. – Душанбе: Ирфон, 1963. – С. 175.

Ба мо маълум аст, ки дар ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон дастаҳои босмачиён асосан дар се самт: ноҳияҳои шимолӣ, марказӣ ва ҷанубӣ ташкил ёфтанд.

Дар аввал саркардаи дастаҳои босмачиёни Бухорои Шарқӣ Иброҳимбек буд. Бояд қайд намуд, ки Падари Иброҳимбек яке аз амалдорони ҳукумати Аморати Бухоро буда, Чақабой ном дошт. Ӯ дар ҷавонии худ дар паноҳи падар ба дуздию ғоратгарӣ умр ба сар мебурд. Маҳз амир Олимхон аввал ба Иброҳимбек унвони қаровулбегӣ, сипас унвони мири сардори қӯшуни тӯпзан ва сарлашкариро арзонӣ дошт. Вақте ки амир фирор кард, ӯ дар Бухорои Шарқӣ - марказ ва дар ҷануби Тоҷикистони кунунӣ ҳаракати босмачигиро ташкил намуд. Пайваста бо амири фирорӣ тавассути нома ва одамони худаш робита дошт, халқро тороҷ карда, ба амир маблағҳои зиёд мефиристод ва аз номи ӯ яроқу аслиҳа мегирифт.

Азбаски Иброҳимбек сарвари қӯрбошиҳо ва дигар босмачиён буд, ҳамчун вакили амири гуреза генерали турк Анварпошо ва шарикони ӯро пешвоз гирифт. Анварпошо бошад, соли 1921 барои барқарор кардани ҳокимияти амирӣ аввал ба Бухоро омад ва аз он ҷо қадами номубораки ӯ ба Бухоро Шарқӣ расид.

Амир Олимхон навиштааст: «Ман аз ин хабар воқиф гашта, ба Иброҳимбек фармон навиштам, ки Анварпошо дар хусуси муҳориба шахсан соҳибтадбир ва коргузор буда, лозим, ки Шумо дар иззатдорӣ дар назди худ оварда пурсед, агар хизмати миллати исломро хоҳиш дошта бошад, аз тарафи зоти олии мо ваколати хизмат ва илло, ба хубӣ аз дарё гузаронида, бо ин сурат равона намоед»[1].

Анварпошо ба ҷо овардани «хизмати миллати исломро» пазируфта, ҳамроҳи Иброҳимбек алайҳи аскарони сурх ва халқи тоҷик меҷангид. Мақсади ӯ ҳифзи ислом ва озод кардани ранҷбарон аз асорати

---

[1] Сайфуллоев, А. Босмачигӣ хилофи манфиатҳои миллӣ буд / А. Сайфуллоев // Ҷумҳурият. – Душанбе, 2011. – 7 июн. – С. 4.

«болшевикони кофир» набуд, балки манзури асосиаш бо кумаки нерӯҳои иртиҷоии мамолики Ғарб дар ҳайати Осиёи Миёна, Афғонистон, Эрон, Закавказия, Қрим ва Туркия ташкил кардани империяи «Туркияи бузурги султонӣ» маҳсуб мешуд. Иброҳимбек дар шахси ҳамин моҷароҷӯи байналмилалӣ пуштибон ёфта, дар вилояти Ҳисор ҷангро сар мекунад. Баъди ғанимат гирифтани хазина ва олоти ҳарбӣ Ҳисорро ба худ марказ қарор дода, ҷониби Деҳнав, Бойсун, Ғузор, Шеробод ва Қаршӣ ҳаракат карда, ғоратгарӣ, дуздӣ ва кушторро ба авҷ мерасонад. Ӯ аз ин «комёбиҳояш» амирро огоҳ месозад.

Анварпошо ба ҳадафи худ нарасид ва 4 — уми августи соли 1922 дар деҳаи Обдараи вилояти Хатлон бо ёрии халқ аз ҷониби Аскарони Сурх кушта шуд. Иброҳимбек бо дастгирии амир қатли ом ва ғоратгариҳои худро давом дод. Аммо, ба зарбаҳои аскарон ва калтакдорони сурх тоб наоварда, моҳи июни соли 1926 ба Афғонистон фирор кард. Вай дар он ҷо бо кумаки Олимхон ва дигар ҷонибдорони хориҷиаш қувваи нав ҷамъ оварда, соли 1931 боз ба Тоҷикистон тохтутоз кард. Вале, ин дафъа ҳам сахт шикаст хӯрд. Дастаи ихтиёриёни мардумӣ — муҳофизони Ватан бо сардории Муқим Султонов (1894–1975) нерӯҳои Иброҳимбекро торумор намуда, худи ӯро 23 июни соли 1931 дар деҳаи Хоҷабулбулон маъюб ва асир гирифтанд[1].

Дар хусуси тоҷиконе, ки ба ин дастаҳо содиқ буданд, аз ҷумла Фузайл Махсум, Давлатмандбий, Эшони Султон, Лаҳад Махсум ва дигарон собиқ бекҳои минтақаҳои гуногун буда, чун саркардагони худ қудрату дороии худро аз даст додан намехостанд ва зидди Ҳокимияти Шуравӣ ва намояндагону ҷонибдорони инқилоб мубориза бурда, аҳолии бегуноҳро ғорат менамуданд. Золимии яке аз босмачиён, ки то имрӯз аз хотироти мардум дур нашудааст, аз ҷониби Фузайл Махсум кушта шудани се

---

[1] Иркаев, М. История гражданской войны в Таджикистане / М. Иркаев. – Душанбе: Ирфон, 1971. – С. 676.

муаллима дар назди мактаби маркази ҷамоати Ҳойти ноҳияи Рашт[1], ба таври ваҳшиёна ба қатл расонидани яке аз аввалин муборизони роҳи озодӣ, муаллимаи ҷавон, зодаи Гурҷистон–Тамара, ки солҳои маҳви бесаводӣ дар ҳудуди имрӯзаи ноҳияи Сангвор (Тавилдара) ба ҳайси муаллимаи забони русӣ ба шогирдон дарс мегуфт, мебошанд. Ӯ аз ҷониби дастаҳои Фузайл Махсум мавриди таъқиб қарор гирифта, ба доманаи кӯҳе, ки ноҳияро иҳота кардааст, мебароядд, аммо, аз ҷониби ин ҷаллодон дастгир гардида, дар ҳамон ҷо сӯзонида мешавад[2]. То имрӯз мардум ин минтақа ба хотири поси хотироти ин муаллима ин қулларо бо номи Тамара хитоб мекунанд. Чунин амалҳои зишту ваҳшиёнаро дастаҳои босмачиён, ки имрӯз баъзе таърихбехабарон қаҳрамон мехонанд, ба хотири дар ҳолати ҷоҳилию бесаводӣ ва айшу ишрати худ боқӣ мондан анҷом додаанд.

Бояд ба он касоне, ки «босмачиён» – ро муборизони роҳи озодӣ меноманд суол дод, ки «кадом озодӣ» барои ташкили «кадом давлат», «ҳимоят аз кӣ»? Оё дар давраи ҳокимияти амирӣ ғайр аз зулми феодалону аҳли дарбор озодии дигаре мавҷуд буд? Мо тоҷикон дорои давлати миллии худ будем? Албатта, ки не!

Масъалаи дигаре, ки доир ба асари «Таърихи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон» – и Мулло Эркаев низ мавҷуд аст. Баъзеҳо андеша доранд, ки ин ҷанг – ҷанги шаҳрвандӣ шуда наметавонад. Мулло Эркаев қайд менамояд, ки дар вақти барқарор намудани Ҳокимияти Шуравӣ дар ҳудуди Тоҷикистони имрӯза ҷанги шаҳрвандӣ оғоз гардид. Ин ҷанг дар дохили як сарзамин ва миёни фарзандони як миллат (албатта, бо иштироки намояндагони дигар миллатҳои бегона) ба вуқуъ пайваст. Чунончи, аз як ҷониб Фузайл Махсум, Давлатмандбий, Эшони Султон, Лаҳад Махсум,

---

[1] Эркаев, М. Барпо ва мустаҳкам намудани Ҳокимяти Советӣ дар Тоҷикистон / М. Эркаев. – Душанбе: Ирфон, 1966. – С. 426.
[2] Юсуфӣ, Ю. Босмачиён / Ю. Юсуфӣ // Адабиёт ва санъат. – Душанбе, 2017. №5; Юсуфӣ Ю. Босмачиён / Ю. Юсуфӣ // Агентии итилоотии мустақил– ҳамсинф. – Душанбе, 2019. – 17 август.

Раҳмондодхоҳ, Диловаршо ва аз ҷониби дигар, Нусратулло Махсум, Ширишоҳ Шоҳтемур, Чинор Имомов, Абдулло Раҳимбоев, Ҷӯра Зокиров, Ҳайдар Усмонов, Абдулло Ёрмуҳаммадов, Бобохон Ҳамдамов, Муллошариф Раҳимов ва дигарон бар ӯҳда доштанд, ки ҳама тоҷик буданд.

Тафовут ҳамин буд, ки ба гурӯҳи аввал давлатҳои Англия, ИМА, Туркия, Афғонистон кумак мекарданду ба гурӯҳи дувум Россияи Шуравӣ ва Артиши Сурх. Ба лашкари гурӯҳи аввал афсарони турк бо сарварии Анварпошо фармондеҳӣ мекарданду ба гурӯҳи дувум сарварони артиши Россияи Шуравӣ.

Ба ҳамаи мо маълум аст, ки дар ҷанги шаҳрвандии солҳои 90–ум низ ду қувваи ба ҳам зид дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мубориза мебурданд. Қувваҳои давлатӣ барои пойдории соҳибистиқлолӣ ва пойдории давлати миллӣ ва қувваи дуюм бошад барои манфиатҳои шахсӣ ва хоҷагони хориҷии худ. Дар ҳарду ҳолат аз ҷанги шаҳрвандии солҳои 20–ум ва солҳои 90–ум дар Тоҷикистон як умумияти мубориза, як шабеҳияти умумии мудохилаи қувваҳои мухталиф эҳсос мешавад. Аз ин ҷост, ки дар ҳарду давра ва дар ҳар ду ҳолат мудохилаи Россия барои тоҷикон дӯстонаю тақдирсоз буд, ки исботи ин гуфтаҳо оид ба мудохилаи аввали Россия дар асари Мулло Эркаев баръало эҳсос мегардад.

Бояд як нуқтаи муҳиммро дар илми таърихнигорӣ аз хотир набарорем, ки аз тағйироту талабҳои идеологӣ сарфи назар карда намешавад. Ҷанги якуми шаҳрвандии Тоҷикистон дар замони мавҷудияти Ҳокимияти Шуравӣ ба амал омада буд. Дар ҳамин давра новобаста аз таъсири сахти сиёсати идеологияи коммунистӣ Мулло Эркаев ин асарро мавриди таҳқиқу пажӯҳиш қарор дода, рӯйи чоп овардааст ва то имрӯз ба ҳайси манбаъи муҳимми таърихӣ пойбарҷост. Илми таърих мисли дигар илмҳо дар як ҷой наистода дар ҳаракат аст, бо маҷрои ҳаёту ҷомеа пеш меравад. Дар асоси сарчашмаю далелҳои нав бадастомада, хулосаҳои

пештара тағйир меёбанд. Аммо, дар зери тафаккури шахсӣ бе асоси далелу сарчашма навиштан ва ё тағйир додани далели таърихӣ иштибоҳи куллан хатост. Имрӯз вақти он расидааст, ки бе ягон таъсир ва ё тафаккуре мо имкон дорем, ки ин воқеияти таърихии халқи тоҷикро холисона аз нав мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор диҳем. Аммо, кам нестанд олимони таърихшиноси мо ки имрӯз доир ба ин масъала назари комил доранд ва асари М. Эркаев «Таърихи ҷанги шаҳрвандии солҳои 20–уми Тоҷикистон» - ро сарчашмаи муътамад мешуморанд[1]. Аз ин лиҳоз, маълум мегардад, ки асари М. Эркаев арзиши бузурги илмӣ дорад. Аммо, таҳлили воқеан пурраи асари «Таърихи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон»[2] – и академик Мулло Эркаев аз назари имрӯза дар ҳаҷми рисолаи илмие, ки бевосита ба ин масъала бахшида нашудааст, аз имкон берун мебошанд. Зеро таҳқиқи ҷиддии холисонаю илман асоснок (дар асоси сарчашма) – ро талаб менамояд.

Хулоса, академик Мулло Эркаев бо таҳқиқоту таълифоти дақиқсанҷонаи хеш дар роҳи таърихнигории ватанӣ мавқеи муайянеро барои худ соҳиб гардидааст. Асарҳои таълифнамудаи М. Эркаев дар қатори беҳтарин таърихшиносони давраи шуравии тоҷик сарчашмаи муътамади давраи муайяни таърихӣ барои халқи тоҷик боқӣ хоҳанд монд. М. Эркаев чун олим, мақому манзалати шуғли худро дар созандагии ҷомеа ба хуби дарк мекард ва мехост, ки таърихи ташаккули ғояҳои пешқадами сиёсӣ, фаъолияти қисматсози ҳокимияти шуравиро ҳаматарафа таҳқиқу таҳлил намуда, қонуниятҳои ин равандро амиқтару возеҳтар кушоянд. Ин амал, аз як тараф, ба омӯзиши ҳақиқати таърихии давраи инқилобӣ, заминаҳои сиёсию иқтисодии мустаҳкаму пойдор гардидани Ҳокимияти Шуравӣ, дастовардҳои бузургу нотакрори иқтисодию иҷтимоӣ ва илмию фарҳангӣ равона шуда бошад, аз тарафи дигар, академик М. Эркаев, чун

---

[1] Пирумшоев, Ҳ. Ҷовидон дар ёдҳо / Ҳ. Пирумшоев. – Душанбе, 2000. – С.102 – 103.
[2] Иркаев, М. История гражданской войны в Таджикистане / М. Иркаев. – Душанбе: Ирфон, 1971. – 696 с.

дигар равшанфикрони тоҷик, таъсири идеологияи туркпарастӣ ва ё туркгароиро ҳамчун як падидаи зишт барои халқи тоҷик дарк намуда, дар таҳқиқотҳои анҷомдодаи худ тавонистаанд илман собит созад, ки халқи тоҷик халқи ватандӯст, ваҳдатофар, фарҳангсолор, меҳнатпарвар ва мубаризи роҳи озодиву зулму истибдод мебошад. Дар ин замина, олим ташаккули ҷаҳонбинии тафаккури насли наврас, тарбияи ватандӯстӣ, хештаншиносӣ, ҳувияти миллӣ, ифтихори миллӣ, беҳтарин ғояҳои инсондӯстӣ, хулоса, тарбияи шахсияти солиму мукаммали ба талаботи имрӯзу ояндаи давлату миллат созгорро талқин намудааст.

### I.4. Саҳми Мулло Эркаев дар корҳои ташкилию ҷамъиятӣ

Мулло Эркаев дар баробари таълиму тарбияи шогирдон боз ҳамчун ташкилотчии фаъол дар кори баланд бардоштани донишу тарбия, хусусан тарбияи меҳнатии донишҷӯён ва ба камол расидани мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи замони шуравӣ, инчунин, иштироки фаъолона дар кори намояндагии Ҳизби Коммунистӣ дар сатҳи ноҳиявӣ, шаҳрӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ аз худ қобилияти баланди ташкилию ҷамъиятӣ нишон додааст. Бояд зикр намуд, ки Мулло Эркаев таҷрибаи ташкилотчигиро ҳанӯз аз замони дар мактаби кӯдаконаи шаҳри Душанбе таҳсил намуданаш аз бар намуда буд. Зеро қобилияти М. Эркаевро маҳз омӯзгорони нахустинаш дарк намуда, ӯро соли 1927 ба ҳайати комсомоли муассиса, ки барои ҷавонони он замон фахри бузург буд, қабул намуданд. Қобилияту истеъдоди М. Эркаевро ба инобат гирифта, худи ҳамон сол ӯро сарварии комсомолони мактаби кӯдакона интихоб намуданд[1]. Мулло Эркаев тамоми вақти худро ба хониш, варзиш ва корҳои комсомолӣ сипарӣ намуда, барои дигар хонандагон намунаи ибрат қарор гирифта буд. Рафтори намунавӣ ва иштироки фаъолона дар чорабиниҳову корҳои ҷамъиятии М. Эркаев

[1] Автобиография. Ксерокопия. Личный листок по учету кадров за 1975 г. // БМДҶТ. Ф.1915. Н. 1. Б. 340. В. 1.

маддӣ назар нагардида, борҳо бо мукофоту ифтихорномаҳо қадрдонӣ гардидааст[1].

Мулло Эркаев пайваста баробари донишандӯзӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот – дар корҳои ҷамъиятии мактаб, донишкада ва оғози фаъолияти кориаш дар тақвияти таълиму тарбия ба корҳои ташкилию ҷамъиятӣ ва созандагиҳо ҳамчун як фарди фаъоли ҷомеа ширкат варзидааст. М. Эркаев вақте ки соли 1939 фаъолияти кории худро дар Донишкадаи омӯзгории пойтахт оғоз намуданд, новобаста аз ҷавониаш чун дигар омӯзгорони донишкада дар корҳои ташвиқотию тарғиботӣ бештар ҷалб гардида, бо маърузаҳо оид ба масъалаҳои гуногун дар муассисаҳо, ташкилотҳо ва тавассути васоити ахбори омма баромадҳо намудааст. М. Эркаев, ки ҳамчун комсомоли фаъол дар факултети таърих фаъолият менамуданд, бо назария ва тасаввуроти наву созандаи хеш дар рушди таълиму тарбия, махсусан, тарбияи меҳнатии аҳолӣ борҳо бевосита баромад намуда, андешаҳои худро доир ба баланд бардоштани сифати таълиму тарбия ва маънавиёти ҷомеа иброз намудааст. Ҳамзамон, мақолаҳои навиштаи М. Эркаев дар матбуоти даврӣ рӯйи чоп омада, дастраси хонандагони сершуморе гардидаанд, ки бештари онҳо хислати тарбиявӣ ва меҳнатдӯстиро талқин менамоянд. Дониши комил, истеъдоди хуби суханварию ташкилотчӣ ва иштироки фаъолона дар корҳои ҷамъиятӣ буд, ки ба масъулини ҳизбию давлатӣ торафт аён мегардид ва ӯро соли 1940 ба аъзогии ҳизби коммунистӣ қабул намуданд.[2]

Мулло Эркаев, ки аллакай вазъи душвори кишвар ва ҷаҳонро дар рафти Ҷанги дуюми ҷаҳон дарк менамуд, чун дигар фарзандони содиқи ватан, фаъолияти худро тақвият бахшидааст. Зуд – зуд бо даъвати намояндагони ҳизбию давлатӣ дар назди кормандони ҳизб, курсҳои кӯтоҳмуддати роҳбарикунанда, шабакаи радиои пойгоҳи ҳарбии

[1] Пирумшоев, Ҳ. Ҷовидон дар ёдҳо / Ҳ. Пирумшоев. – Душанбе, 2020. – С. 78.
[2] Автобиография. Ксерокопия. Личный листок по учету кадров за 1975 г. // БМДҶТ. Ф.1915. Н. 1. Б. 340. В. 1.

Сталинобод (шаҳри Душанбе) бо маърузаҳои сиёсиву таърихӣ баромад намуда, аз вазъи сиёсии ҷаҳон, махсусан, ҳаракатҳои таҷовузкоронаи кишварҳои фашистӣ ва таъсири он ба ҷомеаи ҷаҳонӣ маълумотҳо додааст[1]. Кумитаи марказии Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон донишу истеъдоди суханварӣ ташвиғотӣ ва садоқатмандии М. Эркаевро ба назар гирифта, аз 27–уми январи соли 1941 дар асоси қарори махсус ӯро ба вазифаи лектори шуъбаи тарғиботӣ ва ташвиқотии КМ ҲК (б) Тоҷикистон интихоб намуда,[2] кори ниҳоят масъулиятноки ҳизбиро ба зиммааш гузоштаанд.

Бояд ёдовар шуд, ки дар он давра тамоми масъулияти асосии тарғиботӣ ва ташвиқотии сиёсӣ ба зиммаи ҳамин шуъба вогузор гардида буд ва фаъолияти шуъбаи мазкур, махсусан, баъди оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ (22 июни соли 1941) дучанд афзуд. Вазъи ниҳоят мураккаби сиёсию иқтисодӣ ва ҳарбӣ дар тамоми қаламрави Иттиҳоди Шуравӣ аз бисёр ҷиҳат ба фаъолияти намояндагони шуъбаи тарғиботӣ ва ташвиқотӣ вобаста буд. Маҳорати хуби касбӣ, ҳисси масъулиятшиносӣ ва ташкилотчигии Мулло Эркаев роҳбарияти Ҳизби Коммунистиро ба хулосае овард, ки аз 23–юми майи соли 1942 сарварии бахши таблиғоти шифоҳии шуъбаи тарғиботӣ ва ташвиқотиро ба зиммаи ӯ гузоранд[3].

Мулло Эркаев пайваста дар ин роҳ саъю талош варзида, ҳамчун лектор барои ба самъи умум расонидани ҳадафҳои давлати сотсиалистии Тоҷикистон дар маҳфилу ҷамъомадҳои тоҷикзабонон, русзабонону ӯзбекзабонон ва аз тариқи васоити ахбори умум, ҳамзамон, ба вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо сафар намуда, бо халқ суҳбат мегузарониданд то тавонад дар ин вазъи мураккаб руҳияи ватандӯстии мардумро баланд бардораду ба муттаҳидӣ, дифои сарзамин ва меҳнати натиҷабор баҳри таъмини ақибгоҳ бо маводи ғизоӣ ва сарулибоси гарм даъват намоянд. Ҳамзамон, дар ин

---
[1] Из протокола заседания Ученого совета Таджикского госуниверситета им. В.И. Ленина от 16 февраля 1962 г. // БМДҶТ. Ф. 1461. Н. 5. Б. 189. В. 8.
[2] Автобиография. Ксерокопия. Личный листок по учету кадров за 1975 г. // БМДҶТ. Ф.1915. Н. 1. Б. 340. В. 3.
[3] Пирумшоев, Ҳ. Ҷовидон дар ёдҳо / Ҳ. Пирумшоев. Нашри дувум. – Душанбе, 2020. – С. 88.

мулоқотҳо бо сокинони кишвар онҳоро аз матонату далерӣ ва қаҳрамонию пирӯзиҳои сарбозони шуравӣ дар набардҳо аз болои душман ва меҳнати софдилонаи ақибгоҳ руҳбаланд мегардониданд. Имрӯз мо аз фидокорию далерӣ ва шуҷоату матонати гузаштагони худ чи дар майдони ҳарб ва чи дар ақибгоҳ аз адабиёти гуногуни таърихию бадей воқиф мегардему ифтихор менамоем ва дар иҷрои амалии ҳамаи он чорабиниҳою дастовардҳои ғалабаовари ҷумҳурӣ набояд хизмати намояндагони таблиғотии Шуъбаи таблиғоту ташвиқотии КМ ҲК (б) Тоҷикистонро, ки зери сарварии Мулло Эркаев қарор дошт, мадӣ назар созем.

Боварӣ ба оянидаи дурахшони ва масъулияти ҳизбии Мулло Эркаев сарварони Ҳизби Коммунистии ҷумҳуриро водор сохт, ки тибқи қарори бюрои КМ ҲК (б) Тоҷикистон №135, аз 28–уми августи соли 1944 ӯро ба вазифаи котиби Кумитаи вилояти Кӯлоби Ҳизби Коммунистӣ (б) – и Тоҷикистон дар бахши тарғибот таъйин намоянд[1]. М. Эркаев дар ин вазифа то 9–уми ноябри соли 1946 кор карда, дар пешравии тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ, чи дар истеҳсолот ва чи дар маънавиёт саҳми босазое гузоштааст. Чуноне ки профессор Ҳ. Пирумшоев қайд намудаанд: «...Дар анҷуману пленумҳои ҳизбӣ, аз муваффақиятҳои кории Мулло Эркаев ба маротиб ёдрас шудаанд».[2]

Ҳамаи ин муваффақиятҳо буд, ки 9–уми октябри соли 1946 боз аз нав ба маркази маъмури шаҳри Сталинобод даъват гардида, дар вазифаи ҷонишини дуюми мудири шуъбаи тарғибот ва ташвиқоти КМ ҲК (б) ҶШС Тоҷикистон интихоб намуданд[3]. Масъулияти таблиғотии худро дар роҳи барқарорсозии хоҷагии халқи мамлакат идома бахшиданд. Баъди як соли фаъолияти кориаш дар ин вазифа бо қарори КМ ҲК (б) ҶШС Тоҷикистон

---

[1] Автобиография. Ксерокопия. Личный листок по учету кадров за 1975 г. // БМДҶТ. Ф.1915. Н. 1. Б. 340. В. 4.; Обидов, И.О. Омӯзгор, муҳаққиқ ва ходими ҷамъиятӣ / И.О. Обидов // Мактаби Советӣ. – Душанбе, 1990. – №7,8,9. – С.58.

[2] Пирумшоев, Ҳ. Ҷовидон дар ёдҳо / Ҳ. Пирумшоев. Нашри дувум. – Душанбе, 2020. – С. 91.

[3] Автобиография. Ксерокопия. Личный листок по учету кадров за 1975 г. // БМДҶТ. Ф.1915. Н. 1. Б. 340. В. 3.

моҳи ноябри соли 1947 масъулияти боз ҳам муҳимми ҷамъиятӣ, яъне котиби Кумитаи ҳизбии вилояти Сталинобод интихоб гардиданд[1]. «Дар он вақт сарварии ҳизбии вилояти Сталинобод, аз рӯйи нуфузи вазифадории ҳизбӣ дар байни дигар вилоятҳо дар ҷойи аввал меистод ва то андозае чун нуқтаи гузариш ба зинаҳои олитари ҳизбии ҷумҳурӣ ҳисоб меёфт»[2]. Дар ин самт Мулло Эркаев то соли 1950[3] бо масъулияти том, баҳри иҷрои нақшаи 5 – солаи азнавбарқароркунии баъдиҷангӣ (солҳои 1946-1950), ки дар тамоми ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ҷараён дошт, дар пешрафти вазъи сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии шаҳри Сталинобод фаъолият намудааст.

Донишу таҷрибаи барои фаъолияти сиёсии давлативу ҳизбӣ ва дар маҷмуъ, ҷамъиятии Мулло Эркаев буд, ки ӯро тӯли даҳсолаи солҳои 40–уми асри XX вориди маҷрои сиёсат гардонида, сабаби боз ҳам комил гардидани таҷрибаи роҳбарӣ, ташкилотчӣ ва дучанд гардидани дониши назариявии марксизм–ленинизмиву таърихии олим гардида буданд.

Аз ҳамин давра оғоз гардида, дарки ҷаҳонбинии Мулло Эркаев ба марҳилаи нав ворид гардид. Зеро қобилияту маҳорати эҷодӣ дар зеҳни ӯ ба амал омад. М. Эркаев ҳамчун намояндаи фаъоли шуъбаи тарғиботу ташвиқоти Кумитаи марказии Ҳизби Коммунистии (б) ҶШС Тоҷикистон ифшои ғояҳои худро дар асоси афкори низоми сиёсии иттифоқӣ, вобаста ба вазъи мураккаби ҳамонвақтаи ҷомеа тавассути чандин мақолаҳои сиёсиву тарғиботӣ, аз қабили «Кори оммавӣ – тарғиботӣ дар давраи ғунучини ҳосил»[4], «Корҳои тарғиботӣ – оммавиро ба дараҷаи баланд бардорем»[5], «Маданияти Тоҷикистон гул–гул мешукуфад»[1], «Барои ҳаёти

---

[1] Фузайлов, А. Мулло Иркаев (описание жизнедеятельности и библиография трудов ученого) / А. Фузайлов, Д. Кабутов. – Душанбе: Ирфон, 1990. – С. 4.

[2] Пирумшоев, Ҳ. Ҷовидон дар ёдҳо / Ҳ. Пирумшоев. – Душанбе, 2020. – С. 91.

[3] Автобиография. Ксерокопия. Личный листок по учету кадров за 1975 г. // БМДҶТ. Ф.1915. Н. 1. Б. 340. В. 4.

[4] Эркаев, М. Кори оммавӣ – тарғиботӣ дар давраи ғунучини ҳосил / М. Эркаев // Тоҷикистони Сурх. – Сталинобод, 1942. – 9 сентябр.

[5] Эркаев, М. Корҳои тарғиботӣ – оммавиро ба дараҷаи баланд бардорем / М. Эркаев // Тоҷикистони Сурх. – Сталинобод. 1946. – 15 сентябр.

хушбахтона овоз медиҳем»[2], «Мубориза барои ҳосили фаровони пахта»[3], «Мубориза ба муқобили урфу одатҳои буржуазӣ – феодалӣ»[4], «Корҳои тарғиботӣ – оммавиро боз ҳам пурзур намоем»[5], «Корҳои тарғиботӣ – оммавиро намунавор ба роҳ монем»[6] ва ғайраҳоро дар матбуоти даврӣ рӯйи чоп овардааст. Мулло Эркаев дар мақолаҳои таълифнамудаи худ, ки аслан хислати сиёсию тарғиботиро доро мебошанд, вазъи сиёсию, иқтисодӣ ва мадании ҷомеаро дарк намуда, дуруст ба роҳ мондани корҳои сиёсӣ–тарғиботӣ дар байни аҳолӣ, махсусан, ҷавононро таъкид намудааст. Муттаҳидӣ ва фаъолнокии меҳнатиро дар рушди кишвар муҳим арзёбӣ намуда, хонандаро баҳри созандагии Ватан даъват намудааст.

Маҳз ҳамин таҷрибаи андӯхтаи ташкилотчигиаш буд, ки вақте соли 1950 масъулияти мудири кафедраи таърихи ҲКИШ–и донишгоҳи навтаъсис (Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин)–ро ба зиммааш гузоштанд, танҳо дар кафедра 10 нафар[7] устодон фаъолият менамуданд, ки ин барои як кафедраи таълиму тарбиядиҳандаи афкори сиёсӣ дар байни донишҷӯён хеле нокифоя буд ва Мулло Эркаев тавонист дар фурсати кӯтоҳ шумораи устодони донишманду соҳибтаҷрибаро то ба 35 нафар[8] расонида, кафедраро ба мактаби муаррихони ҲКИШ[9] табдил диҳанд.

---

[1] Эркаев, М. Маданияти Тоҷикистон гул– гул мешукуфад / М. Эркаев // Тоҷикистони Сурх. – Сталинобод. 1946. – 12 ноябр.
[2] Эркаев, М. Барои ҳаёти хушбахтона овоз медиҳем / М. Эркаев // Тоҷикистони Сурх. – Сталинобод. 1947. – 14 феврал.
[3] Эркаев, М. Мубориза барои ҳосили фаровони пахта / М. Эркаев // Тоҷикистони Сурх. – Сталинобод. 1947. – 2 июл.
[4] Эркаев, М. Мубориза ба муқобили урфу одатҳои буржуазӣ – феодалӣ / М. Эркаев // Тоҷикистони Сурх. – Сталинобод. 1947. – 29 август
[5] Эркаев, М. Корҳои тарғиботӣ – оммавиро боз ҳам пурзур намоем / М. Эркаев // Тоҷикистони Сурх. – Сталинобод. 1948. – 6 феврал
[6] Эркаев, М. Корҳои тарғиботӣ – оммавиро намунавор ба роҳ монем / М. Эркаев // Тоҷикистони Сурх. – Сталинобод. 1948. – 6 феврал.
[7] Отчёт о работе Таджикского государственного университета за 1951-1952, 1952-1953, 1953-1954 учебные годы // БМДҶТ. Ф. 1461. Н. 1. Б. 29. В. 82.
[8] Искандаров, Б. Большая заслуга ученого / Б. Искандаров, К. Мавлянов, С. Ташходжаев // Коммунист Таджикистана. – Душанбе, 1970. – №59. – 12 март.
[9] Обидов, И.О. Омӯзгор, муҳаққиқ ва ходими ҷамъиятӣ / И.О. Обидов // Мактаби Советӣ. – Душанбе, 1990. – №7,8,9. – С.58.

М. Эркаев бо дастгирии омӯзгорон дар назди кафедра маҳфили илмии таърихи ҲКИШ, фалсафа ва сиёсати иқтисодиро ташкил намуда буданд[1]. Чуноне ки худи Мулло Эркаев қайд намудааст: «...дар маҳфили илмии кафедра қисми зиёди донишҷӯёни факултети таърих аз курси сеюмкурс то курси панҷум аъзо буданд ва иштироки фаъолона менамуданд»[2]. Мақсад аз гузаронидани маҳфилҳои илмӣ дар байни донишҷӯён ин, пеш аз ҳама, амалан баланд бардоштани тафаккури созандаи омӯзгорони оянда ба ҳисоб мерафт. Дар роҳи муттаҳид намудани гурӯҳи донишҷӯёни фаъол дар ташкили маҳфилҳои илмӣ ва тавассути он дар замири ҳар як донишҷӯ бедор намудани завқу шавқи донишазхудкунӣ нақши Мулло Эркаев хеле калон буд. М. Эркаев тавонистанд шумораи аъзоёни маҳфили илмии кафедраро ба зиёда аз 100 нафар донишҷӯ расонанд[3].

Ҳамзамон, Мулло Эркаев роҳбарии шуъбаи таърихи ҲКИШ-и ҷамъияти «Дониш»–и Донишгоҳро низ ба уҳда доштанд.[4] Воқеан ҳам профессор А. Шарипов дар монографияи худ «Таърихи мактаби олии Тоҷикистон» қайд намудаанд, ки: «Ташкилотчиёну роҳбарони корҳои сиёсию тарбиявӣ кормандони кафедраҳои марксизм – ленинизм ва таърих буданд»[5]. Маҳз ин кафедраҳо махзани асосии таблиғу ташвиқи афкори сиёсӣ дар муассисаҳои олӣ ба ҳисоб мерафтанд. Мулло Эркаев, ки дар ин самт намуна ва шинохта буду таҷрибаи хуби ҳизбию сиёсӣ доштанд, тавонист ҷамъияти фаъоли тамоми гурӯҳҳои таълимии донишгоҳро созмон диҳанд. Нақша ва корҳои сиёсию тарбиявии ҷамъияти «Дониш» – и

[1] Иркаев, М. За овладение марксизмом– ленинизмом / М. Иркаев // Ленинабадская правда. – Ленинабад, 1953. – 25 июля. – Ст.3.
[2] Иркаев, М.И. Студент и общественные науки / М.И. Иркаев // Вечерний Душанбе. – Душанбе, 1975. – 6 марта.
[3] Иркаев, М. За овладение марксизмом– ленинизмом / М. Иркаев // Ленинабадская правда. – Ленинабад, 1953. – 25 июля. – Ст.3.
[4] Из протокола заседания Ученого совета Таджикского госуниверситета им. В.И. Ленина от 16 февраля 1962 г. // БМДҶТ. Ф. 1461. Н. 5. Б. 189. В. 53.
[5] Шарипов, А. Таърихи мактабҳои олии Тоҷикистон / А. Шарипов. – Хуҷанд: Хуросон, 2002. – С. 30.

Донишгоҳро дар асоси қарорҳои КМ ҲКУ (б), қарорҳои Вазорати маълумоти олии ИҶШС, бюрои ҳизбӣ ва ректорат тартиб дода, дар ҷаласаи шурои илмии Донишгоҳ тасдиқ ва дар асоси онҳо амал менамуданд[1].

Пайваста дар вақти гузаронидани чорабиниҳои зиёди илмӣ, донишҷӯёни зиёде иштирок намуда, аз маъруза ва маводҳои илмии иштирокчиён таассуроти зиёде аз худ менамуданд. Ба роҳ мондани маҳфилҳои илмиро чи дар бинои таълимӣ ва чи дар хобгоҳи донишҷӯён яке аз роҳҳои фаъолгардонии донишҷӯёни сустхон ва ба зиёд намудани сафи донишҷӯёни фаъол таъсиррасон ҳисобида, тадбирҳои зиёдеро дар ин самт меандешиданд[2]. Мулло Эркаев новобаста аз роҳбари ҷамъияти «Дониш» буданаш, ҳамчун мудири кафедра таърихи ҲКИШ дар гузаронидани тамоми маҳфилҳои илмӣ, сиёсӣ ва ҷамъиятӣ масъулияти асосиро бар дӯш доштанд. Аз ин рӯ, дар назди кафедра масъулияти мушаххаси баланд бардоштани савияи дониши донишҷӯён доир ба назария ва таърихи ҳизби коммунистӣ, сиёсати таълимӣ, тақвияти дониши омӯзгорон, таъмини лавозимоти таълимӣ, ташкили синфхонаҳои методӣ ва пурра намудани онҳо бо маводи аёнӣ барои дарсҳои лексионӣ ва амалию гузаронидани чорабиниҳои илмӣ доир ба асосҳои марксизм – ленинизм, фалсафа ва сиёсати иқтисодӣ дар сатҳи зарурӣ қарор мегирифтанд[3].

Аъзоёни ҷамъияти «Дониш» пайваста дар ҳар як маҳфилу чорабиниҳои умумидонишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва иттифоқӣ бо маърузаҳои худ иштироки фаъолона доштанд[4]. Иштироки онҳо дар ин чорабиниҳои ҷамъиятӣ агар, аз як тараф, масъулият ва талаботи асосии кори ҷамъияти «Дониш» бошад, аз ҷониби дигар, ба баланд бардоштани нерӯйи зеҳнию

---

[1] Шарипов, А. Таърихи мактабҳои олии Тоҷикистон / А. Шарипов. – Хуҷанд: Хуросон, 2002. – С. 30.
[2] Сафаров, П. Шасти камолот / П. Сафаров, Қ. Бобоев // Маориф ва маданият. – Душанбе,1970. – 12 май. – С. 2.
[3] Иркаев, М. За овладение марксизмом– ленинизмом / М. Иркаев // Ленинабадская правда. – Ленинабад, 1953. – 25 июля. – С.3.
[4] Ҳамон ҷо.

равонӣ, суханварию эҷодӣ ва истеъдоди ташкилии онҳо таъсири зиёд мерасониданд ва онҳоро дар руҳияи меҳнатдӯстию ватандӯстӣ тарбия ва бар камол мерасониданд. Ин буд, ки Мулло Эркаев пайваста дар баланд бардоштани сатҳи ҷаҳонбинии илмии донишҷӯён чораҳои заруриро роҳандозӣ менамуданд. Зеро академик Мулло Эркаев малакаи кори мустақилонаи эҷодӣ, мунтазам зиёд кардани донишҳоро хеле муҳим мешуморид ва пайваста ба донишҷӯёни аъзои ҷамъияти «Дониш» мегуфтанд, ки «Бояд дар раванди таълим ба кори мустақилона ва таҳқиқотҳо бештар диққат дода шавад»[1]. М. Эркаев, қайд намудааст, ки «ба кори таҳқиқоти илмӣ ҷалб кардани донишҷӯён вазифаи муҳим аст ва ин амал сабаби пешрафти мактаби олӣ ва илму техника мешавад»[2].

Мулло Эркаев омили асосии баланд гардидани таълиму тарбияи донишҷӯёнро дар ба роҳ мондани корҳои мустақилонаи эҷодӣ ва мунтазам зиёд кардани донишҳоро яке аз роҳҳои васеъ намудани сатҳи ҷаҳонбинии илмӣ ва тафаккури илмии донишҷӯён ҳисобидаанд[3]. Аъзоёни ин ҷамъият пайваста дар маҳфилҳои илмӣ ва чорабиниҳои гуногуни донишгоҳӣ, шаҳрӣ ва ҷумҳуриявӣ бо маърузаҳои омоданамудаи худ, баромад менамуданд. Натиҷаи таҳқиқоти илмии шогирдони М. Эркаев соли 1953 дар қатори беҳтарин маводи эҷодии ҷавонон қадрдонӣ шудаанд, аз ҷумла: М. Додобоева «Заминаҳои асосии гузариш аз сотсиализм ба коммунизм», С. Овчинникова «Демократияи халқӣ – шакли идораи коргарӣ», Ш. Урунов «Меҳнати пурмашаққати меҳнаткашони Тоҷикистон дар солҳои Инқилоби октябр» аз зумраи онҳо буданд[4], ки дар қатори беҳтарин маърузаҳои шаҳрӣ ва ҳатто ҷумҳурӣ дохил гардида, сазовори баҳои арзанда гардидаанд ва бо мукофоту ифтихорномаҳои фахрии комитети шаҳрӣ ва мукофотҳои Донишгоҳ сарфароз гардонида шудаанд. Шумораи

---

[1] Мусоҳибаи Р. Давлатшоев бо муаллима Д.Я. Набиева. – Душанбе, 2020. – 6 август.
[2] Эркаев, М. Тарбияи меҳнатии студентон – омили муҳимми ташаккули шахсит / М. Эркаев // Коммунисти Тоҷикистон. – Душанбе, 1984. – 12 декабр. – С.75.
[3] Ҳамон ҷо.
[4] Иркаев, М. За овладение марксизмом– ленинизмом / М. Иркаев // Ленинабадская правда. – Ленинабад, 1953. – 25 июля. – С.3.

донишҷӯён – шогирдони Мулло Эркаев хеле зиёд буданд ва дар баланд бардоштани нуфузи Донишгоҳ, чун маркази омоданамоии мутахассисони касбии ҷавобгӯ ба талаботи давр нақши хоса мегузоштанд.

Академик М. Эркаев баробари таълиму тарбия дар корҳои ҳизбию ҷамъиятии донишгоҳ, шаҳр ва ҷумҳурӣ фаъолона иштирок менамуданд ва чандин маротиба аъзои ташкилотҳои ҳизбии вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ ва ҳамзамон, аъзои бюрои ҳизбии Донишгоҳ, вакили шурои меҳнаткашони вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ интихоб гардидааст. Аз ҷумла, М. Эркаев солҳои зиёд ҳамчун аъзои Кумитаи ҳизбӣ ва вакили шурои меҳнаткашони шаҳри Душанбе пазируфта шуда, дар пешрафти корҳои ҷамъиятӣ ва созандагиҳо фаъолона иштирок намудааст.[1]

Албатта, заҳмату талошҳо ва меҳнати созандаю ватандӯстонаи Мулло Эркаев мадди назар намегардиданд, зеро ӯро дар зарфи солҳои зиёди фаъолияташ дар баробари устоди асилу олими барҷаста пазируфта шуданашон, боз ҳамчун таблиғотчию тарғиботчии фаъоли назарияи марксизм–ленинизм ва тафаккури сиёсии низоми сотсиалистӣ дар ҷомеа эътироф намуда буданду баҳри садоқатмандӣ ва иҷрои вазифаҳои меҳнатӣ борҳо бо мукофоту ифтихорномаҳои фахрӣ, аз ҷумла: нишони «Барои меҳнати шоён» дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ солҳои 1941–1945», ду ордени «Байрақи Сурхи Меҳнат», ду ордени «Нишони Фахрӣ», чандин медал ва ифтихорномаҳои Фахрии Президиуми Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон қадрдонӣ намудаанд.[2] Ин қадршиносиҳо аз заҳмати пайвастаи Мулло Эркаев ҳамчун ходими сиёсии сатҳи баланд, дар он замони гувоҳӣ медиҳанд.

Дар фаъолияти омӯзгорӣ, илмӣ ва ҷамъиятӣ Мулло Эркаев бо муҳаббат, самимият, бовиҷдонона, бо масъулиятнокии баланди намояндаи

[1] Из протокола заседания Ученого совета Таджикского госуниверситета им. В.И. Ленина от 16 февраля 1962 г. // БМДҶТ. Ф. 1461. Н. 5. Б. 189. В. 53.
[2] Автобиография. Ксерокопия. Личный листок по учету кадров за 1975 г. // БМДҶТ. Ф.1915. Н. 1. Б. 340. В. 4.; Б. 341. В. 2.

Ҳизби Коммунистӣ, бо ҳисси баланди профессорӣ – омӯзгорӣ ба ҳайати ҳамкасбону донишҷӯён ва ҷамъият муносибат менамудаанд.

Ҳамин тавр, ҳамаи ин заҳмату талошҳо, кӯшишу дастовардҳои беназири М. Эркаев дар баробари таълиму тарбияи дастпарварони Донишгоҳ ва таҳқиқотҳои дақиқсанҷонаву натиҷабори илмии худ, боз саҳми созандаи худро чун як фарди фаъоли ҷомеа, дар пешрафти вазъи сиёсӣ ва ободонии кишвари азизамон – Тоҷикистон гузоштаасту тамоми он нерӯйи зеҳнӣ ва қобилияти ташкилии хешро, ки даҳҳо шогирдонро дар он роҳ ба камол расонидааст, ибратест барои ҳар як фарди ҷомеа. Аз ин лиҳоз, моро зарур аст, ки баробари кору фаъолият дар корҳои созандагию ободониҳои кишвари маҳбубамон – Тоҷикистон, чун намояндагони барҷастаи халқамон, ки дар таърихи ватанӣ номи худро ба некӣ боқӣ гузоштаанд, ҳиссагузор бошем.

# БОБИ II. МАКТАБИ ИЛМИВУ ПЕДАГОГИИ АКАДЕМИК МУЛЛО ЭРКАЕВ

## II.1. Нақши М. Эркаев дар инкишофи таърих, назария ва амалияи касби омӯзгорӣ

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳои худ қайд намудаанд, ки «Пешаи омӯзгорӣ муқаддастарин касби рӯйи олам аст. Бедории фикр, покизагии ахлоқ ва ташаккули ақлонии инсон маҳсули ранҷу машаққати омӯзгорон мебошанд»[1].

Заҳмату талош ва масъулиятшиносии баланди насли Мулло Эркаев буд, ки дар рӯзҳои нахустини кушода шудани муассисаҳои таълимӣ, новобаста аз маҳаллу минтақа ва ё маҳдудиятҳои ҷойдошта, ба ҳар куҷое, ки онҳо тавсия мешуданд, бо ҳисси баланди масъулиятшиносӣ, эҳсоси бузурги милливу ватандӯстӣ, иштироки фаъолона дар ҳалли мушкилоти ҷомеа – маҳви бесаводӣ бо ифтихор рафта, ба таълиму тарбия машғул мегардиданд.

Мулло Эркаев низ аз зумраи он шахсиятҳое буд, ки дар нахустин лаҳзаҳои душвори кишварамон, ки ба соҳаи маориф вобастагии ҷиддӣ дошт, зеро ниёз ба мутахассисони маҳаллӣ бештар буд ва барои ин омӯзгор, махсусан, омӯзгорони маҳаллӣ зарур буданд, худро канор нагирифтанд. Эҳтироми хоса нисбат ба ин касби барояш пуршараф буд, ки қариб 60–соли ҳаёти пурбаракати худро бо донишу хирад, покизагии виҷдон, нерӯйи хастанопазир ва роҳу усулҳои ба худ хоси таълимию тарбиявӣ, дар роҳи таълиму тарбия ва бар камол расонидани ҳазорон – ҳазор шогирдон сипарӣ намудааст.

Мулло Эркаев дар асарҳову мақолаҳои зиёди таълифнамудаи худ доир ба мактабу маориф, омилҳои муҳимми таълиму тарбия ва омода

[1] Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон дар н. Айнӣ. 28.07.2021.

намудани мутахассисони касбӣ, андешаҳои дар фаъолияти касбии хеш пеша намудаашро борҳо таъкид намудааст.

Ҳамзамон, Мулло Эркаев, таърихи маорифи Тоҷикистони шуравиро ба таври умумӣ дар таҳқиқотҳояш аз қабилӣ «Очеркҳои таърихи Тоҷикистони Советӣ»[1], «Октябри Кабир ва азнавсозии сотсиалию мадании деҳот»[2], «Деҳқонони колхозӣ–бинокорони фаъоли сотсиализм»[3] ва ҳам ба таври комил дар китоби «Дар саргаҳи маориф»[4] баён намудааст.

Боби аввали китоби «Дар саргаҳи маориф», «Мактабҳои пеш аз инқилобии Тоҷикистон» номгузорӣ гардида, дар он М. Эркаев вазъи маърифатии аҳолӣ, низоми ақибмондаи маорифи давр ва хусусияти синфӣ доштани маорифро ба риштаи таҳқиқ кашидааст[5].

М. Эркаев дар асоси омӯзиши маводи таълифгардидаи таърихӣ ба вазъи маорифи Аморати Бухоро чунин баҳо додааст: «Маданияти халқи тоҷик таърихи чандинасра дошта, унсурҳои демократиро дар бар мегирифт ва он дар эҷодиёти Аҳмади Дониш, Тошхоҷа Асирӣ, Садириддин Айнӣ ва дигар маорифпарварон инъикос ёфтааст. Аммо, маданияти қадимаи халқи тоҷик дар шароити Аморати Бухоро ва ҳукмронии мустамликавии ҳокимияти подшоҳӣ дастраси оммаи васеи халқ шуда наметавонист. Ҳаминашро гуфтан кифоя аст, ки пеш аз инқилоб дар Тоҷикистон ҳамагӣ ним фоизи аҳолӣ саводнок буду бас… муассисаҳои илмӣ он сӯ истанд, халқи тоҷик аз театр, матбуот ҳам маҳрум буд»[6].

Воқеан, то инқилоби Октябр вазъи мактабу маорифи на танҳо халқи тоҷик, балки тамоми халқҳои Осиёи Миёна дар зинаи хеле паст қарор дошт, зеро ҳукумати давр барои рушди соҳа амалан коре намекард. Аз

---

1 Эркаев, М. Очеркҳои таърихи Тоҷикистони Советӣ / М. Эркаев. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1957. – 503 с.; Нашри дуюм. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1960. – 674 с.
2 Эркаев, М. Октябри Кабир ва азнавсозии сотсиалию мадании деҳот / М. Эркаев. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 159 с.
3 Эркаев, М. Деҳқонони колхозӣ – бинокорони фаъоли сотсиализм /М. Эркаев. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 192 с.
4 Эркаев, М. Дар саргаҳи маориф / М. Эркаев. – Душанбе: Ирфон, 1979. – 48 с.
5 Ҳамон ҷо.
6 Ҳамон ҷо.

тарафи дигар, Аморати Бухоро, ки давлати теократӣ буд, маориф дар чаҳорчӯбаи шароити исломӣ ба роҳ монда шуда буд ва қариб аз унсурҳои дунявии таълиму тарбия холӣ буд. Бо назардошти ин гуфтаҳо, Мулло Эркаев, ҳамчун муаррихи касбӣ ба вазъи мактабҳои то инқилобии Тоҷикистон баҳои воқеӣ додааст.

Боби дуюми китоб «Пойдор гардидани мактаби шуравӣ» номгузорӣ шуда, асосан таърихи маорифи халқи тоҷикро дар ҳайати ҶМШС Туркистон ва ҶХШ Бухоро (1918–1924) фаро мегиранд. Дар ин боб муаррих бо овардани далелҳои таърихӣ таъсири аввалин мактабҳои Шуравӣ ва дигар ниҳодҳои соҳаро дар ҳудуди Туркистон инъикос кардааст. Махсусан, мушкилот ва норасоиҳои курсҳои кӯтоҳмуддати муаллимтайёркуниро баён сохтааст. Муаллиф ба ин мавзуъ дахл карда таъкид намудаанд, ки: «Аввалин муаллимони тоҷик мушкилоти вазнинро аз сар мегузаронидаанд, зеро ба фаъолияти онҳо унсурҳои боқимондаи иртиҷоӣ, таъқиби руҳониён халал ворид мекард. Ҳатто кормандони зиёди соҳаи маориф аз дасти босмачиён кушта мешуданд»[1].

Воқеан, ҳуҷҷатҳои зиёди бойгонӣ низ далолат бар он мекунанд, ки дар кори ҷорӣ намудани низоми маорифи дунявӣ – шуравӣ садҳо омӯзгорону равшанфикрон аз ҷониби ашхоси бехираду торикбин ва махсусан, руҳониёни мутаассиб куштаву таҳқир шудаанд ва ё тарки касби худ намудаанд.

Чӣ тавре, мо медонем, дар ибтидои давраи шуравӣ, махсусан, дар ҶМШС Туркистон ва ҶХШ Бухоро, вазъи ҳуқуқии тоҷикон, мақоми забони тоҷикӣ, ҳолати мактабу маорифи тоҷик зери фишори ҷараёнҳои миллатгаро, бахусус, пантуркизм, ки баъдан ба шовинизми бузургманишини ӯзбекӣ табдил ёфт, қарор доштааст. Вале, оид ба ин поймолшавии ҳуқуқи тоҷикон ҳамчун аҳолии асосии бумии ин кишварҳо на ҳама вақт дар адабиёти илмии таърихии давраи шуравӣ маълумот пайдо

[1] Эркаев, М. Дар саргаҳи маориф / М. Эркаев. – Душанбе: Ирфон, 1979. – С. 23.

кардан мумкин аст. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бесабаб таъкид накардаанд, ки «Ҳар гоҳ, ки сухан аз боби мероси таърихӣ, дастовардҳои илмию фарҳангии аслу насаби фарзандони баруманди миллати тоҷик ва ҳатто пайдоишу ташаккули забони тоҷикӣ меравад, ғолибан ҳақиқати таърихӣ риоя намегардад»[1].

Ниҳоят боби охирини китоб «Инкишофи мактабу маорифи ҶМШС Тоҷикистон» ба марҳилаи муҳимми инкишофи низоми маорифи халқ дар Тоҷикистон, яъне солҳои 1924–1929 бахшида шудааст[2].

Баъди таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон моҳи декабри соли 1924 нозироти маорифи халқ таъсис меёбад, ки тамоми корҳои маорифу маданиятро дар мамлакат бар дӯш дошт. Таъсиси ҶМШС Тоҷикистон дар ҳаёти мадании кишвар гардиши куллиро ба миён овард. Зеро барои инкишофи озодонаи мактабу маорифи халқ шароити хеле мусоид фароҳам омад.

Ҳамзамон, М. Эркаев қайд менамоянд, ки дар натиҷаи талошу кӯшишҳои равшанфикрони тоҷик як силсила китобҳои дарсӣ барои мактабҳои тоҷикӣ ба монанди «Мухтасари раҳнамои ҳисоб»–и Н. Муҳаммадов (соли 1923), «Соли нахуст»–и Саидризо Ализода (соли 1924), «Сарфу наҳви забони тоҷикӣ»–и Саидризо Ализода (соли 1924 нашри якум), «Алифбои забони тоҷикӣ»–и Н. Муҳаммадов (соли 1924), «Сарфу наҳви забони тоҷикӣ»–и Саидризо Ализода (соли 1926 нашри дуюм), «Омӯзиш»–и В. Маҳмудӣ ва Т. Зеҳнӣ (қисми 1–3 соли 1928) ба табъ расиданд[3].

М. Эркаев дар асари таълиф намудаи худ, ки доир ба вазъи маорифи давраи ҶМШС Туркистон, ҶХШ Бухоро ва ҶМШС Тоҷикистон бахшида шудааст, воқеъбинона назар намуда, раванди ташаккули зинаи ибтидоии маорифи шуравиро дар Тоҷикистон дар асоси сарчашмаҳо мавриди таҳлил

---

[1] Эмомалӣ, Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз ориён то сомониён / Эмомалӣ Раҳмон. Китоби 1. – Лондон, 1999. – С.6.
[2] Эркаев, М. Дар саргаҳи маориф / М. Эркаев. – Душанбе: Ирфон, 1979. – 48 с.
[3] Ҳамон ҷо. – С.61.

қарор додааст. Дар асари М. Эркаев маводи зиёду муътамад доир ба маорифи замони шуравии тоҷик гирдоварӣ гардидаанд, ки бозгӯи даврai муайяни таърихи маорифи тоҷик ба ҳисоб мераванд. Дотсент Н. Ҳ. Зарифов иброз намудааст: «Имрӯз низ андешаву хулосаҳои илмии Мулло Эркаев дар масъалаи раванди шаклгирии низоми маорифи дунявӣ–шуравӣ дар Тоҷикистон рӯзмарра мебошанд»[1].

М. Эркаев баҳри аз байн бурдани мушкилотҳои ҷойдошта, дар соҳаи илму маориф, махсусан, дар роҳи баланд бардоштани назария ва амалияи касби омӯзгорӣ, мероси арзишмандеро дар таълифоти худ ва бевосита дар раванди таълиму тарбияи шогирдон анҷом додааст, ки баҳри беҳтар ба роҳ мондани сифати таълиму тарбия мусоиддат менамоянд.

Академик М. Эркаев қайд намудааст: «Тайёр кардани мутахассисони баландихтисос вазифаи душвор буда, диққати доимии омӯзгор, ҷидду ҷаҳд ва меҳнати суботкоронаи донишҷӯёнро талаб менамояд»[2]. Дар ин ҷо, М. Эркаев таъсири мутақобилаи омӯзгорро бо хонандагон муҳим арзёбӣ намудааст. Зеро бе талошу кӯшиши худи хонанда, омӯзгор ба ҳадафи таълимии худ ноил гардида наметавонад. Аммо, омӯзгорро зарур аст, ки сараввал таваҷҷуҳи шогирдонро ба илм ва касби ояндаашон ҷалб намуда, тафаккури онҳоро бедор намояд. Зеро дар ин бора М. Эркаев зикр намудаанд: «Диққатро ба масъалаҳое бояд ҷалб кард, ки онҳо ба баланд бардоштани масъулияти донишҷӯён, барои сифати таҳсил алоқамананданд»[3]. Аммо, бедор кардани тафаккури шогирдон ва диққати онҳоро ба раванди дарс ҷалб намудан, аз омӯзгор як қатор омилҳои зарурии зиёдеро талаб менамояд, ки ин, пеш аз ҳама, донишу хирад, рафтору гуфтор, омода намудани барномаю маводи таълимӣ, роҳҳои ҳавасмандгардонӣ ва ғайра

[1] Ахтарони илми таърих (Маводи конференсияи илмӣ – назариявӣ дар мавзӯи «Саҳми академик Мулло Эркаев ва профессор Одил Маҷлисов дар рушди илми таърихи ватанӣ»). – Душанбе, 2021. – С.148.
[2] Эркаев, М. Тарбияи меҳнатии студентон – омили муҳимми ташаккули шахсит / М. Эркаев // Коммунисти Тоҷикистон. – Душанбе, 1984. – 12 декабр. – С.72.
[3] Ҳамон ҷо. – С.73.

ба ҳисоб меравbooked. Чуноне ки профессор И.О. Обидов қайд намудаанд: «Дарсҳои Мулло Эркаев, ки маводи зиёд, далелҳои муътамадро дар бар мегирифтанд, ба шунавандагон мақбул буд. Мулло Эркаев донишу таҷрибаи андӯхтаашро ба ҷавонон ва мардум пешниҳод намуда, онҳоро дар руҳияи ватандӯстӣ ва сидқу вафо тарбия мекарданд»[1].

Омӯзгор ба руҳи инсон на тавассути мусиқӣ ҳамчун бастакор, на бо ёрии рангҳо, ҳамчун рассом, балки мустақиман муроҷиат мекунад. Омӯзгор бо шахсияти худ, донишу муҳаббати худ ва ҷаҳонбинии худ шогирдонро тарбия менамояд. Дар ин замина, чуноне ки яке аз шогирдони М. Эркаев, дотсент Т.З. Мунавварова иброз намудаанд: «Мулло Эркаев, яке аз омӯзгорони боистеъдод буд, ки зоҳири ҷиддӣ, зиракӣ, сахтгирии рафтораш дар якҷоягӣ бо иродаи нек нисбати одамон, муоширати самимиаш бо шогирдон, эҳтироми ӯро, ҳамчун муаллим ва роҳнамо дар байни шогирдон ба вуҷуд оварда буд»[2].

Чунин хислатҳои наҷиби касбии академик М. Эркаев буд, ки то имрӯз шогирдону ҳамкасбон усулҳои таълимию тарбиявии ӯро натиҷабахшу пурмаҳсул арзёбӣ намуда, дар фаъолияти касбии хеш намунаи ибрат мехонанд. Дотсент М. Мунавваров қайд менамоянд, ки: «Академик Мулло Эркаев аз зумраи он омӯзгороне буд, ки шавқу рағбати шогирдонашро ба омӯзиши фанҳои таълимии худ бедор менамуд, онҳоро ба ҷустуҷӯву ковишҳои илмӣ роҳнамоӣ мекард, бо ҳамаи шогирдон суҳбатҳо мегузаронид ва тамоми хусусиятҳои ақлониву руҳии онҳоро бо тамоми ҷузъиёташ меомӯхт. Инчунин, ҳунару истеъдоди касбии худро дар омӯхтану аз бар намудани фанҳои таълимӣ ба шогирдон бо таъсирбахштарин суханон эҳдо менамуданд»[3].

---

[1] Обидов, И.О. Омӯзгор, муҳаққиқ ва ходими ҷамъиятӣ / И.О. Обидов // Мактаби Советӣ. – Душанбе, 1990. – №7,8,9. – С.57.

[2] Ахтарони илми таърих (Маводи конференсияи илмӣ – назариявӣ дар мавзӯи «Саҳми академик Мулло Эркаев ва профессор Одил Маҷлисов дар рушди илми таърихи ватанӣ»). – Душанбе, 2021. – С.55.

[3] Мусоҳибаи Р. Давлатшоев бо дотсент М. Мунавваров. – Душанбе, 2021. – 20 сентябр.

Доир ба усулҳои таълимии Мулло Эркаев, яке аз шогирдонаш, Я. Набиева чунин ибрози андеша намуданд: «Устод М. Эркаев дар зоҳир ҷиддӣ, сахтгир буданд, аммо, чунон орому ботамкин дар бораи мавзӯи дарсӣ ва паҳлуҳои фарохи он суҳбат мекарданд, ки дар вақти дарси устод гумон мекардӣ, ки дар дохили синфхона танҳо нишастаӣ, садое шунида намешуд. Ба ҳар саволе, ки аз ҷониби мо пешниҳод мегардид, ҷавобҳои комилу фарох ва қаноатбахш мегирифтем. Дарси устод дар назар чунон зуд мегузашт, ки саволҳои зиёди мо шояд беҷавоб мемонданд ва баъзан ҳамсабақонам ба устод дар роҳрав суол медоданд, ҳатто то утоқи кориаш рафта, ба саволҳои худ посух мегирифтанд. Боре хастагии устодро дар фаъолияти омӯзгориаш мушоҳида накарда будем. Гӯё аз дарс ва суолҳои шогирдон баръакс хушҳол гардида, нерӯ мегирифтанд. Фаъолияти Мулло Эркаев барои мо намунаи ибрат буд ва ҳар яки мо дар симои устод худро тасвир мекардем»[1].

Академик Мулло Эркаев пайваста талош менамуданд, ки раванди дарси худро натиҷабор қарор дода, аз баҳри беканори донишу хиради хеш ба шогирдон чизе дода тавонад. Дар раванди дарс талош менамуд, то нутқаш ба гӯши хонанда бевосита ворид гардида, ба тафаккури он нақш бандад. Дар вақти пурсиш ва раванди санҷишу имтиҳон бо ҷиддият ва серталабӣ аз ҳар як шогирд дониши заруриро талаб менамуданд. Дар муносибат бо шогирд ҳеҷ хусумату бадбиниеро раво надида, танҳо донишу хирадро афзал мешумориданд. Чуноне ки яке аз ҳамкасб ва шогирди М. Эркаев, профессор А. Ҳақназаров дар суҳбат қайд намуданд: «Академик Мулло Эркаев баҳои ду намемонданд, зеро ӯ танҳо бо ҷиддият аз шогирд дониш талаб менамуд ва шогирд ҳатман аз раванди дарс ва машғулиятҳои пеш аз имтиҳонӣ донишҳои зарурero аз бар менамуд, ки ҳеҷ сазовори баҳои паст намегардид»[2].

[1] Мусоҳибаи Р. Давлатшоев бо муаллима Д.Я. Набиева. – Душанбе, 2020. – 6 август.
[2] Мусоҳибаи Р. Давлатшоев бо профессор А. Ҳақназаров. – Душанбе, 2021. – 23 сентябр.

Ҳамзамон, профессор Р. Абулҳаев чунин қайд намудаанд: «Мулло Эркаев аз аввали таҳсил то дами хатми донишгоҳ падарвор ба мо донишҷӯён ёриву мадад мерасониданд. Дар вақти имтиҳон гирифтан ба донишҷӯёни сустхон мегуфтанд, ки метавонӣ, аз китобхонаи кафедраи таърихи ҳизб китобҳоро гирифта, дар назди ман саволҳои билетро тайёр намоӣ, вале баъзе аз донишҷӯёни сустхон дар вақти муайянгардида омода шуда наметавонистанд. М. Эркаев мегуфтанд, ҳеҷ шахс дар як чанд дақиқа барномаи яксолаи фанни таърихро аз худ карда натавонистааст, шумо аз куҷо метавонед, ин вазифаро дар давоми сол иҷро кардан даркор»[1].

Фаъолияти касбии академик М. Эркаев воқеан, ҳам барои омӯзгори ҷавон намунаи ибрат аст. Зеро чунин раванди дарс, муносибат бо шогирдон, интизории шогирдон ба дарси омӯзгор, дар вақти кӯтоҳи истироҳат ба саволи шогирд ҷавоб додан, ғамхорӣ нисбат ба шогирд ва дигар хислатҳои наҷиби касбию ҳаётии М. Эркаев, ки бо муҳаббат аз ҷониби шогирдон шунида мешавад, на ба ҳар омӯзгор имкон ва на ҳар омӯзгор анҷом медиҳад.

Дотсент Т.З. Мунавварова, ки бевосита аз мактаби омӯзгорӣ ва илмии академик Мулло Эркаев гузаштаанд, қайд намудаанд, ки: «Дар ёди ҳамкурсҳо академик Мулло Эркаев зоҳиран чун марди қоматбаланд, қавиҷусса, тезҳаракат, бо сару либос озода ва мӯйи нисбатан баланд чун мавҷи мошу бирин ҷилвагар мегардид, қатъи назар аз сахтгириаш шогирдон ӯро сидқан эҳтиром мекарданд ва имрӯз ҳам бо гузашти айём хотираи некашро самимона пос медоранд»[2].

Дар воқеъ, «Таърихи ҳизби коммунистии Иттиҳоди Шуравӣ», ки барои ҳар як фард дар зиндагии он замон аҳаммияти ҳаётан муҳимми маънавӣ дошт, вале на ҳама донишҷӯёни курси аввал мазмуни онро аз худ

---

[1] Абулҳаев, Р. Аз гузашти рӯзгор (Ёддоштҳо) / Р. Абулҳаев. – Душанбе: Эр-граф, 2020. – С. 130.

[2] Мунавварова, Т.З. Труженик просвещения и науки / Т.З. Мунавварова, Р. Давлатшоев // Ахтарони илми таърих (Маводи конференсияи илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Саҳми академик Мулло Эркаев ва профессор Одил Маҷлисов дар рушди илми таърихи ватанӣ»). – Душанбе: Мулквар, 2021. – С. 47-58.

менамуданд, «Академик М. Эркаев нишондиҳанда дар даст дар назди харита истода, бо мисолҳои оммафаҳм, заҳмат мекашид, ки шогирдон ин фанро хуб омӯзанд. М. Эркаев кӯшиш мекарданд, ки ҳар яки мо аз дарсҳои эшон баҳраманд бошем, ба саволҳо ҷавоби пурра дода, гаштаву баргашта зарурияти омӯхтани фанни таърихро ба мо таъкид мекарданд»[1]. Ҳарчанд аз замони таҳсили шогирдонаш дар донишгоҳ солҳои зиёд сипарӣ шудааст ва онҳо касбу кори гуногун доранд, устоди донишманду боистеъдоди худро, ки қадри худу шогирдро пос медоштанд, то ҳануз ҳамчун шахсияти фавқулодаи наҷиб фаромӯш нагардида, намунаи ибрати худ қарор додаанд.

Дар тақвияти ин гуфтаҳо, яке аз шогирдони фаъол, ҳамкасбу содиқи роҳи илми академик М. Эркаев, профессор Р. Абулҳаев чунин андеша дорад: «М. Эркаев дар ҳар маврид барои донишҷӯён мисолҳои зиёди ҳаётӣ оварда, онҳоро ба роҳи дуруст ҳидоят мекарданд, ки то имрӯз он панду андарзҳояш ба мо чун роҳнамо хизмат мекунанд»[2].

Мақсади асосии М. Эркаев дар мактаби олӣ тарбия намудани одамони дорои шуури коммунистию ҷаҳонбинии том ба камол расонидан буд, то барои ба камбудиҳои ҳаёт мардонавор, муқобилият кардан тайёр бошанд. Ба ақидаи М. Эркаев «қобилияту истеъдод, шахсияти инсон танҳо дар асоси тафаккури идеявию сиёсӣ инкишоф меёбад»[3]. Пайваста академик М. Эркаев ба шогирдони худ таъкид намудааст, ки: «Омӯзгор ҳуқуқ надорад бехабар монад, ки ба шогирд чӣ ҳодиса рӯй додааст, барои чӣ табъаш хира ё саломатиаш бад шудааст, аҳволи зиндагии ӯ, вазъи моддӣ ва ғайраи шогир ба сифати таълиму тарбия таъсири манфӣ мерасонад. Ин хел

---

[1] Мунавварова, Т.З. Труженик просвещения и науки / Т.З. Мунавварова, Р. Давлатшоев // Ахтарони илми таърих (Маводи конференсияи илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Саҳми академик Мулло Эркаев ва профессор Одил Маҷлисов дар рушди илми таърихи ватанӣ»). – Душанбе: Мулквар, 2021. – С. 47-58.

[2] Абулҳаев, Р. Аз гузашти рӯзгор (Ёддоштҳо) / Р. Абулҳаев. – Душанбе: Эр-граф, 2020. – С. 130.

[3] Иркаев, М. За овладение марксизмом– ленинизмом / М. Иркаев // Ленинабадская правда. – Ленинабад, 1953. – 25 июля. – Ст.3.

кори сангин аст. Аммо, омӯзгорро зарур аст, ки дар сурати мушоҳидаи чунин мушкилот, ҳатман бо шогир суҳбат гузаронида, кумаки моддӣ ва ё равонии худро ба қадри имкон расонанд»[1]. Чунин амалҳо дар ҳаёти воқеии Мулло Эркаев новобаста аз серкорӣ борҳо мушоҳида гардидаанд.

Маълум мешавад, ки як навъ бепарвоӣ дар баъзе омӯзгорони гузашта ва ҳозира дида мешавад. Агар дар донишгоҳҳо омӯзгорони воқеӣ, донишманду инсондӯст бештар бошад, донишҷӯён ҳаргиз хориҷ намешаванд, яъне омӯзгор бояд нисбат ба шогирд бепарво набошад.

Чунин устодон, ба монанди академик М.Эркаев, доимо дар талошу такопӯ, эҷодкориву ҷӯяндагӣ буда, шогирдон пайваста дар лексияҳою машғулиятҳои семинарӣ фаъолона иштирок менамоянд, бо омӯзгор гуфтугӯ намуда, масъалаҳои душворӣ назариявиро аз худ менамоянд, ки ин амал ба беҳтар гардидани сифати таълиму тарбия мусоидат менамояд.

«Академик М. Эркаев таъкид мекарданд, ки пеш аз ҳама, омӯзгори оянда бояд заҳматро дӯст дорад, меҳнат кунад, танбалиро аз худ дур кунад. Дигар муваффақиятҳо аз ҳамин чизҳо пайдо мешаванд. Барои исботи ин тавсияҳо ӯ дар бораи давраи кӯдакию ҷавониаш нақл карда оид ба душвориҳо дар пеш оянда мегуфт, ки: «ҳама вақт ба худ мегуфтам: ҳеҷ душвори бепоён нест, ғам махӯр, оянда дурахшон аст»[2].

Аз гуфтаҳои М. Эркаев бармеояд, ки муаллим бояд, бо заҳмати худ худро муаррифӣ кунад, доимо савияи донишашро баланд бардошта, соҳиби маълумоти васеъ шавад, ба рӯзномаву маҷаллаҳо обуна шавад, тез – тез ба китобхона равад ва аз маводи онҳо дар кори ҳамарӯзааш истифода барад. Он вақт омӯзгор соҳиби эҳтироми шогирдон мешавад. «Таърифи беҷо дар ҳама ҳолат инсонро ғофилу танбал мекунад»[3].

---

[1] Мусоҳибаи Р. Давлатшоев бо дотсент М. Шарипов. – Душанбе, 2021. – 23 сентябр.
[2] Мусоҳибаи Р. Давлатшоев бо дотсент Т.З. Мунавварова. – Душанбе, 2020. – 12 май.
[3] Мусоҳибаи Р. Давлатшоев бо дотсент М. Мунавваров. – Душанбе, 2019. – 8 октябр.

Академик Мулло Эркаев зикр намудаанд: «агар омӯзгори ҳақиқӣ будан хоҳед, ҳаргиз ба фиреб роҳ надиҳед»[1]. Ин сухан, гарчанде ба назар одӣ намоянд ҳам, аммо, он фалсафаи амиқ дорад. Таҷрибаи педагогӣ нишон медиҳад, ки бепарвоиву фориғболӣ сарчашмаи бадбахтиҳост.

Ҳаёт ва фаъолияти илмиву педагогии академик Мулло Эркаев исботи он хулоса аст, ки агар инсон то ин дараҷа заҳматталабу дили пур аз меҳр ба нисбати ҳамкорону шогирдон дошта бошад, вай, барҳақ бузург аст.

Академик М. Эркаев дар баланд бардоштани сифати таълиму тарбия омилҳои зиёдеро зикр намудаанд. Агарчи раванди дарсро муҳим ҳисобида бошад ҳам, ба роҳ мондани корҳои беруназсинфиро натиҷабахш ва зарурӣ меҳисобид. Зеро бе ҳамбастагии раванди дарс ва корҳои беруназсинфию роҳҳои ҳавасмандгардонӣ, омода намудани мутахассиси касбӣ ғайриимкон аст.

М. Эркаев омода намудани синфхонаҳои фанниро муҷаҳҳаз бо лавозимоти зарурии таълимӣ муҳим шуморида, дар вақти фаъолияти кориаш ба ҳайси мудири кафедраи таърихи ҲКИШ дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин ду синфхонаи фаннии марксизм–ленинизмро пурра бо аёниятҳо ва маводи фаннӣ омода намуда буд. Дар синфхонаи марксизм–ленинизим маводи зарурии таърихи ҲКИШ ва қарорҳои съезди XIX ҳизбӣ, асарҳои таърихии марксистӣ–ленинӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо ва дигар аёниятҳоро ҷойгир намуда буданд[2].

Омили дигаре, ки Мулло Эркаев дар ба баланд гардидани таълиму тарбияи донишҷӯён таъсиргузор ҳисобидааст, ба роҳ мондани корҳои мустақилонаи эҷодӣ, мунтазам зиёд кардани донишҳоро низ яке аз роҳҳои дигари зиёд намудани сатҳи ҷаҳонбинии илмӣ ва тафаккури илмии донишҷӯён ҳисобидаанд[3].

---

[1] Мусоҳибаи Р. Давлатшоев бо дотсент Ғ. Роҳатов. – Душанбе, 2021. – 23 сентябр.
[2] Иркаев, М. За овладение марксизмом– ленинизмом / М. Иркаев // Ленинабадская правда. – Ленинабад, 1953. – 25 июля. – Ст.3.
[3] Эркаев, М. Тарбияи меҳнатии студентон – омили муҳимми ташаккули шахсит / М. Эркаев // Коммунисти Тоҷикистон. – Душанбе, 1984. – 12 декабр. – С.75.

М. Эркаев гузаронидани олимпиадаҳоро дар ташаккули сифати таълиму тарбияи шогирдон муҳим шуморидааст. Дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, ки олимпиада ва мусобиқаи гурӯҳӣ таҳти шиори «Гурӯҳи студентон–отряди фаъоли панҷсола» ҳамасола гузаронида мешуд, М. Эркаев ба онҳо чунин, баҳо додаанд: «Аълочиёни хониш, беҳтарин донишҷӯён аз бисёр ҷиҳат дар коллективҳои студентӣ, муҳити солими психологиро ташаккул дода, муҳити эҷодкорӣ, шавқу рағбат, меҳнатдӯстиро ба вуҷуд меоранд ва рафиқони худро ба ҷустуҷӯ, пешравии мунтазам водор менамоянд»[1]. Воқеан ҳам, ин омиле аст, ки фазои солими илмӣ, рақобати илмию зеҳнӣ, дустӣ ва зиёд намудани ҷаҳонбинии донишҷӯёнро ба вуҷуд меорад. Хушбахтона, ин омил дар замони соҳибистиқлолӣ боз ҳам рушд намуда, то ба сатҳи минтақавӣ ва умумиҷаҳонӣ расидааст. Тавассути гузаронидани олимпиадаҳо ва мусобиқаҳои илмӣ беҳтарин мутахассисон муайян мегарданд ва дар ҷомеа ҷойгоҳи хосеро соҳиб мегарданд, ки ин омил таъсири худро дар байни донишҷӯён, махсусан, ҷавонон зиёд намуда муҳаббат ба илму дониш боз ҳам бештар мегардад.

Роҳҳои ҳавасмандгардонии донишҷӯён омили муҳимми зиёд гардонидани шавқу рағбати донишҷӯён ба омӯзиш ба ҳисоб меравад. Дар замони мавҷудияти Ҳокимияти Шуравӣ, Вазорати маълумоти олӣ ва миёнаи махсуси ИҶШС нишони сарисинагии «Барои хониши аъло»–ро тасдиқ намуда буд. Доир ба ин масъала Мулло Эркаев чунин андешаҳоро баён намудааст: «Бо ин нишон мукофотонидани донишҷӯёне, ки дар таҳсил, кори таҳқиқоти илмӣ ва ҷамъиятӣ муваффақият ба даст овардаанд, ба афзудани нуфуз ва аҳаммияти ҷамъиятии таҳсили зарбдорона мусоидат менамояд»[2].

---

[1] Эркаев, М. Тарбияи меҳнатии студентон – омили муҳимми ташаккули шахсит / М. Эркаев // Коммунисти Тоҷикистон. – Душанбе, 1984. – 12 декабр. – С.74.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 74.

Инчунин, дар замони фаъолияти М. Эркаев ба донишҷӯёни аълохон ва фаъол додани кумакпулиҳо ба номи ходимони барҷастаи ҳизбӣ ва давлатӣ, олимони номдор ба роҳ монда шуда буд, ки дар ҳаёти ҳар як донишҷӯ нақши фаромӯшнашаванда мегузоштанд. Ғайр аз ин, ҳар сол бисёр донишҷӯёни пешқадам бо ифтихорномаҳои фахрии донишгоҳ, ҳизбию давлатӣ мукофотонида мешуданд, ки ин аҳаммияти калони тарбиявӣ дошт. Дар ин хусус, М. Эркаев чунин қайд намудаанд: «Додани стипендия, граммота ва ифтихорномаҳои фахрӣ, дар навбати худ, донишҷӯёнро барои меҳнати ҷиддӣ ва суботкорона руҳбаланд намуда, масъулияти онҳоро барои ҳамаҷониба тайёр шудан ба кори мустақилона баланд мебарад»[1].

Ҳамин тавр, М. Эркаев шаст соли ҳаёти пурбаракати хешро дар роҳи таълиму тарбия ва баркамол расонидани даҳҳо ҳазор шогирдон сипарӣ намудаасту доир ба касбӣ омӯзгорӣ – таълиму тарбия назарияҳои худро дар асару мақолаҳояш рӯйи чоп овардааст. Бешак, роҳу усулҳои таълимию тарбиявӣ, андешаҳову назари академик Мулло Эркаев доир ба омилҳои асосии ташаккули шахсияти донишҷӯён мактаби бузурги педагогиеро ба худ касб мекунад. Аз мактаби илмии чунин устодони мактабдору шинохта, ба монанди, М. Эркаев сабақ гирифтану амал намудан барои ҳар як омӯзгори ҷавон зарур хоҳад буд. Зеро мактаби чунин устодони арзандаи халқамон дар тарбияи худшиносиву худогоҳӣ, ифтихори миллию ватандӯстӣ ва арҷ гузоштан ба муқаддасоти миллӣ дар тафаккур ва ташаккули зеҳнияти ҳар як ҷавон нақши арзандае хоҳад гузошт.

Саҳми назаррас ва хосаи академик М. Эркаев дар ин роҳ чунин аст, ки соли 1987 дар зодгоҳи худ деҳаи Сайроби ноҳияи Бойсуни ҶШС Узбекистон кушодани китобхона ва таъмин намудани он бо китобҳои таълифнамудаи худу дигар таърихшиносони тоҷик мебошанд. Мулло Эркаев дар ин китобхона баробари кушода шуданаш 4,5 ҳазор китобҳои

---

[1] Эркаев, М. Тарбияи меҳнатии студентон – омили муҳимми ташаккули шахсит / М. Эркаев // Коммунисти Тоҷикистон. – Душанбе, 1984. – 12 декабр. – С.74.

гуногун, ки асосан бо забони тоҷикӣ таълиф шуда буданд, харида тақдим намудааст ва то охири ҳаёт ҳамасола аз 300 то 400 китоб ва маҷаллаҳои гуногуни илмии тоҷикиро ба ин китобхона мефиристод[1], ки тавассути ин китобхона на фақат тоҷикони деҳаи Сайроб, балки тамоми тоҷикони ноҳияи Бойсун, ки асосан аҳолии онро тоҷикон ташкил медоданд, аз таъриху фарҳанг ва гузаштаи пурғановати аҷдодони худ, мушкилотҳои ҷомеа ва дастовардҳои соҳаҳои гуногуни халқи тоҷик огоҳӣ пайдо менамоянд.

Ҳамин тавр, ҳаёт, фаъолияти илмиву назариявӣ ва амалии академик Мулло Эркаев оид ба касби омӯзгорӣ шаҳодат медиҳад, ки пешаи омӯзгорӣ муқаддасу бузург мебошанд, ки на ҳар кас аз ӯҳдаи ин касби пурифтихор баромада метавонад. Зеро ин касб аз ҳар як омӯзгор маҳорати баланди касбӣ, донишу хирад ва масъулияти бузургро дар назди халқ, волидайн ва дар назди виҷдони худ талаб менамояд.

Дар асоси маводҳои дар боло овардашуда, андешаҳои академик Мулло Эркаевро оид ба касби омӯзгорӣ чунин ҷамъбаст кардан мумкин аст:

- бо шогирдон ҳамчун ба инсон, бо шахсият эҳтиром гузоред;
- доимо дар такмил ва инкишофи дониш бошад;
- ба хонанда донишро ба тавре диҳед, ки онро қабул карда тавонад;
- мунтазам ба фаъолияти мустақилонаи хонанда такя намоед;
- таълиму тарбияро баробар ба роҳ монда, дар баъзе маврид тарбияро ба ҷойи аввал бароред;
- ба ҳунару малакаи илмиву эҷодии шогирдон эътибори ҷиддӣ диҳед;
- иштирокчии фаъоли шурои методии фаннӣ бошед.

[1] Библиография трудов М. Иркаева и текст беседы с Иркаевым за 1990 г. // БМДҶТ. Ф. 1915. Н. 1. Б. 917. В. 1.

Ҳамин тавр, аз таҳқиқи нақши академик М. Эркаев дар инкишофи таърих, назария ва амалияи касби омӯзгорӣ ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар ҳама ҷо омӯзгор на фақат намояндаи пешқадами зиёиён, илму дониш, маорифу маданият, ҳамчунин, дар корҳои тарбиявию ҷамъиятӣ, маҳалли зисти худ, дар байни волидайни шогирдон, ҳамкасбон ҳамеша сарбаланд буда, мубориза пешқадами замон, таблиғгари ғояҳои демократӣ, дӯстии халқҳо ва сулҳу оромӣ дар кишвари худ, амалӣ гардидани орзуҳои дурахшони миллат ва ғайраҳо буда, бояд доимо дар сафи пеши созандагиҳо бошанд.

Саҳми ин олими шинохта, ки ҳаёти худро дар роҳи таълиму тарбия ва инкишофи илми таърих сипарӣ намудааст, мактаби хосаи инсондӯстӣ, хушахлоқӣ, симои воқеии омӯзгорӣ, илмиву омӯзгорӣ, муҳаббат ба ватан ва худшиносии миллиро дар таълифоти анҷомдодаи худ ва хотироти ҳамкасбону шогирдон боқӣ гузоштааст, ки барои насли имрӯз ва оянда сабақи бузурге хоҳанд гардид.

## II.2. Саҳми академик Мулло Эркаев дар тайёр намудани кадрҳои илмиву педагогӣ

Таърих гувоҳ аст, ки рушду пешрафти ҷомеа ва давлат аз соҳаи маориф вобастагии зиёде дорад, зеро бе мутахассис ва кадрҳои баландихтисоси дорои донишу хирад ва тафаккури созанда ба ҳадафҳои олӣ ноил гардидан ғайриимкон аст. Имрӯз, хушбахтона, дар ҷомеаи мо қадру манзалати илму маориф дар зинаҳои таҳсилоти миёнаи ҳамагонӣ, миёна ва олии касбӣ дар маркази таваҷҷуҳи роҳбарияти давлату ҳукумат қарор гирифтааст ва дар ин самт як қатор қонунҳову қарорҳо ва стандарту консепсияҳое қабул гардидаанд, ки ба беҳтар гардидани сатҳи маълумоти олӣ – касбӣ нигаронида шудаанд. Аммо, дар ин роҳ, ки илму маорифи кишвар то имрӯз марҳилаи муайяни таърихиро аз сар гузаронидаанд, хизмати намояндагони барҷастаи илму маориф назаррас мебошанд ва

моро зарур аст, ки фаъолияти созандаву натиҷабори намояндагони барҷастаи хешро мадди назар накарда, ба қадру манзалати заҳматҳои онҳо расему ҷанбаҳои натиҷабори онҳоро дар фаъолияти касбии хеш намунаи ибрат қарор диҳем. Имрӯз, ки илму маориф, махсусан, муассисаҳои олии кишварамон ниёз ба мутахассисони дорои дараҷаи баланди касбӣ ва илмӣ доранд, бори дигар фаъолияти устодону олимони барҷастаро, ки ҳаёту фаъолияти худро ба таълиму тарбия ва омода намудани мутахассисони дорои дараҷаҳои баланди илмӣ сипарӣ намудаанд, ба тафсил мавриди таҳқиқ қарор дода, роҳу усулҳои хосаи он олимон, алалхусус Б. Ғафуров, З.Ш. Раҷабов, С. Раҷабов, Б. Искандаров, М. Эркаев, Р. Масов, Р.А. Набиева, А. Мухторов, О. Маҷлисов, Р. Абулҳаев, Ҳ. Пирумшоев ва дигаронро намунаи ибрат қарор бояд дод.

Махсусан, саҳми академик Мулло Эркаевро, ки дар роҳи омоданамоии мутахассисони касбӣ хизмати шоистаеро ба анҷом расонидааст, мавриди таҳқиқу пажӯҳиш қарор додаем. М. Эркаев дар интихоб ва тайёр кардани кадрҳои ҷавони илмӣ талоши зиёде ба харҷ додааст.

Яке аз вазифаҳои мактаби олӣ – донишҷӯёнро ба малакаҳои кори илмӣ – таҳқиқотӣ, омӯзиши мустақилонаи дарёфти ахбори илмӣ шинос намудан ба шумор меравад. Кори илмӣ – ин қисми таркибии ҷараёни таълиму тарбия дар донишгоҳ буда, аз омӯзгорон ҷидду ҷаҳд, фаъолияти мунтазам ва мушаххасро талаб мекунад.

М. Эркаев оид ба мақоми кори илмӣ дар раванди таълим дар мактаби олӣ чунин гуфтаанд: «Олим, таҳқиқотчӣ – касби худодод нест. Донишҷӯ аз рӯзҳои нахустини донишомӯзӣ бояд мунтазам аз болои донишу маҳорат кор бурда, кӯшиш кунад, ки ба фаъолияти илмӣ – таҳқиқотӣ (дар машғулиятҳо – семинарҳо, иҷрои корҳои хаттӣ – навиштани реферату маърузаҳо, кори курсию рисолаи дипломӣ) ҷиддан шуғл варзад, ба нозукиҳои ин кор шинос шуда, тавре таълиму тарбия

гирад, ки дар оянда мутахассиси баландихтисоси соҳаи илми таърих шуда ба халқу ватан хизмат кунад»[1].

Ба мо маълум аст, ки омӯзгор душвортарин рисолатро бар дӯш дорад. Меҳнати ӯ пурмашаққат буда, донишу маҳорат, иродаи қавӣ, масъулияти бузургро талаб мекунад. Ногуфта намонад, ки вазъи моддии олим – омӯзгор дар кишвари мо он қадар ҳам хуб нест. Кам донишҷӯён вомехӯранд, ки оянда орзуи олими соҳаи таърих шуданро дошта бошанд (дар давраи кунунӣ низ ин ҳолат дида мешавад).

Албатта, ин касби боифтихор бисёр душвор аст. На ҳар як хатмкунандаи мактаби олӣ истеъдоди олим шуданро дорад. Солҳои зиёд мегузарад, то олими ҷавон бо меҳнати пурмашаққат ба мақсади дар пеш гузоштааш, миёни шогирдону ҳамкорон ҷойгоҳи шоиста пайдо намояд. «Таҷриба нишон медиҳад, ки баъзеҳо душвориҳои кори илмиро дарк накарда, бо ҳавою ҳавас ба ин кор даст мезананд ва дере нагузашта маълум мешавад, ки онҳо аз уҳдаи кори таҳқиқотӣ набаромада, дар зиндагӣ роҳҳои осон ба даст овардани маблағу боигариро интихоб менамоянд»[2].

Бо назардошти хусусиятҳои душвори кори илмӣ - таҳқиқотӣ, М. Эркаев, пеш аз ҳама, кӯшиш мекарданд, ки аз курсҳои 1 – 2 шавқи шогирдонро ба кори илмӣ бо роҳи ба онҳо тавсия намудани қиссаҳои ҳуҷҷатӣ ё ҳикояҳои бадеӣ дар бораи ҳаёт ва фаъолияти олимони соҳаҳои гуногуни илми таърих бедор намоянд. М. Эркаев ба омӯзгорони ҷавон маслиҳатҳо додаанд, ки: «... омӯзгор бояд оид ба кори илмии худаш ба шогирдон маълумот дода, бо асарҳои илмиаш онҳоро шинос намояд. Ин кор мактаби хуби илмӣ буда, шавқу ҳаваси донишҷӯёнро оид ба кори илмӣ – таҳқиқотӣ мустаҳкам менамояд. Гузаронидани семинарҳои амалӣ,

---

[1] Мунавварова, Т.З. Труженик просвещения и науки / Т.З. Мунавварова // Народная газета. – Душанбе, 2020. – 20 мая. – №21. – С. 7.

[2] Мусоҳибаи Р. Давлатшоев бо профессор Р. Абулҳаев. – Душанбе, 2023. – 14 феврал.

конференсияҳои илмӣ бахшида ба кори эҷодии устодони собиқ ва кунунии донишгоҳ моҳияти калони таълимиву тарбиявӣ дорад»[1].

Яке аз хизматҳои наҷиби М. Эркаев, ки дар рушди илми таърихшиносии кишвар анҷом додааст, он мебошад, ки тавассути роҳбарӣ ва роҳнамоии худ мутахассисони баландихтисоси соҳаи таърих ва ё худ муҳаққиқони ҷавонро омода намуда, ба арсаи илм ворид намудааст. Академик М. Эркаев, ки худ аз домани деҳот баромадаву бо заҳмат ва мушкилиҳои зиёд дониш аз худ намудаву соҳибкасб гардида буданд, дар муносибат бо тамоми шогирдон ва дар интихоби шогирдоне, ки роҳи илмро ихтиёр намудаанд, муносибати хоксорона, одилона, оқилона ва хуллас, беҳтарин сифатҳои омӯзгорӣ ва инсондӯстиро аз худ нишон додааст. М. Эркаев дар интихоби шогирд на ба мавқеи шахсии шогирдон, балки танҳо ба дониш ва лаёқати шогирдон ва ҷавонони соҳибилм таваҷҷуҳ зоҳир намуда, баҳри равнақ ва рушди ҳаёти илмии интихобнамудаи онҳо тамоми тавсияҳои илмии хешро дареғ надоштааст. Чуноне ки профессор Ҳ. Пирумшоев қайд намудааст: «Академик Мулло Эркаев бар хилофи он олимоне, ки шогирдонро аз рӯйи мансабу мартабаи волидайнашон интихоб мекарданд, бештар ба он ҷавонони лаёқатманде, ки бо тақозои қисмат аз меҳрубониҳои падару модар маҳрумшудаву дар хонаи бачагон таълиму тарбия гирифта буданд, таваҷҷуҳ дошт. Ба шогирдон чун бо фарзанд муносибат доштанд»[2].

Мулло Эркаев ба тамоми он касоне, ки роҳи илмро интихоб менамуданд ва вориди мактабии илмии ӯ гардида буданд, аз ибтидо дар интихоби мавзӯи таҳқиқотӣ, роҳу усулҳои таҳқиқот, тарзи истифодаи сарчашмаҳои зарурӣ ва ҳама он чизе, ки дар навиштани рисолаи илмӣ барои ҳар як муҳаққиқ асоси кори илмӣ шуда метавонад, маслиҳату тавсияҳои муфид ва зарурирро аз рӯйи дониш ва таҷрибаи то ба зинаи

---

[1] Сафаров, П. Шасти камолот / П. Сафаров, Қ. Бобоев // Маориф ва маданият. – Душанбе,1970. – 12 май. – С. 2.

[2] Пирумшоев, Ҳ. Ҷовидон дар ёдҳо / Ҳ. Пирумшоев. Нашри дувум. – Душанбе, 2020. – С. 156.

баланд – академикӣ, ки дар натиҷаи омӯзиши мутассил, анҷом додани таҳқиқотҳои барҷаста, дар роҳи илм аз худ намуда буд, додааст.

М. Эркаев, ки худ душвориҳои кори илмиро ба хубӣ дарк намуда буданд, дар интихоби шогирдон шитоб намекарданд. «Қабл аз он, ки ба ягон аспирант ва ё унвонҷӯ роҳбариро ба уҳда гирад, аввало бо ӯ суҳбат мекард, фикру андеша, қобилияту хоҳишашро нисбат ба таҳқиқоти ин ва ё он масъалаи то ҳол таҳқиқнашуда, дониста баъд ӯро ба шогирди қабул менамуданд»[1].

Дуруст мегӯянд, ки: «бузургии устодро аз симои шогирдонаш қиёс намо». Имрӯз шогирдони М. Эркаев дар роҳи интихоб намудаи худ, ба зинаҳои баланди илмӣ расидаанду садрнишини илми таърихи ватаниandroidанд ва дар ин роҳ хизмати устоди худро бузург мешуморанд.

Чуноне ки профессор М.Ҳ. Маликов, ки бевосита аз мактаби илмиву педагогии М. Эркаев гузаштааст, қайд намуданд, ки: «Ман ятими бекасу танҳо будам, меҳри падариро аввалин маротиба дар муносибати академик Мулло Эркаев эҳсос намудам. Бекасиамро вақте ӯ фаҳмид, ба ман падарвор муносибат намуда, то ба дараҷаи олим шудану эътибори ҷамъиятӣ пайдо карданам расониданд»[2].

М. Эркаев қариб ба тамоми муаррихони насли нисбатан калону миёнаи ҷумҳурӣ ҳаққи устодӣ дорад. Бавосита ва ё бевосита ҳар касе, ки ба таърих сару кор дошт, аз кумаку маслиҳатҳои олим борҳо бархурдор гаштааст. Мулло Эркаев дар давоми 25 соли фаъолияти кориаш дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин, новобаста аз сарвари кафедра буданашу таҳқиқотҳои илмии зиёдеро анҷом доданаш, роҳбари корҳои илмии 32 нафарро низ ба ӯҳда доштаст, ки то соли 1974 аз ин шумора 25 нафар рисолаҳои илмии худро ба анҷом расонида, сазоворӣ унвонҳои дараҷаи илмии номзадӣ ва докторӣ гардиданду 7 нафари дигар

[1] Мусоҳибаи Р. Давлатшоев бо профессор Р. Абулҳаев. –Душанбе, 2023. – 14 феврал.
[2]Мусоҳибаи Р. Давлатшоев бо профессор М.Ҳ. Маликов. – Душанбе, 2020. – 28 ноябр.

дар арафаи дифои рисолаи илмӣ қарор доштанд[1]. Баёни ин рақам дар сабт осон, вале дар андеша безург аст, зеро иҷрои масъулиятҳои вазифаи мудири кафедра, анҷоми таҳқиқотҳои фарохи илмӣ ва боз роҳнамоӣ, кумаку дастгирӣ, таҳлилу баррасӣ ва ғайраҳо, ки аз масъулияти вазнини ҳар як роҳбари кори илмӣ маҳсуб меёбад, бори дигар шахсияти барҷастаи илму маориф будани М. Эркаевро барои ҳар як омӯзгори мактаби олӣ намунаи ибрат қарор медиҳад.

Ҳар як устоди мактаби олӣ методи тайёр кардани шогирдони худро дорад ва усули дигареро намеписандад. Барои ворид кардани таҷрибаи пешқадами устодони давраҳои гузашта, таҷрибаи онҳоро омӯхтан зарур аст. Зеро пӯшида нест, ки дар донишгоҳҳо омӯзгороне, ҳастанд, ки 30 – 40 сол ва аз ин ҳам зиёд собиқаи корӣ доранд, лекин ягон шогирд тайёр накардаанд (яъне, бо номи худ роҳбари илмӣ набуданд) ва ин албатта, ба нафъи кор нест.

Агар таҷрибаи пешқадами омӯзгорӣ дар ҳар гуна замон омӯхта шавад, бояд ҳаҷму сифати дониш, маҳорату малакаи эҷодӣ – илмии шогирд асоси баҳои он бошад. Инчунин, мазмуну мундариҷаи мақолаҳои илмӣ, ахбороту маърузаҳои илмӣ ҷиддӣ аз назар гузаронида шаванд. Ҳеҷ як таҷрибаи пешқадам бе натиҷаҳои дилхоҳ боиси пайравӣ шуда наметавонад.

М. Эркаев фаъолияти худро аз соли 1975 то соли 1996 (то охири ҳаёт) дар Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе идома додааст[2], шогирдони зиёдеро дар вақти фаъолияташ дар ин маркази таълимӣ низ ба мартабаҳои баланди илмӣ расонидааст. Олимоне, ки аз мактаби илмии Мулло Эркаев дар давоми фаъолияти кориаш дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ва Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон гузаштаанд, наздики

---

[1] Иркаев, М. След на земле / М. Иркаев // Вечерний Душанбе. – Душанбе, 1972. – 1 июл. – С.3.

[2] Приказ №128 по личному составу Таджикского государственного педагогического института им. К. Джураева за 1975 г. // БДДОТ ба номи С. Айнӣ. – С. 2; Сӯгворӣ / Садои мардум. – №96. – Душанбе, 1996. – 25 декабр. – С. 4.

60 нафарро ташкил медиҳанд, аз ҷумла: Х. Бобоева, Н. Ғафурова, В.М. Ионова, А. Ҳайитов, А. Додоҷонов, Р. Болтаев, Ф.Н. Иванов, Т. Қодиров, И. Қосимов, Ш. Охунов, М.Ҳ. Маликов, А. Қувватов, С. Турсунов, К. Мавлонов, М. Раҳмонов, А. Рибак, У. Раимқулов, М. Саъдиев, П. Сафаров, Р. Ҷумъаев, Э. Гулистонова, С. Каримов, Т. Воҳидов, Т. Юсуфов, К. Иброҳимов, Т.З. Мунавварова, М. Попова, Р. Усмонов, А. Фузайлов, М. Фалилиеев, С. Тошхӯҷаев, Т. Тоҳиров, А. Яқубов ва дигарон ба пояҳои баланди илмӣ расида, ба дараҷаи номзадию докторӣ соҳиб гаштаанд[1] ва имрӯз нақши ин олимон дар баланд бардоштани таълиму тарбия ва таҳқиқу пажӯҳишҳои илмии таъриху фарҳанги халқи тоҷик хеле назаррас мебошанд. Шогирдони академик Мулло Эркаев мавзуҳои зерини таърихи халқи тоҷик, минтақавӣ ва умумииттифоқиро зери таҳқиқоти илмии худ қарор додаанд ва дар рушди илми таърихшиносии халқи тоҷик ва иттифоқӣ саҳми назаррас гузоштаанд. Аз ҷумла:

А. Ҳайитов бо кумаку тавсияҳои илмии академик М. Эркаев мавзӯи таҳқиқотии рисолаи номзадии худро оид ба масъалаи «Муборизаи ҳизб барои – ғалабаи инқилоби Октябр»[2] интихоб намудааст. Дар асоси сарчашмаву адабиёти лозима таҳқиқоти илмии худро дар муҳлати муайянгардида ба анҷом расонида, нақши ҳизби коммунистиро, ки нерӯйи зеҳнии синфи коргару деҳқонро ташкили медод, дар рафти муборизаҳои инқилобии сотсиалистӣ возеҳ нишон додааст.

А. Ҳайитов фаъолияти илмии худро боз ҳам вусъат бахшида, бо роҳбарии академик М. Эркаев рисолаи доктории худро дар мавзӯи «Фаъолияти Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон барои инкишофи ҳаракати

---

[1] Иркаев, М. След на земле / М. Иркаев // Вечерний Душанбе. – Душанбе, 1972. – 1 июл. – С.3.; Фузайлов, А. Мулло Иркаев (описание жизнедеятельности и библиография трудов ученого) / А. Фузайлов, Д. Кабутов. – Душанбе: Ирфон, 1990. – С.4.; Пирумшоев, Ҳ. Ҷовидон дар ёдҳо / Ҳ. Пирумшоев. Нашри дувум. – Душанбе, 2020. – С. 156.; Қобилов, А. Олим, педагог, ҷамоатчӣ / А. Қобилов, А. Солиев // Ҳақиқати Ленинобод. – №97. – Ленинобод, 1970. – 19 июн. – С. 3.

[2] Хаитов, А. Борьба партии за победу Октябрьской революции: дисс… канд. ист. наук / А. Хаитов. – Сталинабад, 1960. – 210 с.

меҳнати коммунистӣ дар саноат»[1] муайян намуда, дар асоси сарчашмаю адабиёт ва маводи зарурӣ, фаъолияти Ҳизби Коммунистии Тоҷикистонро, ки нерӯйи созанда ҷомеа буд, дар пешрафти истеҳсолот нишон дода, таҳқиқоти доктории худро соли 1979 бо муваффақият ба анҷом расонида, дифоъ намудаанд.

Ф.Н. Иванов бо роҳбарии М. Эркаев дар мавзӯи «Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон дар мубориза баҳри омодагӣ ва тарбияи мутахассисони колхозӣ дар солҳои 1953-1963»[2], ки яке аз мавзуҳои муҳим ва таҳқиқнагардида дар таърихнигории халқи тоҷик буд, интихоб намуданд. Дар асоси маводи зарурӣ ба ҳадафи таҳқиқотии худ ноил гардида, соли 1963 диссертатсияи илмии худро барои дарёфти дараҷаи номзадӣ дифоъ намудааст. М. Эркаев пас аз ин муваффақият, лаёқату истеъдоди ин олими ҷавонро ба инобат гирифта, ӯро барои идомаи таҳқиқоти илмӣ ҷиҳати дарёфти дараҷаи докторӣ тавсия намуданд.

Ф.Н. Иванов бо ҷиддияту серталабӣ ва роҳбарии М. Эркаев диссертатсияи доктории худро дар мавзӯи «Фаъолияти Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон оиди мустаҳкам намудани фаъолияти ташкилӣ – хоҷагидории колхозҳо (1946-1965)»[3] интихоб намуда, саҳми ҳизби коммунистии Тоҷикистонро дар пешрафти хоҷагии халқ ва беҳтар гардидани вазъи иҷтимоию иқтисодии кишвар нишон додааст. Ниҳоят диссертатсияи доктории худро соли 1976 ҳимоя намуда, дараҷаи илмии доктори илмҳои таърихро соҳиб гардидааст.

М.С. Саъдиев доир ба вазъи азнавсозии пеш аз ҷангии ҷумҳурӣ бо унвони «Азнавсозиҳои сотсиалистии ҷумҳурӣ дар солҳои панҷсолаи

---

[1] Хаитов, А. Деятельность Коммунистической партии Таджикистана по развитию движения за коммунистический труд в промышлености (1958-1965): дисс… док. ист. наук / А. Хаитов. –Душанбе, 1969. – 353 с.

[2] Иванов, Ф.Н. Компартия Таджикистана в борьбе за подготовку и воспитание колхозных кадров в 1953-1963 г.: дисс… канд. ист. наук / Ф.Н. Иванов. – Душанбе, 1963. – 285 с.

[3] Иванов, Ф.Н. Деятельность компартии Таджикистана по организационно – хозяйственному укреплению колхозов (1946-1965): дисс… док. ист. наук / Ф.Н. Иванов. – Душанбе, 1976. – 378 с.

пешазҷангии Сталинӣ»[1] рисолаи илмии худро зери роҳбарии М. Эркаев интихоб намуда, дар асоси сарчашмаҳо, адабиёт, маводи матбуоти давраи натиҷаи нақшаҳои панҷсолаи қабулнамудаи роҳбари ИҶШС И.В. Сталинро дар дигаргунсозии вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ мавриди таҳқиқоти илмии худ қарор дода, ба ҳадафҳои илмии худ ноил гардидааст.

М.Ҳ. Маликов бо роҳбарии академик М. Эркаев рисолаи таҳқиқотии худро дар мавзӯи «Фаъолияти Ҳизби Коммунистӣ барои таъмини деҳот бо нерӯйи барқ (солҳои 1955-1965)»[2] соли 1970 интихоб намудааст. Дар асоси сарчашмаҳо, адабиёт ва маводи лозима дар муҳлати муайянгардида ба мақсади таҳқиқотии худ ноил гардида, соли 1973 диссертатсияи илмиро дифоъ намудаанд.

П. Сафаров дар мавзӯи «Ғамхории ҳизб оиди зиёд намудани боигарии колхозҳо – омили асосии афзун намудани некуаҳволии деҳқонон»[3] бо роҳбарии М. Эркаев рисолаи номзадии худро ба анҷом расонида, нақши ҳизби коммунистиро дар пешрафти вазъи иқтисоди иҷтимоӣ нишон додааст.

С. Тошхуҷаев зери роҳбарии М. Эркаев рисолаи худро дар мавзӯи «Аз таърихи ташкилоти ҳизбии вилояти худмухтори Бадахшони Кӯҳӣ»[4] интихоб намуда, дар муҳлати муайянгардида ба ҳадафҳои таҳқиқотии худ ноил гардидааст.

---

[1] Саъдиев, М.С. Социалистическое преобразование республики в годы предвоенных Сталинских пятилеток: дисс… канд. ист. наук / М.С. Саъдиев. – Душанбе, 1969. - 176 с.
[2] Маликов, М.Х. Деятельность Компартии Таджикистана по электрификации кишлаков (1955-1965 гг.): дисс… канд. ист. наук / М.Х. Маликов. – Душанбе, 1973. - 154 с
[3] Сафаров, П. Забота партии об увелечении общественного богатства колхозов– главное условие повышения материального балагосостояния крестьянства: дисс… канд. ист. наук / П. Сафаров. – Сталинобод, 1973. – 168 с.
[4] Тошхуҷаев, С. «Из истории партийной организации Горно – Бадахшанской автономной области: дисс… канд. ист. наук / С. Тошхуҷаев. – Душанбе, 1965.

М.С. Қосимов таҳқиқоти илмии худро дар мавзӯи «Шуроҳои шаҳрии вакилони меҳнаткашони Тоҷикистон дар марҳилаи ҳозира»[1] зери роҳбарӣ ва тавсияҳои илмии академик М. Эркаев оғоз намуда, нақши намояндагони мардумиро, ки дар шуроҳои шаҳрӣ фаъолият менамуданд, дар пешрафти ҷомеа нишон дода, рисолаи номзадии худро бо муваффақият ҳимоя намудаанд.

Т.З. Мунавварова соли 1976 ба аспирантураи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин дохил шуда, бо роҳбарии академик Мулло Эркаев рисолаи таҳқиқотии худро дар мавзӯи «Тайёрии педагогии донишҷӯёни факултетҳои таърих барои фаъолияти омӯзгорӣ»[2], интихоб намуданд. Тавассути пажӯҳиши илмии худ, роҳу усулҳои омоданамоии мутахассисони касбии соҳаи илми таърихро дар факултетҳои таърихи мактабҳои олӣ нишон дода, таҳқиқоти илмии худро ба анҷом расониданд.

Дотсент Т.З. Мунавварова дар самти таҳқиқоти илмии анҷомдодааш, саҳми академик М. Эркаев муҳим мешуморанд. Қайд менамояд, ки: «Бо маслиҳати профессор Ф.Б. Зикриёев ба назди профессор М. Эркаев омада, аз ӯ хоҳиш намудам, ки заҳмати роҳбари илмиамро ба уҳда гиранд. Аввал нобоварона ба ман назар намуда, гуфт, ки дар айни замон ӯ танҳо барои дифои рисолаи докторӣ роҳбарӣ менамояд. Аммо, баъд аз пурсу пос оид ба тарҷумаи ҳол, оила ва кору бор шояд раҳм карда розигии худро барои роҳбарии кори илмӣ дода, ӯ ваъда дод, ки баъд аз як сол бояд унвони номзадиро гирифта, баъд дар бораи рисолаи докторӣ фикру андеша намоем»[3].

Ҳамин тавр, Т.З. Мунавварова соли 1981 бо муваффақият диссертатсияи худро дифоъ намуда[4], сазовори дараҷаи номзадӣ

---

[1] Косимов, М.С. Городские советы депутатов трудящихсия Таджикистана на современном этапе: дисс… канд. ист. наук / М.С. Косимов. – Сталинабад, 1961.
[2] Мунавварова, Т.З. Педагогическая подготовка студентов исторических факультетов к учительской работе [электронный ресурс] // https://search.rsl.ru/ru/rekord/01008936258 / (дата обращения: 12.09.2020).
[3] Мусоҳибаи Р. Давлатшоев бо дотсент Т.З. Мунавварова. – Душанбе, 2019. – 20 декабр.
[4] Бонуи равшангари таърих. – Душанбе, 2021. – С. 143.

гардидааст. «Ман танҳо бо ёрӣ, сиёсати қавӣ, талаботи сахт, обрӯю эътибори академики Академияи илмҳои педагогии ИҶШС, доктори илмҳои таърих, профессор М. Эркаев рисолаи илмиамро бо муваффақият дар муҳлати кӯтоҳ дифоъ намуда, гӯё санги гарон аз китфам афтод. Ҳамаи ин ҷавоби муносибест ба дилсӯзии устодам, сабаққҳои ӯ ва заҳматҳои бедареғаш дар ин ҷода буд, ки комёб гардидам»[1].

Шогирди дигари академик М. Эркаев, А. Мавлонов рисолаи илмии худро бо тавсияи ин муҳаққиқи шинохта дар мавзӯи «Фаъолияти оммавӣ – ташкилии Шуроҳои деҳот»[2], интихоб намуда, бо кумаку дастгирӣ ва тавсияҳои илмии М. Эркаев пажӯҳиши илмии худро дар самти муайян намудани кори ташкилотчигӣ – оммавии шурои деҳотро, дар пешрафти вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ҶШС Тоҷикистон ба анҷом расонида, дараҷаи номзади илмҳои таърихро сазовор гардидаанд.

Таҳқиқотҳои илмие, ки бевосита зери роҳбарии академик Мулло Эркаев баҳри дарёфти дараҷаи илмии номзадӣ ва докторӣ ба анҷом расидаанд, воқеан ҳам дар мавзуҳои зарурии таҳқиқнашуда дар таърихи халқи тоҷик ва мубрами он давра маҳсуб мeёбанд. Ин таҳқиқотҳо доир ба таърихи Тоҷикистони шуравӣ, махсусан, вазъи сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ, илмиву фарҳангии халқи тоҷикро дар бар мегиранд, ки қимати бузурги илмиро доро мебошанд ва имрӯз ин таҳқиқотҳои анҷомдодаи шогирдони академик Мулло Эркаев бозгӯикунандаи марҳилаи муайяни таърихии халқи тоҷик (давраи шуравӣ) ва мушкилоти зиёди илмиву педагогӣ мебошанд.

Аз мусоҳиба бо он шахсиятҳое, ки бевосита аз мактаби илмии академик М. Эркаев гузаштаанд бармеояд, ки ӯ нисбат ба худ ва шогирдонаш ниҳоят серталаб буда, мактаби хосаи илмию тайёр кардани

---

[1] Мунавварова, Т.З. Педагогическая подготовка студентов исторических факультетов к учительской работе [электронный ресурс] // https://search.rsl.ru/ru/rekord/01008936258 / (дата обращения: 12.09.2020).

[2] Мавлонов, А. Организационно – массовая работа кишлачных Советов / А. Мавлонов. – Душанбе, 1963.

кадрҳои баландихтисосро доштааст: «М. Эркаев ба ҷойи шогирд ба бойгониҳою китобхона намерафт, як ҳарф ҳам ба ҷойи вай наменавишт, аммо, сар карда аз номи мавзуъ, нақшаи кор, рӯйхати сарчашмаҳою адабиёт то лаҳзаи пурра навиштани рисола доимо бо шогирдон дар иртибот буда, роҳ нишон медод, маслиҳати муфид дода, мунтазам иҷрои ин ё он лаҳзаи таҳқиқотро назорат карда, талаб мекарданд, ки шогирд сари вақт супоришро иҷро кунад. Ҳар ҳафта (дар рӯзи навбатдориаш дар кафедра) ӯ интизори шогирд буда, талаб мекарданд, ки шогирд бо дасти холӣ ба наздаш набиёяд, яъне матни мақола ё маърузаи илмиаш ва дигар маводи илмии омоданамудаашро ба роҳбараш супорад. Устод талаб мекард, ки шогирд набояд пойбанди шуғли нолозим гардад ва худро саргарми корҳои ғайр сохта, аз омӯхтану фаро гирифтани маводи лозимӣ ғофил монад. Махсусан, дар мутолиаи маводи сарчашмавӣ шогирдон ба вожаву истилоҳҳои душвор агар во мехӯрданд, ки барояшон нофаҳмӣ эҷод мекард, устод барои кушода додани луғатҳои душвор, бо истифода аз луғатномаҳои мухталиф кумакҳои худро дареғ намедошт. Ӯ талаб мекард, ки донишҷӯён дафтари луғат дошта бошанд»[1].

М. Эркаев дарк менамуд, ки майлу рағбат ба ҷустуҷӯю китобхонӣ дар тафаккури шогирдон худ ба худ тавлид намеёбад, аз ин сабаб дар ин замина ӯ корҳои фаҳмондадиҳӣ ва шавқмандкуниро пайгирӣ намуда, дар қалби шогирдони хеш шуълаи муҳаббатро нисбат ба кори илмӣ фурӯзон мегардониданд.

Академик Мулло Эркаев кӯшиш менамуданд, ки ба ҷаҳони маънавии шогирдон ворид шуда, онҳоро ба китобхонӣ ҷалб намоянд ва дар навбати аввал таваҷҷуҳи онҳоро дар ҳар як мавзӯи таҳқиқотӣ ба истифодабарии сарчашмаҳои таърихӣ бедор намоянд.

«Мулло Эркаев шахсан масъулиятшиносро ҳурмат мекард ва дар иҷрои машғулияти роҳбари илмӣ худаш намуна буд. Агар ба шогирд ин ё

[1] Мусоҳибаи Р. Давлатшоев бо дотсент Т.З. Мунавварова. – Душанбе, 2021. – 19 август.

он вақт вохӯриро таъйин мекард, худаш ҳатман 10–15 дақиқа пеш омада интизор мешуданд. Баъзан бо сабаби узрнок омада наметавонист, ҳатман ба шогирд занг зада узр мепурсиданд»[1].

Пӯшида нест, ки дар донишгоҳҳо роҳбарон ҳастанд, ки матни рисолаи шогирдро гирифта моҳҳо, ҳатто дар давоми як сол ва аз он ҳам бештар нигоҳ дошта, шогирдро ба ташвиш андохта, муҳлати ба итмом расидани кори илмиро дароз намуда, ба ҷойи ёрии амалию серталабӣ, ӯро сарзаниш менамоянд.

«Академик М. Эркаев чунин рафторҳои аъзоёни кафедраро маҳкум намуда, худаш бар акси ҳол қисм ба қисм матни рисолаи шогирдро талаб карда, пас аз 2–3 рӯз ҳатман онро фаҳмонда дода, роҳи ислоҳи онҳоро нишон медоданд. М. Эркаев хоҳиш мекард, ки шогирд кӯр–кӯрона маводи лозимиро истифода набурда, фикру андешаҳои худ, хулосаҳои мустақилро ҷой дода, бештар ба таҳлили воқеаҳою ҳодисаҳо, муқоисаи маводи ҳархела, ки аз сарчашмаҳо ҷамъоварӣ шуданд, баёни мантиқан дуруст аз рӯйи пайдарҳамии хронологӣ ва ғайра қайдҳои кори илмиро аз назар дур накунанд»[2].

Аз ин ҷост, ки академик М. Эркаев ба сифати намояндаи илму маърифат дар ҳаёти ҷомеа тамоми нерӯйи ақлонии худро дар роҳи тақвият бахшидан ва қобилияти эҷодии шогирдон бо пухтакорӣ равона сохтааст. М. Эркаев ақидаи «илм омӯхтан дар ҷавонӣ– нақш дар санг гузоштан аст» ва амсоли ин гуна рамзҳоро ба шогирдон бо мисолҳои равшан ёдрас намудааст.

Асоситарин шарти дигаре, ки ба болоравии кори илмии шогирдон мусоиддаткунанда аст, ин ташкили дифои рисолаи илмӣ ва муҳити мувофиқ фароҳам овардан мебошад. М. Эркаев вазифаи роҳбарии илмии худро низ бо сарбаландӣ иҷро карда, шогирдро руҳан дастгирӣ намуда, дар ҳалли мушкилиҳои ба вуҷуд омада, шахсан иштирок намудааст.

---

[1] Мусоҳибаи Р. Давлатшоев бо дотсент Н. Ҳакимов. – Душанбе, 2020. – 15 сентябр.
[2] Мусоҳибаи Р. Давлатшоев бо муаллими калон З. Юсупов. – Душанбе, 2017. – 11 май.

Чуноне ки Т.З. Мунавварова қайд намуданд: «Як рӯз пеш аз дифои рисолаи илмиам маълум шуд, ки муқарризи расмӣ профессор М. Никандров (аз шаҳри Ленинград) бо сабаби узрнок омада наметавонад. Раиси шуро профессор И. Обидов қарор кард, ки аз рӯзномаи шуро дифои рисолаам гирифта шавад. Ин ҳолат барои шогирд «ба марг» баробар аст. Аммо, устод М. Эркаев ин муамморо зуд ҳал карда, дар дифои бо муваффақияти кори илмиам саҳми ҳалкунанда гузоштанд»[1].

Профессор М.Ҳ. Маликов доир ба кумаку дастгирӣ ва рафъи мушкилоти илмие, ки роҳбари илмиаш академик М. Эркаев нисбат ба ӯ намудааст, чунин ибрози андеша намуданд: «Кӯшиш менамудам ҳуҷҷатҳоямро ба аспирантураи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин супорам, аммо, муҳлати қабули ҳуҷҷат кайҳо гузашта буд. Ҳарчанд талош намудам, муваффақ нагардидам. Вақте ки академик М. Эркаев аз ин вазъият огоҳ гардид, манро ба назди ректори Донишгоҳ профессор С.А. Раҷабов бурда, аз ӯ хоҳиш намуд, ки дар ин самт мусоиддат намоянд. М. Эркаев шахсан соҳибэҳтиром буданд ва ҷавоби мусбӣ гирифтему роҳбарии кори таҳқиқотиамро худи устод ба уҳда гирифтанд»[2].

Кумаку дастгирӣ, тавсияву маслиҳатҳои илмии академик М. Эркаев на фақат ба шогирдон, балки ҳамкасбону ниёзмандон ва ҳама он касоне, ки дар рафти фаъолиятҳои илмиву касбиашон монеаҳое пеш меомад, ҳатман мусоидат намудаанд. Масалан, профессор Р. Абулҳаев дар ин хусус қайд намудаанд, ки: «Доир ба мавзӯи диссертатсионии ман ва Фозилпур аспиранти Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии АИ ҶТ баъзе нофаҳмиҳо ба миён омада буд. Мо ба назди М. Эркаев, ки бевосита мутахассиси масъалаи ҳадафи таҳқиқот қароргирифтаи мо буданд, рафтем. Вақте аз ин вазъият устоди арҷманд М. Эркаев огоҳ гардиданд, ба мавзуъҳои таҳқиқотӣ шинос шуда, хронологияро дар мавзуъҳои мо муайян

[1] Мусоҳибаи Р. Давлатшоев бо дотсент Т.З. Мунавварова. – Душанбе, 2021. – 10 феврал.
[2] Мусоҳибаи Р. Давлатшоев бо профессор М.Ҳ. Маликов. – Душанбе, 2020. – 28 ноябр.

намуданд ва баҳси ҳардуи мо ҳал гардид»[1]. Чунин ғамхориву дастгирии М. Эркаев нисбат ба шогирдон ва ҳамкасбон беинтиҳо сурат гирифтааст, ки то имрӯз дар хотири эшон нақш бастаанд. Дарҷ намудан зарур аст, ки академик М. Эркаев бевосита ва бавосита дар тайёр намудани мутахассисони варзидаи кишвар саҳми хосатан шоистае гузоштааст.

Ба қавли академик М. Эркаев, «хирад ва дониш–зинати шахс аст». Т.З. Мунавварова он саҳми ба қавли худаш «хоксоронае», ки дар илму фаъолияти илмиву омӯзгорӣ гузоштааст, дар қатори дигар устодон, хизмати академик М. Эркаев ниҳоят бузург меҳисобанд.

Ин суханон бори дигар гувоҳи возеҳи ҳамон хислатҳои наҷиб, масъулиятшиносии баланду ҷиддияту серталабӣ, ғамхорӣ ва инсондӯстии Мулло Эркаевро тақвият мебахшанд.

Академик М. Эркаев дар баробари бевосита анҷом додани фаъолияти роҳбари илмӣ, боз солҳои зиёд дар шуроҳои диссертатсионии чандин муассисаҳои олии кишвар, ҳамчун муқарризи расмӣ ва ғайрирасмӣ дар дифои рисолаҳои номзадию докторӣ баромад намуда, дар тайёр кардани мутахассисони баландихтисоси илмӣ саҳми худро гузоштаанд. Масалан, академик М. Эркаев соли 1970 дар ҳимояи диссертатсияи номзадии Р. Абулҳаев дар мавзӯи «Мустаҳкам шудани Ҳокимияти Шуравӣ дар ноҳияҳои болооби Зарафшон (1918-1923)»[2], ки худ мутахассиси ҷанги шаҳрвандии солҳои 20-ум буд, ҳамчун муқарризи аввал ба кори илмии анҷомёфта, баҳои муносиб додааст[3].

Тавсияву маслиҳатҳо ва ҷиддияту серталабии М. Эркаев дар раванди таълиму тарбия ва дар роҳи таҳқиқотҳои илмии шогирдону ҳамкасбонаш баробар ҷараён доштааст. Яке аз ҳамкасбони ҷавони М. Эркаев, М. Шарипов дар мақолаи хотиравии худ аз тавсияву роҳнамоии М. Эркаев ёд

---

[1] Абулҳаев, Р. Аз гузашти рӯзгор (Ёддоштҳо) / Р. Абулҳаев. – Душанбе: Эр-граф, 2020. – С. 132.
[2] Абулхаев, Р.А. Упрочение Советской власти в районах верховьев Зеравшана (1918-1923): дисс… док. ист. наук / Р.А. Абулхаев. – Душанбе, 1970. – 260 с.
[3] Мусоҳибаи Р. Давлатшоев бо профессор Р. Абулҳаев. –Душанбе, 2023. – 14 феврал.

намуда, чунин қайд намудаанд, ки: «М. Эркаев доимо ба мо таъкид мекарданд, ки баробари кори таълимӣ ба кори илмию таҳқиқотӣ машғул шавем, рисолаи номзадӣ нависем. «Дар мактаби олӣ кор кардан бе унвони илмӣ маъное надорад». Ҳатто баъзе лаҳзаҳо ҳазломез мегуфтанд, «Шумо коғаз» доред ё не? Надошта бошед, обурӯй надоред!». Ин ҷо устод унвону дараҷаи илмиро дар назар доштанд»[1].

Мавқеи ӯ дар ин самт буд, ки вақти иҷрои вазифаи мудири кафедраи таърихи ҲКИШ дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин шумораи устодони кафедраи таърихи ҲКИШ-ро аз 10 нафари соли 1953 то ба 34 нафар дар соли 1974 расонд. Аз ин шумора 27 нафарашон ба дараҷаҳои унвонҳои илмии номзадию докторӣ соҳиб гардида, таҳқиқотҳои зиёди илмиро ба анҷом расониданд ва дар роҳи илму маорифи кишвар саҳми назарраси худро гузоштанд[2]. Чуноне ки профессор Ҳ. Пирумшоев дар суҳбат қайд намуданд: «Дар зарфи 50 соли фаъолияти кории Мулло Эркаев дар муассисаҳои олӣ, ки аъзои ҳақиқии чандин шуроҳои илмӣ буданд, тамоми он мутахассисоне, ки дар ҷумҳурӣ дар роҳи илми таърихшиносӣ ва таърихнигорӣ таҳқиқотҳои илмӣ гузаронидаанд, бевосита ва ё бавосита аз кумаку дастгирӣ ва тавсияҳои илмии олим баҳравар гардидаанд»[3].

М. Эркаев фаъолияти омӯзгориро яке аз соҳаҳои муҳимми зиндагии худ ҳисобидаанд. Пайваста бо муҳаббати зиёд нисбат ба ин касби пуршарафу пурифтихори омӯзгорӣ ба шогирдон ҳарф зада, доимо ба ҷавонон муҳаббату садоқатмандӣ нисбат ба касб, ба ватан ва гузаштаи хешро меомӯзониданд. Зеро М. Эркаев худ ин муҳаббатҳо (муҳаббат ба ватан – Тоҷикистони азиз) – ро доро буданд. Муҳаббат ба ватан –

[1] Шарипов, М. Инсони комил ва поксиришт (хотирот) / М. Шарипов // Ахтарони илми таърих (Маводи конференсияи илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Саҳми академик Мулло Эркаев ва профессор Одил Маҷлисов дар рушди илми таърихи ватанӣ»). – Душанбе: Мулквар, 2021. – С. 149.
[2] Иркаев, М.И. Студент и общественные науки / М.И. Иркаев // Вечерний Душанбе. – Душанбе, 1975. – 6 марта.
[3] Мусоҳибаи Р. Давлатшоев бо профессор Ҳ. Пирумшоев. – Душанбе, 2018. – 20 декабр.

Тоҷикистони азиз. «Академик Мулло Эркаев ниҳоят Тоҷикистонро дӯст медоштанд ва ба он меҳри бепоён доштанд. Ҳалол хӯрдану, ёрӣ расонидан ба ниёзмандон шиори зиндагиашон буд. Яъне, бо ин метавон гуфт, ки шахси ватандӯсту худшинос буданд. Аз ин ҷиҳат, ба мо шогирдон доимо талқин менамуданд, ки миллатдӯсту ватандӯст шавем. Ҳеҷ гоҳ маҳалбоз набошем, зеро ин амали зишт буда, ба ягонагию ваҳдати милли тоҷикон зиён мерасонад»[1].

Профессор Ҳ. Пирумшоев дар ин хусус чунин овардаанд, ки «Академик Мулло Эркаевро борҳо ба таври расмӣ ба ҷумҳуриҳои ҳамсоя даъват карда вазифаю имтиёзҳои баланд ваъда карда буданд, вале ҳисси миллӣ, ифтихори тоҷик будан ҳамеша боло мегирифт»[2]. Дар вуҷуди поки М. Эркаев ҳисси миллию ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ–тоҷикӣ ниҳон гардида, тамоми шогирдонро дар ин роҳ бар камол мерасониду ба ояндаи неки Тоҷикистон бо чашми созандагиҳою рушду инкишоф менигарист. Зеро Мулло Эркаев мехост, ки таърихи ташаккули ғояҳои пешқадами сиёсӣ, фаъолияти қисматсози Ҳокимияти Шуравиро ҳаматарафа худ ва шогирдоне, ки ба таҳлилу таҳқиқот даст задаанд, таҳқиқу таҳлил намуда, қонуниятҳои ин равандро амиқтару возеҳтар кушоянд. Ин амалҳо, аз як тараф, ба омӯзиши ҳақиқати таърихии давраи инқилобӣ, заминаҳои сиёсию иқтисодии мустаҳкаму пойдор гардидани Ҳокимияти Шуравӣ, дастовардҳои бузурги нотакрори иқтисодию иҷтимоӣ ва илмию фарҳангӣ равона шуда бошад, аз тарафи дигар, ҳадафи амалии олим ташаккули ҷаҳонбинии мувофиқи идеявии насли наврас, тарбияи ватандӯстӣ, беҳтарин ғояҳои инсондӯстӣ, ифтихори миллӣ, хулоса, тарбияи шахсияти солиму мукаммали ба талаботи имрӯзу фардо мувофиқи давлату ҷомеа маҳсуб меёбанд. Олим медонист, ки дар ҳарду самт хизматаш заруру бебаҳост. Асарҳои навиштаи академик М. Эркаев ва шогирдонаш ҳеҷ вақт қимати илмиву тарбиявии худро гум нахоҳанд кард. М. Эркаев ин роҳу

---

[1] Ахтарони илми таърих. – С.150.
[2] Пирумшоев, Ҳ. Ҷовидон дар ёдҳо / Ҳ. Пирумшоев. – Душанбе, 2000. – С.112.

ҷаҳиши бузурги таърихиро дар асоси маводи муътамад мавриди таҳлил қарор дода, нашр намудаанд, мефахрид, ки бо ин таҳқиқотҳои анҷомдодаи худ ва шогирдонаш барои бо роҳи созандагӣ ва пеш бурдани ҷомеа кумаки ғоявӣ ва амалӣ мерасонанд.

Хуллас, методикаи ташкили кори илмӣ – таҳқиқотии донишҷӯёни таърихшинос аз диди академик Мулло Эркаев кори мунтазаму давомнок буда, аз омӯзгорони мактабҳои олӣ иштироки фаъолона дар корҳои инфиродӣ ва гузаронидани суҳбату машваратҳои гурӯҳию вохӯриҳо дар мавзуъҳои гуногуни илмӣ, шинос намудани шогирдони худ бо тарзу усулҳои ташкили кори илмӣ, методҳои таҳқиқотӣ, аппарати илмӣ – техникии кор ва ғайра тақозо менамоянд.

Академик М. Эркаев нақшаи фаъолияти роҳбари илмии донишҷӯёнро чунин тартиб дода, аз рӯйи он тамоми умр амал менамуданд:

- муайян кардани мавзӯи таҳқиқотӣ (аз рӯйи феҳристи мавзӯи кафедра ва тавсияи омӯзгорон);
- таҳлили пешакии маводи мавҷуда (монографияҳо, маводи чопшудаи конференсияҳои илмӣ, маводи матбуоти даврӣ ва ғайра);
- ба нақшагирии кори илмӣ;
- ифода намудани қонунҳо ва воқеаҳою ҳодисаҳои нав;
- ҷо ба ҷо гузоштани маводи ҷамъшуда (аз рӯйи тартиби хронологию мантиқӣ);
- таҳияи муқаддимаи кор (мубрам будани мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои кор, таҳлили сарчашмаҳои таҳқиқот, сохтори кор);
- хулосаю фикрҳои умумӣ;
- тартиб додани аппарати илмӣ – техникӣ;
- пешниҳоди рӯйхати сарчашмаю адабиёти истифодашуда[1].

Мактаби илмии академик Мулло Эркаев, инчунин, бо истифодабарӣ ва таҳияи ҳатмии ҳуҷҷатҳои таърихӣ фарқ дошта, аз шогирдон талаб

[1] Мусоҳибаи Р. Давлатшоев бо дотсент Т.З. Мунавварова. – Душанбе, 2021. – 15 март.

мекарданд, ки дар асоси маъхазҳои мавҷуда ҳодисаҳои гузашта барқарор, алоқамандӣ ва қонуниятҳои тараққиёти таърихӣ нишон дода шаванд. Шогирдон бо кумаки М. Эркаев ҳуҷҷатҳои таърихиро таҳлил намуда, бо моҳияти таърихи гузашта хубтар сарфаҳм рафта, аз кӯр – кӯрона рӯбардор кардани маводи китобҳои дарсӣ, монографияю китобу мақолаҳои илмӣ воқиф гардида, истифодаи усулҳои таҳлилӣ, муқоисавӣ ва интиқодиро дар раванди корҳои эҷодии худ истифода менамуданд.

«М. Эркаев таъкид мекарданд, ки сарчашмаи асосии донишҷӯён – ин хрестоматия мебошад, ки аз маҷмуи ҳуҷҷатҳои бо тартиби муайян овардашудаи соҳаи муайяни илмии таърих иборат аст. Инчунин, дар курсҳои болоӣ аз маҷмуи ҳуҷҷатҳою хотираҳои махсус истифода бурдан равост»[1].

Маълум аст, ки ҷустуҷӯю истифодабарии ҳуҷҷатҳои таърихӣ барои донишҷӯён мушкилиҳои зиёдеро ба миён меоварад. Ба омӯзгор дар ин бобат лозим меояд, ки ба шогирд ёрӣ расонад, номгӯи муҳим ва дастраси онҳоро интихоб намуда, ба донишҷӯён тавзеҳ бахшад.

Албатта, бо назардошти маҳдуд будани ҳаҷми рисолаи диссертатсионӣ мо имконият надорем, ки услубҳои гуногуни кори илмии М. Эркаевро дар ин ҷо номбар намоем. Муҳим он аст, ки ҳангоми истифодабарии ҳуҷҷатҳои таърихӣ дар кори илмӣ – таҳқиқотии шогирдон, шавқи хонандагон ба омӯхтани ҳуҷҷатҳои замонҳои гузаштаю ҳозира сол аз сол пурзӯр карда шавад. Дар ин самт академик М. Эркаев иброз намудаанд, ки: «... омӯзгор вазифадор аст, ки таърихи пайдоиши ин ё он ҳуҷҷатро ба шогирд нақл карда диҳад, доир ба муаллиф ва замоне ки он навишта шудааст, мухтасар маълумот диҳад. Дар курсҳои болои донишҷӯёнро бо намуди аслии баъзе аз асноди таърихӣ дар осорхонаҳо, бойгониҳо ва ғайра шинос намудан аз манфиат холӣ нест»[2]. Агар шогирд

[1] Сафаров, П. Шасти камолот / П. Сафаров, Қ. Бобоев // Маориф ва маданият. – Душанбе,1970. – 12 май. – С. 2.
[2] Мусоҳибаи Р. Давлатшоев бо профессор А. Ҳақназаров. – Душанбе, 2021. – 23 сентябр.

ин гуна сарчашмаҳоро истифода барад, кори илмии ӯ мазмунан диққатҷалбкунанда шуда, мавзуъ ҳалли худро ёфта, дар хотираи ӯ ин воқеаҳо хубтар боқӣ мемонанд.

Бо назардошти Мулло Эркаев истифодабарии ҳуҷҷатҳои гуногуни таърихӣ дар кори илмии шогирдон аз дараҷаи омодагии омӯзгор, инкишофи малакаи илмӣ – таҳқиқотӣ, дониши назариявию амалӣ, шавқу ҳаваси ӯ ба кори илмӣ шаҳодат медиҳанд.

Ҳамин тавр, академик Мулло Эркаев дар роҳи омодасозии мутахассисони баландихтисоси дорои дараҷаҳои илмӣ дар ҷумҳурӣ, баҳри баланд бардоштан рушди илми таърих ва аз байн бурдани норасоии кадрӣ дар мактабҳои олӣ хизмати шоистае намудааст. Академик М. Эркаев зиёда аз 60 соли ҳаёти пурбаракати худро танҳо дар роҳи таълиму тарбия, устувории вазъи сиёсӣ ва рушду созандагиҳо сипарӣ намуда, 12-уми декабри соли 1996 аз олам чашм пушидааст[1].

Саҳми шоистаи академик М. Эркаев дар самти омоданамоии мутахассисони илмиву омӯзгорӣ буд, ки қариб 60 нафар бевосита аз донишу маҳорат, тавсияву роҳнамоӣ истифода намуда, соҳиби дараҷаи илмиву докторӣ гардидаанд. Садҳо нафар олимони дигар аз тавсияҳои илмии олим истифода намуда, дар роҳи илм муваффақ гардидаанд. Ҳама он нафароне, ки аз мактаби илмии академик М. Эркаев гузаштаанд ва ё бархурдор гардидаанд, имрӯз ба зинаҳои баланди илмӣ расидаанд ва саҳми арзандаи худро дар рушду пешрафти илму маориф ва таърихнигории халқи тоҷик гузоштаанд ва мегузоранд, пайравӣ ва истифода аз роҳу усулҳои мактаби бузурги илмии чунин олимони варзидаи халқамонро барои ҳар як омӯзгори мактаби олӣ, махсусан, омӯзгорони ҷавон, мояи ифтихору ибрат унвон намудаанд.

---

[1] Сӯгворӣ / Садои мардум. – №96. – Душанбе, 1996. – 25 декабр. – С. 4.

# ХУЛОСА

## 1.Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Ҳамин тавр, истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки таърихи зиёда аз 30 сола дорад, заминаҳои иҷтимоӣ – иқтисодиро барои ба амал баровардани тағйиротҳои сифативу миқдорӣ дар тамоми соҳаҳо, аз он ҷумла, дар соҳаи илму маориф фароҳам овардааст.

Солҳои охир бо мақсади таҳкими ислоҳоти соҳаи маориф ва низоми таҳсилоти олии касбӣ навгонӣ ва дигаргуниҳо ба вуҷуд омадаанд. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои олии таълимӣ», таҳияи «Консепсияи рушди мактаби миллӣ», «Консепсияи тарбия», «Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ғайра қабул гардидаанд.

Айни замон, марҳилае фаро расидааст, ки дар зинаи таҳсилоти олӣ диққати асосиро ба ташаккули намунаи миллии системаи таълиму тарбия, татбиқи стандартҳои давлатии таҳсилот, баланд бардоштани сифати тайёрии кадрҳои баландихтисос, такмили ихтисос ва дигар вазифаҳои таъхирнопазир, ки таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои олии таълимиро ба дараҷаи меъёру талаботҳои умумиҷаҳонӣ баробар намоянд, равона намудан лозим аст.

Яке аз тағйиротҳои асосиву чашмраси соҳа бедории шуури сиёсӣ ва худшиносии миллии халқи тоҷик мебошад. Маҳз, ҳамин шуури худшиносии миллӣ буд, ки хусусан, дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ зарурати эҳёи беҳтарин анъанаҳои педагогии ниёгон, ба инобат гирифтани дастовардҳои пурарзиши давраи шуравӣ дар бобати ба роҳ мондани кори таълиму тарбия дар шароити нави иқтисодӣ ва сиёсати ягонаи фазои таҳсилотӣ дар доираи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) ба амал омаданд.

Таҷрибаи пешқадами педагогӣ, дар натиҷаи омӯзишу фаъолияти меҳантӣ ҳосил мегардад. Рафти мушоҳида ва омӯзишҳо нишон медиҳанд,

ки бори гарони таълиму тарбия бар дӯши омӯзгорон аст, аммо, онҳо дастоварду таҷрибаи гузаштагонро дар шакли таҳқиқот намеомӯзанд ва усулҳои хуб ва номувофиқро ошкор намесозанд. Маълум аст, ки мактаби олии имрӯза бе ташкили дуруст ва илман асосноки истифодабарии таҷрибаи пешқадами давраи гузашта, вазифаи тайёр кардани мутахассисони баландихтисосро таъмин карда наметавонад. Аммо, зарурати онро дар таҳқиқотҳое, ки то ин вақт дар ҷумҳурӣ гузаронида шудаанд, аз ин ҷиҳат асоснок нагардидааст.

Бо вуҷуди ин, эҳтиёҷот ба таҷрибаи омӯзгории устодони мактаби олӣ ва малакаҳои истифодабарии ҳамин кор имрӯз аз пеши худ ба вуҷуд намеоянд, онҳоро дар донишҷӯён ва муаллимони ҷавон ташаккул додан лозим аст.

Таҳқиқотҳое, ки мо гузаронидаем, нишон медиҳанд: аксар донишҷӯён, ҳатто омӯзгорони ҷавон, оид ба тарҷумаи ҳол ва фаъолияти илмиву педагогии устодони барҷастаи мактабҳои олӣ ба қадри кофӣ тасаввуроте надоранд. Чунин омӯзгорони оянда ва онҳое, ки фаъолияти педагогиро нав сар кардаанд, таҷрибаи пешқадамро омӯхтаю ҷамъбаст карда, бо адабиёти илмию методӣ мустақилона кор карда наметавонанд.

Ин далели он аст, ки дар мактабҳои олии кунунӣ таърихи ҳаёту фаъолияти олимону устодони гузаштаю ҳозираи халқи мо не дар нақшаҳои таълимӣ, не дар нақшаҳои тарбиявии факултетҳою кафедраҳо ҷой надоранд.

Илова бар ин, махсусан, ба масъалаҳои ворид гардидан ба фазои ягонаи байналмилалии таҳсилотӣ дар алоқамандӣ бо фарҳангу маърифат ва тамаддуни миллӣ ва ахлоқию тарбиявии гузаштагон, фаросати олӣ, дастовардҳои илмию педагогии онҳо диққати ҷиддӣ додан зарур аст. Мақсад ин аст, ки дар ниҳоди хатмкунандагони мактаби олӣ, шуури маънавӣ падид ояд, донишҳои зарурӣ ва арзишҳои миллиро фаро гирад, ба забон, фарҳанг ва анъанаҳои миллии халқҳои дигар эҳтиром ба ҷо оварданро биомӯзонем.

Дар давраи санҷишу омӯзиши мо муайян гардид, ки дар мактабҳои олии мо олимони маъруфи кишвар чун Б. Ғафуров, А. Семёнов, З.Ш. Раҷабов, Б. Искандаров, О. Маҷлисов, Р. Масов, Р.А. Набиева, М. Бобохонов, М. Эркаев ва дигарон фаъолият намуда, ба мактаби таърихнигории миллӣ ва маълумоти олии ҷумҳурӣ заминае гузоштаанд.

Дар қатори онҳо академик Мулло Эркаевич Эркаев яке аз муаррихони шинохтаи давраи шуравии халқи тоҷик ба ҳисоб рафта, дар миёни таърихшиносону олимони ватанӣ ва собиқ кишварҳои Иттиҳоди Шуравӣ мавқеи хосеро ба худ касб намудаанд. Академик М. Эркаев зиёда аз шаст соли умри бобаракати худро дар роҳи таълиму тарбияи насли ҷавон, омодасозии мутахассисони касбиву соҳибунвон, нашри маводҳои зиёди таълимиву методӣ ва таҳқиқотҳои илмӣ асосан дар ду муассисаи нахустини олии Тоҷикистон сипарӣ намудааст. Аз ин лиҳоз, хулосаи таҳқиқоти илмиро ба марҳилаҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст:

– Нахуст зинаи ибтидоии донишандӯзӣ ва фаъолияти омӯзгории Мулло Эркаев мебошад, ки ӯ шахсиятест ҳанӯз аз овони наврасӣ пас аз тақсимоти миллӣ – ҳудудӣ дар Осиёи Миёна чун ҳазорон тоҷикон, ки берун аз сарҳади Тоҷикистон қарор гирифта буданд, ба маркази Тоҷикистон шаҳри навбунёди Душанбе омаданд. Дар ин давра, дар марказҳо ва минтақаҳои гуногуни кишвар мактабҳо кушода мешуданд, аз ҷумла, мактаби кӯдаконае дар шаҳри Душанбе мавҷуд буд, ки Мулло Эркаевро ба таҳсил фаро гирифтанд. Дурӣ аз наздикону пайвандон, дӯстону рафиқон ӯро ғамгин мегардонид. Аммо, меҳри илму дониш ва ояндаи пурифтихор боз ӯро нерӯйи дигар мебахшид. М. Эркаев пайваста мехонду аз сабақи омӯзгорон тафаккурашро ғанӣ мегардонид. Дар давоми таҳсил ҳанӯз соли 1927 аъзои созмони ҷавонони комсомол гардиданд. Баробари таҳсил дар корҳои ҷамъиятӣ фаъолона иштирок менамуданд. Пас аз хатми мактаб барои идомаи таҳсил ва муайян намудани роҳи ояндаи худ таҳсилашро сараввал дар Дорулмуаллимини шаҳри Тошканд

оғоз намуда, пас аз ду соли таҳсил пеш аз ба итмом расидани муҳлати таҳсил ӯро бо дархости Вазорати халқи маорифи тоҷик бо сабаби норасоии омӯзгорон дар муассисаҳои таълимӣ ба Тоҷикистон фиристоданд.

Бо муҳаббат нисбат ба касби интихоб намудааш ва ҳам саҳмгузори дар яке аз мушкилиҳои ҷомеа–маҳви бесаводӣ дар Тоҷикистон фаъолияти омӯзгориашро оғоз намуданд. Нахуст дар курсҳои кӯтоҳмуддати дар назди Комиссарияти халқии маориф дар шаҳри Сталинобод, Кумитаи марказии комсомолии ҷумҳурӣ ва техникуму омӯзишгоҳҳои пойтахт бо масъулияти том идома дода, нозукиҳо ва роҳу усулҳои таълиму тарбияро аз бар намудааст.

Дар баробари ин, барои боз ҳам баланд бардоштани дониш ва соҳиби маълумоти олӣ гардидан, таҳсилашро дар Донишкадаи омӯзгории пойтахт бо фосилаҳои гуногун идома додааст [1-5-М].

– Марҳилаи дуюм, пас аз хатми Донишкадаи омӯзгории пойтахт ӯро ба сифати устоди кафедраи ИҶШС ба кор қабул намуданд. Фаъолият дар нахустин муассисаи олии кишвар барои Мулло Эркаев боиси ифтихор буд, зеро дар ин боргоҳи илм мутахассисони варзида фаъолият менамуданд. Онҳо барои Мулло Эркаев ҳаққи устодӣ доштанду пайваста аз кӯмаку маслиҳатҳои илмию методии устодони худ баҳравар мегардиданд. Мулло Эркаев навобаста аз ҷавонияш ба шогирдон бо ҷиддият ва масъулиятшиносии баланд дарс гуфта, дар корҳои ҷамъиятии муассиса фаъолона иштирок варзидаанд. Аммо, вазъияти вазнин ва ҳассоси ҷомае, ки тамоми аҳолии кишварҳои иттифоқиро ба муттаҳидӣ оварда буд, яъне оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ Мулло Эркаевро низ дар канор нагузошт. Дар ҳамин давра роҳбарони ҳизбию давлатии ҷумҳурӣ донишу масъулиятшиносии Мулло Эркаевро ба инобат гирифта, ӯро ба фаъолияти сиёсӣ даъват намуданд ва бо ҳамин Мулло Эркаев як муддати муайян ба корҳои сиёсию давлатӣ машғул гардидаанд. Аммо, касби омӯзгориро канор нагузошта, дар солҳои фаъолияти сиёсии худ ҳам дар донишкадаи

омӯзгории пойтахт, донишгоҳи шабонаи омӯзиши марксизм-ленинизм, курсҳои ҳизбӣ ба шогирдони доир ба назарияи марксизм-ленинизм ва таърихи ИҶШС дарс гуфтааст. Инчунин, аз рӯзҳои нахустини кушода шудани Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба ин донишгоҳ низ даъват гардида, новобаста аз фаъолиятҳои сиёсии худ, дар таълиму тарбияи донишҷӯёни ин даргоҳи илм саҳми худро гузоштааст. Муҳаббат ба илм ва касби омӯзгорӣ ӯро соли 1950 пурра аз банди корҳои сиёсиву ҳизбӣ раҳо намуда, ба маҷрои муайяни касби омӯзгорӣ то охири умр пайваст намуд [2-М].

– Марҳилаи сеюм, аз соли 1950 то соли 1975 Мулло Эркаев сарварии кафедраи таърихи ҲКИШ-и Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленинро бар ӯҳда гирифтанд. Дар он давра ин кафедраҳо дар тамоми муассисаҳои олии таълимӣ, дар роҳи таълиму тарбияи насли ҷавон нақши махсуси худро доро буданд. Зеро талқинкунандаи асосии назария ва ё идеологияи сиёсӣ тавассути фанҳои таълимӣ ва гузаронидани чорабиниҳои илмию ҷамъиятиро бар ӯҳда дошт. М. Эркаев дар тамоми ихтисосҳои Донишгоҳ аз рӯйи фанҳои таълимии асосҳои марксизм-ленинизм ва таърихи ИҶШС бо маҳорати баланд ва таҷрибаи ғании худ дарс гуфта, мутахассисони варзидаро бар камол расонидаанд [8-М].

– Ҳамзамон, М. Эркаев дар давраи фаъолияти худ дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон роҳбарии ҷамъияти «Дониш»-ро ба ӯҳда дошта, пайваста дар гузаронидани чорабиниҳои илмии муассиса, ҷумҳурӣ ва иттифоқӣ бо гурӯҳи донишҷӯёни ҷамъияти худ фаъолона иштирок намудааст ва натиҷаҳои баланди илмиро ба даст овардаанд [4-М].

– М. Эркаев дар давоми фаъолияти сарварии кафедраи таърихи ҲКИШ-и Донишгоҳ буданашон шумораи аъзоёни кафедраро аз 10 нафар ба 35 нафар расонида, аз ин шумора 27 нафарашон бо тавсия, роҳнамоӣ ва ҷиддияти масъулияти касбии устод ба дарёфти унвонҳои илмии номзадию докторӣ сазовор гардидаанд ва кафедраро ба маркази муҳимтарини тайёр

намудани мутахассисони таърихи ҳизбӣ ва шаҳрвандӣ табдил додаанд [5-М].

– Академик М. Эркаев давоми солҳои фаъолияти таълимию тарбиявии худ дар Донишгоҳ даҳҳо ҳазор шогирдони соҳибкасбро ба камол расонидааст. Ҳамзамон, дар зарфи 25 соли фаъолияти худ дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон 32 нафар ва дар Донишкадаи омӯзгории пойтахт бошад наздик ба 30 нафар номзаду докторҳои илмро роҳбарӣ намуда, соҳиби унвонҳои номзадию докторӣ гардонидааст. Аз маслиҳату тавсияҳои илмии муҳаққиқи барҷаста бошад, садҳо олимони дигар баҳравар гардидаанд.

То имрӯз шогирдоне, ки аз мактаби илмии М. Эркаев гузаштаанд, худ ба зинаҳои баланди илмӣ расидаанду дар роҳи рушди илму маорифи кишварамон саҳми арзишманди худро гузошта истодаанд ва ҳаёту фаъолияти касбии устоди худ Мулло Эркаевро намунаи ибрат ва роҳнамои худ интихоб намудаанд [8-М].

– Инчунин, Мулло Эркаев баробари сари вақт иҷро намудани тамоми масъулиятҳои ба зиммааш вогузошта, таълиму тарбия, омода намудани мутахассисони дорои дараҷаҳои илмӣ, боз тавассути таҳқиқу пажӯҳиши мавзуҳои гуногуну фарогири давраҳои муайяни таърихи халқи тоҷик ва дигар халқҳои минтақа саҳми худро дар илми таърих гузоштаанд. Мулло Эркаев бо донишу хирад, заҳмату талошҳо ва масъулиятшиносии хосаи худ дар давоми фаъолияти кориаш дар ин Донишгоҳ таҳқиқотҳои мавзуҳои васеъу ҳалталабро мавриди омӯзишу пажӯҳиш қарор дода аст, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионӣ ва олимону донишмандони дохиливу умумииттифоқӣ баҳои баландро соҳиб гардида, унвонҳои зерини илмӣ: номзади илмҳои таърих, дотсент, профессор, доктори илмҳои таърих ва академикро сазовор гардида буд. Дарёфти унвонҳои илмии соҳибгардидаи Мулло Эркаев дар таърихи шӯроҳои илмӣ бо хусусиятҳои хоси худ саҳифаҳои махсусеро соҳибанд. Зеро ӯ нахустин шахсе буд, ки дар Шӯрои илмии таърихи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон рисолаи

номзадии худро соли 1953 дифоъ намудааст. Дар роҳи дифои рисолаи докторӣ Мулло Эркаев аввалин шахсе буданд, ки дар дохили Тоҷикистон рисолаи докторияшро дар мавзӯи «Таърихи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон», соли 1964 мавриди дифоъ қарор дода, баҳои баландро соҳиб гардида, барои идомаи фаъолияти ин шӯро роҳ кушоданд. Ҳамзамон, тавассути асарҳои таълифнамудаи худ, ки ҷанбаи таълимию тарбиявӣ, садоқат ба ватан, меҳнатдӯстӣ ва ғайраҳоро ба насли ҷавон талқин менамуданд, аз ҷониби Академияи илмҳои педагогии ИҶШС соли 1967 нахустин шуда ба узвият пазируфта шуд, ки ин мояи ифтихори на фақат худи олим, балки тамоми тоҷикон ба ҳисоб мерафт. Гарчанде ки дарёфти тамоми ин унвонҳои баланд фосилаи на он қадар зиёд, яъне давраи фаъолияти кории бисту панҷсолаи М. Эркаев дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон В.И. Ленин-ро дар бар гиранд ҳам, аз масъулиятшиносӣ ва заҳматҳои зиёд дар роҳи илм ва таълиму тарбия шаҳодат медиҳанд. Сарфароз гардидан ба тамоми унвонҳои илмию ифтихорӣ ғайр аз масъулиятшиносии баланд, барои М. Эркаев гӯё чизе намебахшиданд. Зеро академик Мулло Эркаев талош намудаанд, ки дар роҳи ободиву шукуфоии кишвари азизаш тавассути таълифоти илмию баркамол расонидани шогирдон саҳми худро гузоранд [4-М].

– Меҳнату заҳматҳои созандаи М. Эркаев дар ин роҳ буд, ки пас аз бозгашт ба Донишкадаи омӯзгории пойтахт соли 1975 фаъолияти илмию педагогии худро бо маҷрои муайян ва натиҷаҳои баланд то охири умр (12-уми декабри соли 1996) идома додаанд. Маҳсули илмии мавриди таҳқиқу пажӯҳиш бевосита ва дар ҳаммуаллифи бо дигар олимон таълифнамудаи олим зиёда аз 200 номгӯро ташкил менамоянд, ки ба ҳаракатҳои босмачигарӣ дар Тоҷикистон, ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Руссия, барпо ва мустаҳкамшавии Ҳокимияти Шуравӣ дар Тоҷикистон, Ҳизби Коммунистӣ дар Тоҷикистон, таърихи ҷанги шаҳрвандии солҳои 20-уми асри XX дар Тоҷикистон ва ғайраҳо бахшида шудаанд. Таълифоти рӯйи

чоп овардаи М. Эркаев, бешак, таърихнигории давраи навтарини таърихи ватанӣ, ҳизбӣ ва сиёсии замони мавҷудияти Ҳокимияти Шуравӣ дар Тоҷикистонро барои насли имрӯзу фардо равшан мегардонанд [1-М].

– Асарҳои пурқимати М. Эркаев ба монанди: «Ҳаракатҳои босмачигарӣ дар Тоҷикистон», «Таърихи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон», «Ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Руссия», «Барпо ва мустаҳкамшавии Ҳокимияти Шуравӣ дар Тоҷикистон» новобаста аз таъсири сахти сиёсӣ, идеологӣ ва маҳдудиятҳои зиёди ҷойдоштаи замони мавҷудияти Ҳокимияти Шуравӣ рӯйи чоп омадаанд, баҳои баландро дар он давра соҳиб гардидаанд ва то имрӯз новобаста аз дигар гардидани вазъи сиёсӣ ва идеологӣ ҳамоно олимони таърихшиноси барҷастаи ҷумҳурӣ ин асраҳои Мулло Эркаевро бо қимати илмӣ доштаашон комил ҳисобидаанд ва дар ин бора профессор Ҳ. Пирумшоев чунин, баён намудааст, ки: «бе омӯзишу таҳлили амиқи таҳқиқоти Мулло Эркаев донишу фаҳмиши таърихии мо нисбати бурду бохти халқамон дар давраи шуравӣ номукаммалу ноқис хоҳад монд. Асарҳои Мулло Эркаев қомуси ҳаёти халқи Тоҷикистон дар давраи шуравӣ ҳисоб меёбанд. Академик Мулло Эркаев дар қатори беҳтарин олимон замони худ дар таърихи илми тоҷику тамоми кишвари Осиёи Марказии давраи шуравӣ ҷой дорад. Мероси илмии устод абадан манбаи омӯзишу ифтихори авлодон хоҳад монд» [3-М].

Ҳамзамон, Мулло Эркаев доир ба ҳаёти илмию адабӣ ваъзи илму маорифи халқи тоҷик то давраи инқилоби сотсиалистии Октябр ва баъд аз он, асару мақолаҳои зиёде дар асоси сарчашмаҳо ва воқеиятҳо ҷойдоштаро, ки мавриди таҳқиқ қарор дода буд, таълиф намудааст. Дар таълифоти худ низоми асосии таълими то инқилобӣ, мушкилоти асосӣ, сатҳи донишазхудкунӣ, дараҷаи саводнокии аҳолӣ, мушкилоти асосии маводи таълимии то давраи инқилобӣ ва раванди баъд аз инқилобро бо марҳилаҳои муайяни дигаргунисозиҳо ва ислоҳотҳоро бо натиҷаҳояшон, дар асарҳои худ ҷой додааст. Дар баробари ин, роҳу воситаҳои

натиҷабахши таълиму тарбияро, ки ба баланд гардидани раванди таълим ва баркамол расонидани мутахассисони соҳибкасб мусоидат менамоянд, баён намудааст.

–М. Эркаев борҳо аз ҷониби Президиуми Шӯрои олии ИҶШС, Президиуми Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон, Вазорати халқи маориф бо унвонҳои баланди фахрии Омӯзгори хизматнишондодаи ҶШС Тоҷикистон (4-уми августи соли 1960), Ходими хизматнишондодаи илми ҶШС Тоҷикистон (27-уми феврали соли 1967), Аълочии маорифи ИҶШС (23 августи соли 1970), Аълочии мактаби олии ИҶШС (соли 1973) ва чандин медалу ифтихорномаҳои дигар сарфароз гардидааст [3-5-М].

Тамоми ин унвонҳои баланди илмию ифтихорӣ гувоҳи эътирофи расмии дастовардҳои илмӣ, фаъолияти содиқонаю софдилонаи М. Эркаев дар роҳи илм ва таълиму тарбия ва баркамол расонидани мутахассисони зиёди касбӣ ба ҳисоб меравад. Зеро на ҳар як олим ба чунин дастовардҳои илмию ифтихорӣ соҳиб мегардад. Гарчанде имрӯз ин олими пурмаҳсул дар байни мо нест, аммо, асарҳои таълфнамудааш ва шогирдони баркамол расонидааш номи ӯро зинда нигоҳ медоранд. Имрӯз ба мо, ҷавонон зарур аст, ки асарҳои академик М. Эркаевро, ки равшангари давраи муайяни таърихи халқи тоҷик ба ҳисоб меравад, пайваста ба даст гирем. Зеро мо агар тавассути асарҳои таълифнамудаи олим, аз як тараф, доир ба таърихи вазъи сиёсии нимаи дуюми асри XIX–и халқҳои Осиёи Миёна, Инқилоби Октябр, ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон, таърихи Ҳокимияти Шуравӣ ва Ҳизби Коммунистӣ дар Тоҷикистон ва ғайраҳо донишҳои заруриро соҳиб гардем, аз ҷониби дигар, муҳаббат ба касби омӯзгорӣ, масъулиятнокӣ, роҳҳои натиҷабахши таълиму тарбия, садоқат ба ватан, тарзи дурусти ба роҳ мондани таҳқиқотҳои илмӣ, муносибат бо шогирдон, дар руҳияи худшиносиву эҳтиром ба муқаддасоти миллӣ ва вадандӯстӣ тарбия намудани ҷавонон ва ғайраро аз бар хоҳем намуд.

– Фаъолияти илмиву педагогии академик Мулло Эркаев дар илми таърихшиносӣ ва таърихнигории халқи тоҷик, дар давраи Шуравӣ қимати

бузурги илмиро доро буданд ва то имрӯз ҷойгоҳи махсусро ба худ касб намуданду баёнгари давраи муайяни таърихи халқи тоҷик - давраи Шуравӣ ба ҳисоб меравbooд. Имрӯз ва фардо бе омӯзишу таҳлили амиқи таҳқиқотҳои Мулло Эркаев ва дигар олимони ин давра, донишу фаҳмиши таърихии мо нисбат ба бурду бохти халқамон дар давраи Шуравӣ номукаммалу ноқис хоҳад монд [5-М].

Рисолаи таҳқиқотии мо нишон медиҳад, ки ба таҳлили хизмати воқеии чунин олимон, ба монанди Мулло Эркаев пардохта, ҳаёту фаъолият, муҳаббат ба касби худ, масъулиятшиносии миллӣ, меҳнатдӯстӣ, инсондӯстӣ, поквиҷдонӣ ва дигар хислатҳои наҷиби онҳоро намунаи ибрат қарор диҳем.

Аз фаъолияти педагогии чунин намояндагони барҷастаи илму маорифи халқи худ пайваста бохабар гардида, роҳу усулҳои натиҷабахши таълимию тарбиявӣ, эҳтиром ба касби омӯзгорӣ, мавқеи омӯзгор дар ҷомеа ва ғайраро мо, ҷавонон аз бар намоему насли наврасу ҷавонро дар руҳияи худшиносии миллӣ, ифтихор аз миллату давлат, муҳаббат ба ватан, садоқат ба арзишҳои миллӣ, меҳнатдӯстӣ ва ғайра тарбия намоем.

Зеро хизматҳои арзишманди М. Эркаев дар роҳи илму маорифи Тоҷикистон, махсусан, таърихи ватанӣ ва таърихи мактаби олӣ ба анҷом расонидааст, дар хотироти миллати тоҷик абадан боқӣ монда, барои тарбияи насли ҷавон дар руҳияи худшиносиву худогоҳӣ ва ифтихори миллӣ намунаи ибрат мебошанд. Моро зарур аст, ки заҳмату талошҳо ва асарҳо таълифгардидаи ин олмони барҷастаи миллати худро пос дорему таълифоти онҳоро равшангари фардои ҳаёти қарор диҳем.

**2.Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо**

Ҳамин тариқ, бо мақсади омӯзиши ҳаёту фаъолияти илмиву педагогӣ ва саҳми намояндагони барҷастаи илму маорифи ҷумҳурӣ тавсияҳои зеринро пешниҳод менамоем:

– тадбирҳои донишгоҳҳо, деканатҳо, кафедраҳо ва шуроҳои методӣ оид ба ташкили кори омӯзиши таҷрибаи пешқадами устодон;

– тадбирҳои созмонҳои ҷамъиятӣ ва ҷавонон доир ба такмили паҳнкунии таҷрибаи пешқадам;

– кори китобхонаи донишгоҳҳо дар бобати расонидани ёрӣ дар роҳи омӯзиш ва дар амал истифода бурдани таҷрибаи пешқадам;

– гузаронидани конференсияҳои илмию амалӣ, семинарҳои педагогӣ, хонишҳои педагогӣ, бахшида ба ҳаёт ва фаъолияти яке аз устодон;

– ташкили мактаби (лабаратория)–и таҷрибаи пешқадам;

– дар як макон (кабинет) ҷамъ овардани дастовардҳои илмӣ ва методии намояндагони барҷастаи донишгоҳ (факултет);

– беҳтар намудани ҷараёни кори таълимӣ–илмӣ ва методии донишҷӯёни мактабҳои олӣ бо роҳи ҷорӣ намудани мавзуҳои корҳои курсӣ, рисолаҳои дипломӣ ва ғайра бахшида ба фаъолияти илмиву педагогии устодон;

– ба фаъолияти эҷодии омӯзгорон ва донишҷӯён диққати ҷиддӣ дода, ба воситаи технологияи компютерии ҳозиразамон паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ дар ҷараёни таълим ва ғайра.

Мазмуни сасосӣ, пешниҳоду хулосаҳои диссертатсия метавонанд зимни омода сохтани нақшаи дурнамои тараққиёти соҳаи маорифи кишвар, бахусус, мактабҳои олӣ, асарҳои ҷамъбастӣ оид ба таърихи навини ватанӣ, таҳияи лексияҳои курсҳои махсус, дастурҳои илмию методӣ, корҳои илмиву таълимӣ, маърифатӣ ва амалӣ – тарбиявии ҷавонон, ки касби омӯзгориро пеша намудаанд, истифода шаванд.

# НОМГӮЙИ АДАБИЁТ

## 1. Феҳристи манбаъҳо ва адабиёти истифодашуда

### Маводи бойгонӣ:

1. Автобиография. Ксерокопия. Личный листок по учету кадров за 1975 г. // Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Фонди 1915. Номгӯйи 1. Бастаи 340. Вараҷи 4. (минбаъд БМДҶТ. Ф. 1915. Н. 1. Б. 340. В. 4.).
2. Производственные характеристики (1981–1986) // БМДҶТ. Ф. 1915. Н. 1. Б. 341. В. 2.
3. Диплом об окончании Сталинабадского госпединститута им. Т.Г. Шевченко, дипломы кандидата и доктора исторических наук, аттестаты доцента и профессора. Ксерокопии (1939–1973) // БМДҶТ. Ф. 1915. Н. 1. Б. 342. В. 5.
4. Перечень опубликованных работ. Ксерокопия (1973) // БМДҶТ. Ф. 1915. Н. 1. Б. 343. В. 12.
5. Библиография трудов М. Иркаева и текст беседы с Иркаевым за 1990 г. // БМДҶТ. Ф. 1915. Н. 1. Б. 917. В. 1.
6. Из протокола заседания Ученого совета Таджикского госуниверситета им. В.И. Ленина от 16 февраля 1962 г. // БМДҶТ. Ф. 1461. Н. 5. Б. 189. В. 76.
7. Защита докторской диссертации М. Иркаева за 1964 г. // БМДҶТ. Ф. 1461. Н. 5. Б. 281. В. 160.
8. Отчёт о работе Таджикского государственного университета за 1951–1952, 1952–1953, 1953–1954 учебные годы // БМДҶТ. Ф. 1461. Н. 1. Б. 29. В. 81–88, 212–219.
9. Протоколы заседания кафедры марксизма – ленинизма ТГУ им. В.И. Ленина за 1954–1955 учебный год // БМДҶТ. Ф. 1461. Н. 1. Б. 58. В. 49.
10. Отчёт о работе кафедры основ марксизма – ленинизма ТГУ им. В.И. Ленина за 1955–1956 учебный год // БМДҶТ. Ф. 1461. Н. 1. Б. 92. В. 199.
11. Мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон // БМДҶТ. Ф. 360. Н. 1. Б. 739. В. 121–123.

12. Приказ №4 по личному составу Таджикского государственного университета за 1950 г. // Бойгонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Ф. 1. Н. 2. Б. 10. В. 278.
13. Приказ №128 по личному составу Таджикского государственного педагогического института им. К. Джураева за 1975 г. // Бойгонии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. – С. 2.
14. Приказы по личному составу Таджикского государственного педагогического института им. К. Джураева за 1982 г. // БДДОТ ба номи С. Айнӣ. – С.74.
15. Приказы по личному составу Таджикского государственного педагогического института им. К. Джураева за 1985 г. // БДДОТ ба номи С. Айнӣ. – С. 2.

**Санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ:**

16. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 1999. – 91 с.
17. Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон дар қарорҳои съездҳо, конференсияҳо ва пленумҳои КМ Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон // Ҷ.1. – Душанбе, 1988. – 236 с.
18. Қарори КМ ҲКИШ (Дар бораи равияҳои асосии фаъолияти Академияи илмҳои педагогии ИҶШС ва масъалаҳои такмили мундариҷаи таълимӣ) // Маориф ва маданият. – Душанбе, 1969. – 15 ноябр.
19. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи маориф. – Душанбе, 2006. – 92 с.
20. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои олии таълимӣ // Мактаби олӣ. Қ.1. – Душанбе, 2007. – 166 с.
21. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2006. – 23 с.
22. Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Мактаби олӣ. Қ.1. – Душанбе, 2009. – С.92– 121.

23. Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Мактаби олӣ. Қ.1. – Душанбе, 2006. – С.122 – 176.
24. Стандарти давлатии таълимии маълумоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Мактаби олӣ. – Душанбе, 2007. – 286 с.
25. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ // Мактаби олӣ. Қ.1. – Душанбе, 2007.

**Маҷмуаҳои оморӣ:**

26. Маорифи халқӣ ва фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 1991. – 121 с.
27. Маориф ва фарҳанг дар Тоҷикистон дар соли 1992. – Душанбе, 1993. – 106 с.
28. Народное хозяйство СССР в 1984 году. – М., 1985. – 156 с.
29. Народное хозяйство СССР за 70 лет. – М., 1987. – 488 с.
30. Хоҷагии халқи Тоҷикистони Шуравӣ дар соли 1988. – Душанбе, 1990. – 200 с.

**Маҷмуаи ҳуҷҷатҳо:**

31. Из истории становления таджикской культуры (1924–1961) // Сборник материалов и документов. Т.1. – Душанбе, 1966. – 92 с.
32. Народное образование в СССР // Сборник документов (1917–1973). – М., 1974. – 108 с.
33. Реформы общеобразовательной и профессиональной школы // Сборник материалов и документов. – М., 1984. – 136 с.
34. История становления таджикской культуры (1917–1977). Т.1. – Душанбе: Дониш, 1979. – 96 с.
35. Советский Таджикистан за 60 лет существования // Статистические сборники. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 222 с.
36. Иностранная военная интервенция и гражданская война в Средней Азии и Казахстане // Сборник материалов и документов. – Алма–Ата, 1964. – 256 с.

**Мусоҳибаҳо:**

37. Мусоҳибаи Р. Давлатшоев бо дотсент Ғ. Роҳатов. – Душанбе, 2021. – 23 сентябр.
38. Мусоҳибаи Р. Давлатшоев бо дотсент М. Мунавваров. – Душанбе, 2021. – 10 сентябр.
39. Мусоҳибаи Р. Давлатшоев бо дотсент М. Шарипов. – Душанбе, 2021. – 23 сентябр.
40. Мусоҳибаи Р. Давлатшоев бо дотсент Н. Ҳакимов. – Душанбе, 2019. – 10 декабр.
41. Мусоҳибаи Р. Давлатшоев бо дотсент Н. Давлатбеков. – Душанбе, 2021. – 1 октябр.
42. Мусоҳибаи Р. Давлатшоев бо дотсент Т.З. Мунавварова. – Душанбе, 2018/2022. – 28 декабр.
43. Мусоҳибаи Р. Давлатшоев бо профессор А. Қушматов. – Душанбе, 2019. – 10 апрел.
44. Мусоҳибаи Р. Давлатшоев бо профессор А. Ҳақназаров. – Душанбе, 2021. – 23 сентябр.
45. Мусоҳибаи Р. Давлатшоев бо муаллими калон З. Юсупов. – Душанбе, 2018. – 11 ноябр.
46. Мусоҳибаи Р. Давлатшоев бо профессор М.Ҳ. Маликов. – Душанбе, 2020. – 28 ноябр.
47. Мусоҳибаи Р. Давлатшоев бо профессор Р. Абулҳаев. – Душанбе, 2023. – 14 феврал.
48. Мусоҳибаи Р. Давлатшоев бо профессор Ҳ. Пирумшоев. – Душанбе, 2018. – 20 декабр.
49. Мусоҳибаи Р. Давлатшоев бо профессор Ҳ. Камол. – Душанбе, 2023. – 20 сентябр.
50. Мусоҳибаи Р. Давлатшоев бо набераи М. Эркаев, Д. Зикриёев. – Душанбе, 2021. – 20 декабр.

51. Мусоҳибаи Р. Давлатшоев бо набераи М. Эркаев, М. Хоҷаева. – Душанбе, 2022. – 16 январ.

**Монография, брошура ва мақолаҳо:**

52. Абдуллоев, К. История таджиков по своей трагичности не уступает сюжетам «Тихого Дона» / К. Абдуллоев // Азия–плюс. – Душанбе, 2020. – №09. – 5 марта.
53. Абдуллоев, С. Марди зарифу шариф / С. Абдуллоев, У. Ғаффоров. – Хуҷанд, 1996. – С. 54 – 55.
54. Абулҳаев, Р. Аз гузашти рӯзгор (Ёддоштҳо) / Р. Абулҳаев. – Душанбе: Эр-граф, 2020. – 352 с.
55. Абулхаев, Р. Вопросы новейшей истории таджикского народа: сборник избранных статей и публикаций / Р. Абулхаев. Часть 7. – Душанбе: Ганҷи хирад, 2022. – 256 с.
56. Абулҳаев, Р. Аз таърихи барпо ва мустаҳкам шудани Ҳокимияти Шуравӣ дар Тоҷикистони Шимолӣ ва Помир (солҳои 1917-1924) / Р. Абулҳаев. – Душанбе, 2022. – 352 с.
57. Абулҳаев, Р. Ёди мубориизон / Р. Абулҳаев // Маориф ва маданият. – Душанбе, 1966. – 9 июн.
58. Академик Раҳим Масов. – Душанбе: Дониш, 2019. – С. 12.
59. Ахтарони илми таърих // Маводи конференсияи илмӣ – назариявӣ дар мавзӯи «Саҳми академик Мулло Эркаев ва профессор Одил Маҷлисов дар рушди илми таърихи ватанӣ». – Душанбе, 2021. – 160 с.
60. Айнӣ, С. Ғуломон // Куллиёт / С. Айнӣ. – Душанбе, 1962.
61. Айнӣ, С. Одина / С. Айнӣ. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2016. – 174 с.
62. Асроориён, Ҷ. Босмачизм ва болшевизм (воқеият ва таҳриф) / Ҷ. Асроориён. – Душанбе, 2010. –С.48–51.
63. Бобохонов, М.Б. Боргоҳи маърифат / М.Б. Бобохонов, А.А. Раҳмонов. – Душанбе: Эр–граф, 1998. – 238 с.

64. Бобохонов, М. Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон (марҳилаҳои асосии таърихӣ: 1948–2008) / М. Бобохонов, Р. Комилов, З. Акрамов. – Душанбе: Эр–граф, 2008. – 352 с.
65. Бобохонов, М. Сарбози илм / М. Бобохонов, Ф. Назаров // Тоҷикистони Советӣ. – № 41. – Душанбе, 1982. – 19 феврал. – С. 4.
66. Гафуров, Б. Предисловие – кн.: Материалы к истории таджикского народа в советский период // Сборник статей. – Сталинабад: Таджикгосиздат, 1954. – С. 13.
67. Ғоибов, Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз / Ғ. Ғоибов. – Душанбе, 2006. – 595 с.
68. Давлатшоев, Р. Рӯзгоре барои ибрат / Р. Давлатшоев // Ҷумҳурият. – Душанбе, 2020. – №142. – 30 июл. – С.4.
69. Защита докторской диссертации // Коммунист Таджикистан. – Душанбе, 1964. – 19 февраль. – С. 3.
70. Зевелев, А. Басмачество: Правда истории и вымысел фальсификаторов / А. Зевелев с др. – М: Наука, 1981. – С. 203 – 204.
71. Зевелев, А. Басмачество: возникновение, сущность, крах / А. Зевелев с др. // – М: Мысль, 1986. – С.19.
72. Зоҳидов, О. Таърихи сиёсии тоҷикон: таҳлили назарияҳо / О. Зоҳидов. – Душанбе, 2011. – С.105 – 106.
73. Имомзода, М.С. Аз остон то камолот / М.С. Имомзода, С. Сафармамадов, Қ. Расулиён ва дигарон. – Душанбе: ЭР–граф, 2018. – 692 с.
74. Иномзода, З.А. Босмачигарӣ: воқеият ва тахаюлот / З.А. Иномзода. – Душанбе: Дониш, 2019. – 46 с.
75. Иркаев, М. В боях за Советский Таджикистан / М. Иркаев, Ю. Николаев. – Сталинабад: Таджикгосиздат, 1957. –134 с.
76. Иркаев, М. История гражданской войны в Таджикистане / М. Иркаев. – Душанбе: Ирфон, 1963. – 760 с.
77. Иркаев, М. История гражданской войны в Таджикистане / М. Иркаев. – Душанбе: Ирфон, 1971. – 696 с.

78. Иркаев, М. История Таджикской ССР (Учебное пособие для вузов республики) / М. Иркаев, Б. Искандаров, Б. Литвинский, К. Марсаков, Р. Масов и дрг. – Душанбе: Маориф, 1983. – 400 с.
79. Иркаев, М. Очерки истории Коммунистической партии Таджикистана / М. Иркаев, В.А. Казачков, А.М. Макашов, К.П. Марсаков. Нашри дуюм. – Душанбе: Ирфон, 1968. – 454 с.
80. Иркаев, М. Очерк истории Советского Таджикистана (1917–1957 гг.) / М. Иркаев, Ю. Николаев ва Я. Шарипов. – Сталинабад: Таджикгосиздат, 1957. – 503 с.
81. Иркаев, М. Расцвет народного образования в Советском Таджикистане / М. Иркаев, И. Обидов, О. Каримова. – Душанбе: Ирфон, 1987. – 265.
82. Искандаров, Б. Большая заслуга ученого / Б. Искандаров, К. Мавлянов, С. Ташхуджаев // Коммунист Таджикистана. – Душанбе, 1970. – №59. – 12 март.
83. Кабутов, Д. Сабақи устод / Д. Кабутов, Ҳ. Пирумшоев, М. Шерғозиев // Нидои ранҷбар. – Душанбе, 1996. – 26 сентябр.
84. Камол, Ҳ. Бозтоби таърихи ҷанги шаҳрвандии солҳои 1921-1924-и Тоҷикистон дар осори профессор Мулло Эркаев / Ҳ. Камол // Муаррих. – Душанбе, 2021. – № 4 (28). – С. 27- 47.
85. Қобилов, А. Олим, педагог, ҷамоатчӣ / А. Қобилов, А. Солиев // Ҳақиқати Ленинобод. – №97. – Ленинобод, 1970. – 19 июн. – С. 3.
86. Маҳмудов, Д. Вуҷуди марди доно мисли зарри тилло / Д. Маҳмудов // Фараж. – Душанбе, 2010. – №27. – 7 июл.
87. Мирбобоев, С. Таҳқиқоти муҳим / С. Мирбобоев // Тоҷикистони Советӣ. – Душанбе, 1966. – 30 июл.
88. Мунавварова, Т.З. Труженик просвещения и науки / Т.З. Мунавварова // Народная газета. – Душанбе, 2020. – №21. – 20 мая.– С. 7.
89. Мунавварова, Т.З. Труженик просвещения и науки / Т.З. Мунавварова, Р. Давлатшоев // Ахтарони илми таърих (Маводи конференсияи илмӣ-

назариявӣ дар мавзӯи «Саҳми академик Мулло Эркаев ва профессор Одил Маҷлисов дар рушди илми таърихи ватанӣ»). – Душанбе: Мулквар, 2021. – С. 47-58.

90. Муродалиев, Ғ. Муҳаққиқ / Ғ. Муродалиев // Маориф ва маданият. – Душанбе, 1966. – 1 октябр.
91. Набиева, Р. Таърихи халқи тоҷик / Р. Набиева, Ф. Зикрёев, М. Зикриёева. – Душанбе, 2010. – 268 с.
92. Наботӣ, Н. Раштонзамин / Н. Наботӣ, М. Олимов. – Душанбе, 2008. – 221 с.
93. Обидов, И.О. Омӯзгор, муҳаққиқ ва ходими ҷамъиятӣ / И.О. Обидов // Мактаби Советӣ. – Душанбе, 1990. – №7,8,9. – С.57, 58.
94. Ойматов, Х. Таҳқиқоти барҷаста (Муҳокимаи асарҳои ба мукофот пешниҳодшуда) / Х. Ойматов, Ю. Раҳимов // Тоҷикистони Советӣ. – Душанбе, 1967. – 15 октябр.
95. Пирумшоев, Ҳ. Дар ёди наслҳо / Ҳ. Пирумшоев // Ҷумҳурият. – Душанбе, 2001. – №4. – 13 январ.
96. Пирумшоев, Ҳ. Донишгоҳи омӯзгорӣ дар масири таърихи миллат / Ҳ. Пирумшоев, Н. Убайдуллоев, А. Худойдодов, М. Маликов. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 488 с.
97. Пирумшоев, Ҳ. Ҷовидон дар ёдҳо / Ҳ. Пирумшоев. – Душанбе: Ирфон, 2000. –164 с.
98. Пирумшоев, Ҳ. Ҷовидон дар ёдҳо / Ҳ. Пирумшоев. Нашри дувум. – Душанбе: Ирфон, 2020. – 188 с.
99. Раҳмонов, Э. Ваҳдати миллӣ – мароми мост / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 1997. – 72 с.
100. Раҳмонов, Э. Дирӯз ва имрӯзи Тоҷикистон / Э. Раҳмон. – Душанбе, 1997. – 27 с.
101. Раҳмон, Э. Забони миллат – ҳастии миллат / Э. Раҳмон. – Душанбе: Андалеб, 2015. – 490 с.

102. Раҳмонов, Э. Тоҷикистон: чаҳор соли истиқлолият ва худшиносӣ / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 1995. – 208 с.
103. Раҳмон, Э. Чеҳраҳои мондагор / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 363 с.
104. Раҳмон, Э. Ҷавонон – созандагони фардои ҷомеа / Э. Раҳмон. – Душанбе: Деваштич, 2008. – 222 с.
105. Раджабов, З. Наука Советского Таджикистана / З. Раджабов. – Душанбе: Дониш, 1968. – С.19–67.
106. Раджабов, З. Развитие науки в Таджикской ССР / З. Раджабов. – М: Наука, 1964. – 67 с.
107. Раджабов, З. Таджикский государственный университет им. В.И. Ленина – Детище Великого Октября / З. Раджабов. – Душанбе: Дониш, 1967. – 160 с.
108. Расулиён, Қ. Босмачиҳоро «босмачӣ» гӯем ё…? / Қ. Расулиён // Паёми ДМТ. – Душанбе, 2018. – №8. – С. 92 – 95.
109. Раҳматуллоев, А. Таърихи халқи тоҷик / А. Раҳматуллоев, Х. Сатторов, Н. Тоҷов. – Душанбе, 2011. – 318 с.
110. Сайфуллоев, А. Босмачигӣ хилофи манфиатҳои миллӣ буд / А. Сайфуллоев // Ҷумҳурият. – Душанбе, 2011. – 7 июн. – С.4.
111. Сафаров, П. Роль Коммунистической партии в превращении дехкан в активных строителей социализма / П. Сафаров. – Душанбе: Ирфон, 1968. – 192 с.
112.Сафаров, П. Шасти камолот / П. Сафаров, Қ. Бобоев // Маориф ва маданият. – Душанбе,1970. – 12 май. – С. 2.
113. Собиров, Б. Ҳимояи унвони докторӣ / Б. Собиров // Маориф ва маданият. – Душанбе, 1964. – 15 феврал.
114. Фузайлов, А. Мулло Иркаев (описание жизнедеятельности и библиография трудов ученого) / А. Фузайлов, Д. Кабутов. – Душанбе: Ирфон, 1990. – 38 с.

115. Холҷураев, Х. Кафедра ва ташаккули ҷаҳонбинии студентон / Х. Холджураев, У. Раҳимқулов // Маориф ва маданият. – Душанбе, 1969. – 19 ноябр.
116. Холджураев, Х. Подарок к юбилею // К вершинам знаний. – Душанбе, 1969. – 27 январ.
117. Ҳамроев, Х. Кори илмии сазовор / Х. Ҳамроев, Х. Холҷураев, У. Раҳиқулов, К. Мавлонов // Тоҷикистони Советӣ. – Душанбе, 1967. – 19 сентябр.
118. Ҳакимов, Н. Таърихи халқи тоҷик / Н. Ҳакимов. –Душанбе: Ирфон, 2006. – 481 с.
119. Ҳотамов, Н. Таърихи халқи тоҷик / Н. Ҳотамов. – Душанбе, 2007. – 368 с.
120. Ҳотамов, Н. Таърихи халқи тоҷик / Н. Ҳотамов, Д. Довудӣ, С. Муллоҷонов, М. Исоматов. – Душанбе: Эр–граф, 2015. – 408 с.
121. Ҳусайнов, А. Аз фаъолияти илмиву омӯзгории академик Мулло Эркаев / А. Ҳусайнов, Н. Зарифов // Ахтарони илми таърих (Маводи конференсияи илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Саҳми академик Мулло Эркаев ва профессор Одил Маҷлисов дар рушди илми таърихи ватанӣ»). – Душанбе: Мулквар, 2021. – С. 18.
122. Ҳусайнов, А. Аз фаъолияти илмиву омӯзгории академик Мулло Эркаев / А. Ҳусайнов, Н. Зарифов // Омӯзгори ҷавон. – Душанбе, 2020. – №6. – 16 ноябр. – С.10.
123. Ҷашни олимон // Ба қуллаҳои дониш. – Сталинобод, 1960. – 24 сентябр.
124. Шарипов, А. Таърихи мактабҳои олии Тоҷикистон / А. Шарипов. – Хуҷанд: Хуросон, 2002. – 235 с.
125. Шарипов, М. Инсони комил ва поксиришт (хотирот) / М. Шарипов // Ахтарони илми таърих (Маводи конференсияи илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Саҳми академик Мулло Эркаев ва профессор Одил Маҷлисов дар рушди илми таърихи ватанӣ»). – Душанбе: Мулквар, 2021. – С. 149.

126. Шарипов, Я. Асари пурқимат оид ба таърихи ҷанги гражданӣ дар Тоҷикистон / Я. Шарипов ва Ш. Солмонов // Тоҷикистони Советӣ. – Душанбе, 1963. – 24 сентябр.
127. Шарипов, Я. Большой вклад в науку / Я. Шарипов, У. Раимкулов и др. // Коммунист Таджикистана. – Душанбе, 1970. – 20 ноября.
128. Шарипов, Я. Книга о героях гражданской войны в Таджикистане / Я. Шарипов // Коммунисти Таджикистан. – Сталинабад, 1958. – 30 апрель.
129. Эмомали Рахмон: год образования и технической культуры / Э. Рахмон. – Душанбе, 2011. – 381 с.
130. Эмомалӣ Раҳмон. Рушди маориф асоси таҳкими аркони давлат. – Душанбе, 2009. – 334 с.
131. Эмомалӣ Раҳмон: соли Рудакӣ / Э. Раҳмон. – Душанбе, 2009. – 414 с.
132. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих: Аз Ориён то Сомониён / Э. Раҳмон. Китоби якум. London: FlintriveredirionsGreatBritain, 1999. – 240 с.
133. Энсиклопедияи милли тоҷик. – Душанбе, 2014. – Ҷ.3. – С.98– 99.
134. Эркаев, М. Асари шоёни марксизми эҷодӣ / М. Эркаев // Болшевики Тоҷикистон. – Сталинобод, 1954. – №4.
135. Эркаев, М. Большие задачи кафедр марксизма-ленинизма / М. Эркаев // Коммунисти Таджикистана. – Сталинабад, 1954. 26 январ.
136. Эркаев, М. Дар бораи тарбияи интернатсионалии меҳнаткашон / М. Эркаев. – Сталинобод, 1954. – 22 с.
137. Эркаев, М. Дар саргаҳи маориф / М. Эркаев. – Душанбе: Ирфон, 1979. – 48 с.
138. Эркаев, М. Деҳқонони колхозӣ–бинокорони фаъоли сотсиализм / М. Эркаев. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 192 с.
139. Эркаев, М. За овладение марксизмом-ленинизмом / М. Эркаев // Ленинабадская правда. – Ленинабад, 1953. – 25 июля. – Ст.3.

140. Эркаев, М. Материалҳо оид ба таърихи халқи тоҷик (давраи советӣ) / М. Эркаев, А. Макашов, М. Марупов. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1957. – 518 с.
141. Эркаев, М. Муаллимон дар бораи мубориза барои Ҳокимияти Советӣ / М. Эркаев // Мактаби Советӣ. – Сталинобод, 1957. – №11. – С. 13 – 18.
142. Эркаев, М. Октябри Кабир ва азнавсозии сотсиалию мадании деҳот / М. Эркаев. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 159 с.
143. Эркаев, М. Очеркҳои таърихи Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон / М. Эркаев бо диг. – Душанбе: Ирфон, 1969. – 487 с.
144. Эркаев, М. Очеркҳои таърихи Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон (1903–1937гг.) / Дар ҳайати муаллифон. – Душанбе: Ирфон, 1980. –312 с.
145. Эркаев, М. След на земле / М. Эркаев // Вечерний Душанбе. – Душанбе, 1972. – 1 июл. – С.3.
146. Эркаев, М. Тарбияи интернатсионалии меҳнаткашон / М. Эркаев // Коммунисти Тоҷикистон. – Сталинобод, 1953. – №12. – С. 43 – 52.
147. Эркаев, М. Ҳизби коммунистии Иттифоқи Шуравӣ – пешво ва ташкилотчии Инқилоби Кабири Октябр / М. Эркаев // Коммунисти Тоҷикистон. – Сталинобод, 1954. – №11. – С.13 – 19.
148. Юсуфӣ Ю. Босмачиён / Ю. Юсуфӣ // Агентии итилоотии мустақил – ҳамсинф. – Душанбе, 2019. – 17 август.
149. Юсуфӣ Ю. Босмачиён / Ю. Юсуфӣ // Адабиёт ва санъат. –Душанбе, 2017. – №5. – С.8.
150. Ямоқов, Э. Нахустмактаби олии Тоҷикистон / Э. Ямоқов, Б. Мирзоев. – Душанбе: Маориф, 1991. – 272 с.

**Диссертатсия ва авторефератҳо:**

151. Абулхаев, Р.А. Упрочение Советской власти в районах верховьев Зеравшана (1918-1923): дисс... док. ист. наук / Р.А. Абулхаев. – Душанбе, 1970. – 260 с.

152. Бодурбекова, А.Н. Освещение истории женшин Таджикистана в трудах профессора Р.А. Набиевой: дисс... канд. ист. наук / А.Н. Бодурбекова. – Душанбе, 2019. – 186 с.
153. Джаборов, И.Р. Вклад академика С.А. Раджабов в развитие высшего образования и науки Таджикистана: дисс... канд. ист. наук / И.Р. Джаборов. – Душанбе, 2014. – 182 с.
154. Джобиров, Ф. Академик А.А. Семёнов – исследователь истории и культуры таджикского народа: дисс... канд. ист. наук / Р.Ф. Джобиров. – Душанбе, 2016. – 171 с.
155. Иркаев, М. Разгром последней басмаческой авантюры в Таджикистане: автореф. дисс... канд. ист. наук / М. Иркаев. – Сталинабад, 1953. – 38 с.
156. Каримов, О.К. Вклад академика Б.Г. Гафурова в создание истории таджикского народа: дисс... канд. ист. наук / О.К. Каримов. – Душанбе, 1999. – 184 с.
157. Карамалишоев, К.Н. Вклад академика Б.И. Искандарова в изучении социально – экономической и общественно – политической жизни таджикского народа в XIX и начале XX вв.: дисс... канд. ист. наук /К.Н. Карамалишоев. – Душанбе, 2019. – 184 с.
158. Насриддинов, Х. Вклад академика А.М. Мухторова в изучение истории таджикского народа: дисс... канд. ист. наук / Х. Насриддинов. – Душанбе, 2011. – 180 с.
159. Нурова, Х. С. Вклад академика Р.М. Масова в изучении истории и историографии таджикского народа: дисс... канд. ист. наук / Х.С. Нурова. – Душанбе, 2019. – 183 с.
160. Тожиев, Э.И. Вклад академика Б.А. Литвинского в изучение истории культуры Северного Таджикистана: дисс... канд. ист. наук / Э.И. Тожиев. – Душанбе, 2009. – 178 с.
161. Хамидов, Н. История становления и развития исторической науки в 30–80 гг. XX века в Таджикистане (на примере научного наследия

академика З.Ш. Раджабова): дисс... канд. ист. наук / Н.А. Хамидов. – Душанбе, 2009. – 186 с.

162. Шарофуддинов, С. Вклад академика В.В. Бартольд в изучение истории и культуры таджикского народа IX–XV вв.: дисс... канд. ист. наук / С.С. Шарофуддинов. – Душанбе, 2014. – 161 с.
163. Хаитов, А. Борьба партии за победу Октябрьской революции: дисс... канд. ист. наук / А. Хаитов. – Сталинабад, 1960. – 210 с.
164. Хаитов, А. Деятельность Коммунистической партии Таджикистана по развитию движения за коммунистический труд в промышлености (1958-1965): дисс... док. ист. наук / А. Хаитов. – Душанбе, 1969. – 353 с.
165. Иванов, Ф.Н. Компартия Таджикистана в борьбе за подготовку и воспитание колхозных кадров в 1953-1963 г.: дисс... канд. ист. наук / Ф.Н. Иванов. – Душанбе, 1963. – 285 с.
166. Иванов, Ф.Н. Деятельность компартии Таджикистана по организационно – хозяйственному укреплению колхозов (1946-1965): дисс... док. ист. наук / Ф.Н. Иванов. – Душанбе, 1976. – 378 с.

**Манбаъҳои электронӣ:**

167. Абдуллаев, К. История таджиков по свой трагичности не уступает сюжетам «Тихого Дона» [электронный ресурс] // www/asiaplustj.info. (дата обращения: 20.02.2020).
168. Векипедия. Мулло Эркаев [манбаи электронӣ] // https.tg.m.wikipedia.org. (санаи муроҷиат: 20.12.2018).
169. Давлатшоев, Р. Рӯзгоре барои ибрат [манбаи электронӣ] // www.jumhuriyat.tj. (санаи муроҷиат: 20.09.2021).
170. Мунавварова, Т.З. Педагогическая подготовка студентов исторических факультетов к учительской работе [электронный ресурс] // https://search.rsl.ru/ru/rekord/01008936258 / (дата обращения: 12.09.2020).
171. Одинаев, Ё. Босмачигӣ [манбаи электронӣ] // https://www.ozodi.org /a/ 25031383.html. (санаи муроҷиат: 20. 11. 2021).

172. Раҳмон Э. Бахшида ба 25–умин солгарди Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Баромад дар назди намояндагони илму маориф ва хизматчиёни давлатӣ (аз 4.11.2019) [манбаи электронӣ] // http.www.prezident.tj/nomt/21672 (санаи муроҷиат: 7.11.2019).

173. Раҳмон Э. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии кишвар (аз 28.12.2019) [манбаи электронӣ] // http.www.prezident.tj/nomt/21673 (санаи муроҷиат: 30.12.2019).

174. Равшанфикр. Инъикоси вазъи ҳарбӣ – сиёсии Тоҷикистон дар асари «Таърихи ҷанги гражданӣ дар Тоҷикистон»–и Мулло Эркаев (солҳои 20–и асри XX) [манбаи электронӣ] // http.// ravshanfikr.tj. (санаи муроҷиат: 18. 01. 2022).

175. Тамарина гора – символ борьбы с басмачеством в Таджикистане [электронный ресурс] // www.khorog.tj. (дата обращения: 5. 04. 2021).

176. Бузургонро бузургон зинда медоранд [манбаи электронӣ] // www.tgpu.tj. (санаи муроҷиат: 10. 11. 2021).

## 2. Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:

### А) Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

[1-М]. Давлатшоев, Р. Аввалин боргоҳи илми тоҷик – заминаи асосии рушди фаъолияти академик Мулло Эркаев / Р. Давлатшоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – №2. – С. 97 - 103.

[2-М]. Давлатшоев, Р. Омӯзгори асил, муаррих ва корманди ҷамъиятӣ / Р. Давлатшоев // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – №4. – С. 40 - 43.

[3-М]. Давлатшоев, Р. Муаррихи асил академик Мулло Эркаев / Р. Давлатшоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – №8. – С. 112 - 116.

[4-М]. Давлатшоев, Р. Труженик просвещения и науки / Р. Давлатшоев, Т.З. Мунавварова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – №10. – С. 33 - 37.

[5-М]. Давлатшоев, Р. Фаъолияти ташкилию ҷамъиятии академик Мулло Эркаев / Р. Давлатшоев, М. Мунавваров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – №7. – С. 60 - 67.

**Б) Мақолаҳои дар дигар маҷмуаҳои илмӣ, маҷаллаҳо ва маводҳои конференсиявӣ чоп шудаанд:**

[6-М]. Давлатшоев, Р. Омӯзгори асил, муаррих ва ходими ҷамъиятиву сиёсӣ (Настоящий учитель, историк и общественно – политический деятель) / Р. Давлатшоев // Ахтарони илми таърих (Маводи конференсияи илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Саҳми академик Мулло Эркаев ва профессор Одил Маҷлисов дар рушди илми таърихи ватанӣ»). – Душанбе: Мулквар, 2021. – С. 85-93.

[7-М]. Мунавварова, Т.З. Труженик просвещения и науки / Т.З. Мунавварова, Р. Давлатшоев // Ахтарони илми таърих (Маводи конференсияи илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Саҳми академик Мулло Эркаев ва профессор Одил Маҷлисов дар рушди илми таърихи ватанӣ»). – Душанбе: Мулквар, 2021. – С. 47-58.

[8-М]. Давлатшоев, Р. Нақши академик Мулло Эркаев дар назария ва амалияи касби омӯзгорӣ / Р. Давлатшоев // Масъалаҳои мубрами таълими таърих: мушкилот ва дурнамо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Маводи конференсияи илмӣ-методии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 115 – солагии Қаҳрамони Тоҷикистон, академик Бобоҷон Ғафуров 23 декабри 2023). – Душанбе, 2023. – С. 285-288.